ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ

МАҶАЛЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
“РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ”
№1, 2025

МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ТУРИЗМА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА
НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЙ ИНСТИТУТ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ И ЗЕЛЁНОЙ ЭКОНОМИКИ

МЕЖДУНАРОДНЫЙ ЖУРНАЛ
«УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ И ЗЕЛЁНАЯ ЭКОНОМИКА»
№1, 2025

INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM AND ENTREPRENEURSHIP OF TAJIKISTAN
RESEARCH INSTITUTE FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT AND GREEN ECONOMY

INTERNATIONAL JOURNAL
“SUSTAINABLE DEVELOPMENT AND GREEN ECONOMY”
№ 1, 2025

МАҶАЛЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
“РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ”

Муассиси маҷалла:
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Сармуҳаррир: Асрорзода У.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муовини сармуҳаррир: Шарофзода Ф.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз;

Ҳайати таҳририя:

Арабов Ф.П. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;

Қурбонова З.М. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, муовини директори Институт;

Маҷидов Ҳ. – доктори илмҳои техникӣ, профессор;

Котиби масъул: Ҳабибов А.Ҳ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:

- иқтисодиёт;
- илмҳои техникӣ;
- сиёсатшиносӣ.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии Институт: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.

E-mail:

Тел.:

Индекси обуна: 77815

МЕЖДУНАРОДНЫЙ ЖУРНАЛ
"УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ И ЗЕЛЕНАЯ ЭКОНОМИКА”

Учредитель журнала:
Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Главный редактор: Асрорзода У.С. - доктор экономических наук, профессор, ректор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
Заместитель главного редактора: Шарофзода Ф.Р. - доктор экономических наук, профессор, директор Научно-исследовательского Института устойчивого развития и зеленой экономики;
Редакционная коллегия:
Арабов Ф.П. - доктор экономических наук, доцент;
Курбонова З.М. - доктор политических наук, профессор, заместитель директора Института;
Маджидов Х. - доктор технических наук, профессор;

Главный секретарь: Хабибов А.Х. - кандидат экономических наук, доцент.

Журнал принимает к публикации научные статьи в следующих областях науки:
• экономика;
• технические науки;
• политология.

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Адрес редакции: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 48/5.
E-mail:
Тел.:
Подписной индекс: 77815

INTERNATIONAL JOURNAL
"SUSTAINABLE DEVELOPMENT AND THE GREEN ECONOMY"

Founder of the journal:
Scientific Research Institute for Sustainable Development and Green Economy
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

Editor-in-Chief: Asrorzoda U.S. - Doctor of Economics, Professor, Rector of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

Deputy Editor-in-Chief: Sharofzoda F.R. - Doctor of Economics, Professor, Director of the Research Institute for Sustainable Development and Green Economy;

Editorial Board:

Arabov F.P. - Doctor of Economics, Associate Professor;

Kurbonova Z.M. - Doctor of Political Sciences, Professor, Deputy Director of the Institute;

Majidov H. - Doctor of Technical Sciences, Professor;

Chief Secretary: Habibov A.H. - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor.

The journal accepts scientific articles in the following fields of science for publication:

- Economy;
- Technical sciences;
- Political science.

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

The Institute's address: 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan.

E-mail:

Tel.:

Subscription index: 77815

МУНДАРИҶА

Саҳ.

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

Асорзода У.С. Заминаҳои иқтисодӣ ва пешомадҳои рушди сайёҳӣ дар роҳи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон 6
Шарофзода Ф.Р. Особенности формирования институциональных основ зеленой экономики в Таджикистане 17
Азимова М.Т. Зеленая занятость в Таджикистане как стратегический ресурс устойчивого развития 23
Ҳабибов А.Ҳ. Муаммоҳои рушди устувор ва самаранокии низоми озуқавории Тоҷикистон 28
Ҳабибова С.С. Иқтидори соҳибкорӣ дар таҳкими рушди устувори бахши кишоварзӣ ва саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 38
Ҷаборова М.Ҷ. Таҳлили масъалаҳои мубрами экологӣ ва таъсири он ба вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷаҳонӣ 47
Маджиди У.К. Анализ литературы по зеленой экономике: комплексный подход 56
Алимова М.А. Теоретические аспекты циркулярной экономики 66
Сангова М. Методика ва тартиби муайян намудани дурнамо аз рӯи даромадҳои буҷетӣ давлатӣ тавассути рақамикунони молия 71

ИЛМҲОИ ТЕХНИКӢ

Алиева Л.З. Экономическая эффективность использования и коррозионно-электрохимическое поведение цинкового сплава ЦАМСв4-1-2,5, с литием 75
Изатуллозода Р.Х. Мушкилоти муомилот бо партовҳои саноатию маишӣ ва роҳҳои муосири коркарди онҳо 86

ИЛМҲОИ СИЁСӢ

Курбонова З.М. Зеленая дипломатия в действии: курс Таджикистана на региональное лидерство 94
Қурбонов М.М. Нақши дипломатияи сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалигардонии ҳадафҳои рушди устувор 102

Маводи интихобии конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз”

Қувватзода С.З. Гидрополитика ҳамчун самти нави илмҳои сиёсӣ ва таълимоти фаннӣ: вазифаҳо, усулҳои омӯзиш ва категорияҳои асосӣ 109
Хидирзода М.У. Баробарии гендерӣ дар заминаи ҳадафҳои рушди устувор: мавқеъ ва аҳамият 119
Punit Gaur. A cohesive strategy for addressing environmental issues and promoting sustainable development 125
Икромова М.Н. Водная дипломатия Таджикистана: инициативы и перспективы международного сотрудничества 133
Alimova Z.A. From model to action: New Zealand experience and practice of implementing sustainable development in Tajikistan 140
Исообобоев Ж.А. Устойчивое развитие и дипломатия в системе профилактики международных и региональных конфликтов 147

Маводи интихобии конференсияи байналмилалии “Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор”

Рауфӣ А.Таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёти Тоҷикистон 154
Усманова Т.Дж. «Зеленая экономика» как новая модель социально-экономической системы 160
Исайнов Х.Р. Формирование зеленой экономики Таджикистана как приоритетное направление устойчивого развития 167
Байкенова Г.Г., Оспанова Г.К., Бенц Т.В. Ресурсосберегающие технологии как фактор инновационного развития Казахстана 178

ТДУ 338.48

ЗАМИНАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ПЕШОМАДҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР РОҲИ УСТУВОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Асрорзода У.С.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар марҳилаи кунунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими иқтисоди миллӣ тадбирҳои устувор меандешад ва самтҳои муҳими иқтисодро ҳамчун омили рушд дар меҳвари сиёсати худ қарор додааст. Дар миёни ин самтҳо соҳаи сайёҳӣ мавқеи калидӣ дорад. Сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун падидаи бисёрҷабҳа арзёбӣ мешавад, ки ҳамгироии давлатҳоро афзоиш дода, ба густариши робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамояд. Барои Тоҷикистон ин бахш на танҳо як соҳаи хизматрасонӣ, балки омили воридшавӣ ба низоми муосири иқтисоди ҷаҳонӣ ва абзори рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина Пешвои миллат-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста зарурати рушди устувори соҳаи сайёҳиро таъкид менамоянд. Ҳамин сиёсат ва иқдомҳои мушаххаси роҳбарияти кишвар боис шуданд, ки сайёҳӣ дар солҳои охир ба як бахши ояндадор ва муҳими иқтисоди миллӣ табдил ёбад.

Аз иқдомҳои муҳимтарин дар ин самт эълон шудани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба шумор меравад, ки онро Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 22 декабри соли 2017 пешниҳод намуданд [14]. Баъдан, бо мақсади рушди деҳот ва таҳкими инфрасохтори зарурӣ, Президенти мамлакат солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карданд [15].

Ин ташаббусҳо ба густариши ислоҳоти куллӣ дар бахши сайёҳӣ замина гузоштанд. Соҳаи сайёҳӣ дар сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ба як самти стратегӣ табдил ёфтааст, ки метавонад барои тавозуни рушди минтақаҳои гуногун шароити мусоид фароҳам оварад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 2017 инҷониб шумораи ширкатҳои сайёҳӣ пайваста афзоиш ёфта истодааст (диаграммаи 1).

Диаграммаи 1. Афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (воҳид)

Diagram 1. Number of travel companies operating in the Republic of Tajikistan (units)



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [12,с.183; 13]

Ҳамин тавр, аз рӯи маълумоти диаграммаи 1 бармеояд, ки дар давраи солҳои 2017 то 2022 шумораи ширкатҳои сайёҳӣ аз 91 воҳид то 242 воҳид расидааст, яъне беш аз дуним маротиба афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, агар ба омори сайёҳони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, назар андозем, мебинем, ки солҳои 2020 ва 2021 коҳиши ҷиддӣ ба назар мерасад. Танҳо дар соли 2021 шумора нисбат ба соли 2019 тақрибан 4,2 маротиба кам шудааст. Сабаби асосии ин коҳиш пандемияи COVID-19 мебошад, ки фаъолияти сайёҳиро дар саросари ҷаҳон маҳдуд сохт. Пас аз беҳтар шудани вазъи эпидемиологӣ ин нишондод дубора боло рафт ва дар соли 2022 қариб ба 1 миллион нафар баробар гардид (диаграммаи 2).

Диаграммаи 2. Воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)

Diagram 2. Arrival of foreign tourists to the Republic of Tajikistan (thousands of people)



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [11; 12, с.183]

Бояд зикр кард, ки пандемияи COVID-19 ба рушди соҳаи сайёҳӣ зарбаи ҷиддӣ расонд. Яке аз нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад. Соли 2019 он ба 24,5 млн сомонӣ баробар буд, аммо соли 2020 то 7,7 млн сомонӣ коҳиш ёфт, яъне тақрибан 3,2 маротиба кам гардид (диаграммаи 3). Бо вуҷуди ин, маълумоти диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки соли 2021 ин нишондод афзоиш ёфта, ба 12,8 млн сомонӣ расид.

Диаграммаи 3. Динамикаи даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳазор сомонӣ, бе ААИ)/Graph 3. Dynamics of income from tourism services (thousand somoni, without VAT)

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [12, с.183]

Дар заминаи иқдомҳои созандаи Пешвои миллат, бо ҳадафи рушди соҳаи сайёҳӣ,



Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои субъектҳои бозори сайёҳӣ як қатор имтиёзҳои андозию гумрукиро ҷорӣ намудааст. Мувофиқи муқаррароти моддаи 189 Кодекси андоз,

ширкатҳои тоза таъсисёфтаи сайёҳӣ дар панҷ соли аввал аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ озод карда мешаванд. Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 251-и ҳамин кодекс, воридоти таҷҳизот, техника, масолеҳи сохтмонӣ ва дигар молҳо барои эҳтиёҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори онҳо (меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва дигар иншоот) бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намегардад [5]. Илова бар ин, дар моддаи 345 Кодекси гумрук воридоти таҷҳизот, техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои эҳтиёҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори онҳо аз пардохти боҷҳои гумрукӣ низ озод дониста шудааст [6].

Таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти олии кишвар ба соҳаи сайёҳӣ ба ҳадафи таҳкими иқтисоди миллӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ равона мебошад. Рушди ин бахш метавонад на танҳо самаранокии иқтисодиётро боло барад, балки истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ ва иқлими мусоиди ҷумҳуриро низ таъмин намояд. Сайёҳӣ ҳамчун як бахши ҳамгиро, ба тамоми соҳаҳои дигари иқтисод ва инфрасохтор таъсири мусбат расонида, ба рушди умумии кишвар мусоидат мекунад.

Дар Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз бахшҳои сердаромади иқтисоди ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Ин бахш дар таъмин кардани ҷойҳои корӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, такмили сиёсати давлатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори сайёҳӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои асосии иқтисодию иҷтимоии кишвар шуморида мешавад [18].

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи давлат, барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ таҳқиқ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ (туроператорҳо, агентҳои сайёҳӣ) ва корхонаҳои инфрасохторӣ зарур мебошад. Ин масъалаҳо мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифта, омӯхтани заминаҳои иқтисодӣ ва муайян кардани омилҳои рушдро талаб мекунанд. Бидуни таҳлили шароити иқтисодии соҳа, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва идоракунии муассир расидан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ ғайриимкон хоҳад буд.

Дар солҳои охир дар адабиёти илмии кишвар, бахусус дар корҳои олимони иқтисоддон, омӯзиши паҳлӯҳои иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ рушд ёфтааст. Аз ҷумла, асарҳои Х.Ҳ. Алишоев [1], М.С. Ғафорова [2], Б.Ҳ. Каримов [3], А.А. Мирзоалиев [10], М.А. Раҳимов [4], С.К. Ризоева [17], Қ.Х. Хушвахтзода [20] ва дигаронро метавон ёдовар шуд. Бо вуҷуди афзоиши таҳқиқот дар ин самт, ҳанӯз ҳам заминаҳои иқтисодӣ ва дурнамоҳои рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

Аз таҳлили адабиёти мавҷуда бармеояд, ки гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои фаровон барои рушди сайёҳӣ дорад, аммо истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ, сатҳи пасти рушди инфрасохтор, махсусан нақлиёт, ва идоракунии ғайримуассир имкон намедиҳад, ки тамоми иқтидори сайёҳӣ пурра ба кор бурда шавад. Тавре ишора шудааст: «Истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои сайёҳӣ, рушди нокифояи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва идоракунии номуносиби онҳо ба самаранокии пасти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ оварда мерасонад. Аз сабаби камбудиҳои ҷиддӣ дар инфрасохтори нақлиётӣ, имкониятҳои мавҷудаи рушди сайёҳӣ ба таври муносиб истифода намешаванд» [4, с.181].

Дар воқеъ, то имрӯз соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи рушде, ки ба иқтидори бойи захиравии он мувофиқат кунад, нарасидааст. Норасоии инфрасохтори зарурӣ барои хизматрасонии сайёҳӣ, камбуди механизмҳои самараноки идоракунии давлатӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, набудани ангезаи кофӣ барои ҷалби сармояи хусусӣ ба рушди соҳа, истифода нашудани усулҳои муассири таҳлили иқтисодии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохторӣ, инчунин норасоии шароити муносиб барои будубоши сайёҳон боис гардидааст, ки як қатор иншооти сайёҳӣ барои соҳибкорон ва муштариён, аз ҷумла сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ, дастнорас боқӣ монанд.

Яке аз омилҳои калидӣ барои рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ҳузури захираҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад, зеро онҳо худ ҳадафи асосии сафарҳои сайёҳон мебошанд. Омил дар соҳаи

сайёҳӣ шароит ё ҳолати муайянеро ифода мекунад, ки заминаи рушди фаъолияти сайёҳиро фароҳам месозад.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сарватҳои гуногуни табиӣ, иқлимӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ бо ҳам омехта шудаанд. Қариб 93 фоизи масоҳати кишварро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд. Манзараҳои нотакрори табиат, олами бототу ҳайвоноти хосаи кӯҳсор диққати хосса доранд. Дар ин мавзеъҳо рӯдхонаҳо, кӯлҳо, пиряхҳо ва чашмаҳои гарму шифобахш фаровонанд. Ин захираҳо таваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷиро ҷалб намуда, нишондиҳандаҳои иқтисодии сайёҳӣ, аз ҷумла шумораи сайёҳон, нархи хизматрасониҳо, ҷойҳои бездид, мавсими сафар ва давомнокии будубошро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бояд бо ба назар гирифтани тамоми захираҳои мавҷуда ва истифодаи оқилонаи онҳо дар саросари кишвар ташаккул ёбад.

Дар адабиёти илмӣ барои гурӯҳбандии омилҳои асосие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд, ду равиш истифода мешавад. Дар равиши аввал омилҳо аз ҷиҳати тағйирёбӣ ба ду қисм ҷудо карда мешаванд: собит ва тағйирёбанда [8, с.104].

Гурӯҳи омилҳои собит маҷмӯи захираҳои табиӣ, иқлимӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад. Онҳо хусусияти доимӣ дошта, аз замон вобаста нестанд ва инсон онҳоро мутобиқ сохта, барои истифода дастрас месозад. Иншооти сайёҳӣ, ки дар асоси чунин омилҳо фаъолият мекунанд, бештар аз ҷониби сайёҳон барои истироҳат, барқарорсозии саломатӣ ва рушди ҷисмонӣ интихоб мегарданд. Ҳамзамон, ёдгориҳои таърихӣ, осори меъморӣ ва маконҳои зиёратӣ низ ба ҳайси омилҳои собит арзёбӣ мешаванд, зеро онҳо ба рушди маънавӣ ва фарҳангии сайёҳон мусоидат мекунанд. Бо баланд шудани сатҳи маърифат ва дониш аҳамияти ин захираҳо боз ҳам меафзояд.

Ба гурӯҳи омилҳои тағйирёбанда бошад, омилҳои демографӣ (афзоиши аҳолӣ, зиёдшавии сокинони шаҳр ва кам шудани шумораи аҳолии деҳот, тағйироти синнусолии аҳолӣ), иҷтимоӣ (баланд шудани сатҳи некӯаҳволии дохилӣ ва хориҷӣ), иқтисодӣ (иваз шудани сохтори истеъмол, афзоиши ҳиссаи хизматрасониҳои сайёҳӣ дар хароҷоти хонаводагӣ), фарҳангӣ (баланд шудани сатҳи фарҳанг ва ҳавасмандӣ ба сафару шиносоӣ бо фарҳанги дигарон), техникӣ ва сиёсӣ дохил мешаванд. Ин омилҳо вобаста ба шароити замон ва макон арзиш ва аҳамияти гуногун касб мекунанд [16, с.136].

Тибқи андешаи пажӯҳишгарон С.М. Курбонова ва К.К. Акназаров, рушду такомули соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама аз чунин омилҳо вобаста мебошад: бартараф кардани номутаносибии миёни захираҳои табиӣ ва дараҷаи истифодаи онҳо; тавсеа ва таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои миллии сайёҳӣ бо ҳадафи ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ; дастгирии давлатӣ нисбат ба ширкатҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори марбут ба онҳо [9, с.58].

Баландравии сатҳи рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷудогонаи кишвар ба як қатор шароитҳо алоқаманд аст: дастрас будани имкониятҳои моддӣ барои зист ва иқомати сайёҳон (меҳмонхонаҳо), мавҷудияти муассисаҳои савдо ва хӯрокворӣ, сифати хизматрасонӣ дар иншооти сайёҳӣ, зарфияти минтақа барои қабули шумораи зиёди сайёҳон, вазъи экологӣ, сатҳи рушду тараққиёти иқтисодӣ, таъминот бо захираҳои меҳнатӣ ва имкониятҳои молиявии минтақа.

Бар асоси маълумоти оморӣ, ба ҳолати 1 марти соли 2023, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 242 ширкати сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии онҳо, 112 воҳид дар шаҳри Душанбе, 50 воҳид дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 43 воҳид дар вилояти Суғд фаъолият мекунанд (диаграммаи 4).

Равиши дуюм дар таснифи омилҳои рушди соҳаи сайёҳӣ онҳоро ба ду гурӯҳ – омилҳои беруна ва дохилӣ ҷудо мекунад. Ин омилҳо мустақиман ба фаъолияти сайёҳӣ алоқаманд набошанд ҳам, ба равандҳои он таъсир мерасонанд.

Диаграммаи 4. Тақсимоти ширкатҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (воҳид)

Diagram 4. Distribution of travel companies in the regions of the Republic of Tajikistan (units)



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [13]

Ба омилҳои беруна пеш аз ҳама тағйиротҳои демографӣ ва иҷтимоӣ мансубанд. Масалан, синну соли аҳолӣ, шумораи аҳолии дорои шуғл (аз ҷумла занон), маҳдудиятҳои муҳоҷиратӣ, бармаҳал ба нафақа баромадан, давомнокӣ ва тақсими рухсати меҳнатӣ, огоҳии аҳолӣ аз имкониятҳои сайёҳии минтақаҳо ва сатҳи зиндагии оилаҳо дар ҷойҳои мавҷудияти инфрасохтори сайёҳӣ метавонанд ба рушди он таъсир расонанд [19, с.85].

Ба ин гурӯҳ ҳамчунин омилҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дохил мешаванд, аз қабили беҳбуд ё бад шудани вазъи иқтисодӣ ва молиявӣ, боло ё поин рафтани даромадҳои шахсӣ, инчунин имконияти ҷудо кардани қисми даромад барои истироҳат ва табобат. Баланд шудани сатҳи таҳсилот, маърифат ва фарҳанг, инчунин эҳтиёҷоти зебоишиносӣ низ ба унвони омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ мешаванд. Ба ин навъ омилҳо метавон таваҷҷуҳи афзояндаи одамон ба шиносоӣ бо таърих, тарзи зиндагӣ ва фарҳанги халқҳои гуногунро низ мансуб донист. Ғайр аз ин, рушди инфрасохтори нақлиёт, амнияти сафар ва беҳтар шудани шароити савдо низ омили муҳими беруна мебошанд.

Дар миёни омилҳои беруна омили мавсимӣ мақоми ҷудогона дорад. Ҳаҷми хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ вобаста ба фасли сол тағйир меёбад. Барои кам кардани таъсири манфии мавсимият, аксар ширкатҳо нархгузории фарқкунандаи мавсимиро ҷорӣ мекунанд: болоравии нарх дар мавсими авҷ, поин бурдани нарх дар давраи коҳиши талабот ва нигоҳ доштани сатҳи миёнаи нарх дар фаслҳои байнимавсимӣ. Ин таҷриба қариб дар тамоми муассисаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла осоишгоҳҳо, санаторияҳо, марказҳои истироҳатӣ, маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ ва меҳмонхонаҳо роиҷ мебошад.

Омилҳои дохилӣ, баръакс, мустақиман ба фаъолияти соҳаи сайёҳӣ таъсир мегузоранд. Онҳо асосан бо шароити моддию техникии минтақаҳо, ки барои рушди сайёҳӣ аҳамият доранд, алоқаманд мебошанд. Омиле чун иқлим, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, таъминот бо захираҳои сайёҳӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ, сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ҳамаи ин ба рушди соҳа таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, суботи сиёсӣ муҳимтарин шарти пешрафти сайёҳӣ шуморида мешавад, зеро «субот гарави истироҳати осудаи мардум буда, онро бо пойдории низоми ҷамъиятӣ таъмин кардан мумкин аст» [7, с.37].

Омилҳои дохилӣ бештар бо фаъолияти муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ алоқаманданд. Инҳо меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, марказҳои табобатӣ ва солимгардонӣ, хонаҳои истироҳатӣ, пансионатҳо, пойгоҳҳои сайёҳӣ, инчунин ташкилотҳои нақлиётӣ, муассисаҳои хӯроки омма ва савдо мебошанд, ки дар маҷмӯъ ба сайёҳон хизмат мерасонанд.

Бар асоси маълумоти оморӣ, ба ҳолати 1 марти соли 2023 дар кишвар 295 воҳиди хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият доранд. Аз ин шумора 187-то меҳмонхона, 52 осоишгоҳ, 29

ҳостел ва мотел, 8 хонаи истироҳатӣ, 7 маркази табобатӣ ва солимгардонӣ, 6 осоишгоҳу лагери кӯдакона, 5 пойгоҳи сайёҳӣ ва 1 пансионат мебошанд (диаграммаи 5).

Диаграммаи 5. Субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (воҳид)

Diagram 5. Tourism service providers in the Republic of Tajikistan (units)



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [11]

Дар байни омилҳои дохилӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ таъсир мегузоранд, ҷойгоҳи омилҳои марбут ба бозори сайёҳӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Ба онҳо як қатор унсурҳое мансубанд, ки аз хусусиятҳои худи бозор бармеоянд ва фаъолияти ширкатҳо ва инфрасохтори сайёҳиро муайян месозанд [8, с.105]:

- вазъ ва тавозуни талаботу таклиф дар бозори сайёҳӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолият миёни субъектҳо ва кам кардани нишонаҳои инҳисоргароӣ дар бозор;
- ҷалби соҳибкории хусусӣ ба бахши сайёҳӣ;
- нақши васоити ахбори умум ва робита бо ҷомеа дар таблиғ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- истифодаи муассири захираҳои инсонӣ, ки аз сатҳи касбият ва фарҳанги хизматрасонии кормандон вобаста мебошад.

Истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ дар шароити имрӯза ба унвони яке аз омили калидии рушди соҳаи сайёҳӣ арзёбӣ мешавад. Бо вуҷуди мавҷудияти анъанаҳои ғании меҳмоннавозӣ, фарҳанги мукаммали соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ то ҳол ба таври комил ташаккул наёфтааст.

Кормандон дар ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои инфрасохторӣ на танҳо қувваи корӣ, балки ҷузъи муҳими маҳсулот ва хизматрасонӣ ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, сатҳи дониш, малака ва муошарати онҳо мустақиман ба сифати хизматрасониҳо таъсир мерасонад. Муомилаи хуш, ахлоқи баланди хизматрасонӣ ва фарҳанги муошират ба сайёҳон имкони дарки беҳтари таҷрибаи сафарро фароҳам меорад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти ширкатҳои сайёҳӣ баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти кормандон мебошад. Барои ин зарур аст, ки аз усулҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла илова ба маош вобаста ба ҳаҷми фурӯш, мукофотпулиҳои якдафъаина ва дигар имтиёзҳо истифода бурда шавад.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 27 январи соли 2022, №17 дар асоси Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ)-ро таъсис дод. Донишгоҳ дорои иқтидори баланд, пойгоҳи муосири

таълимӣ ва илмӣ мебошад ва нақши муҳимро дар омода кардани мутахассисони соҳибихтисоси соҳаи сайёҳӣ мебозад. Дар донишгоҳ ихтисосҳои гуногуни марбут ба туризм, меҳмондорӣ, менеҷмент, иқтисодиёт ва идоракунии соҳа, инчунин забонҳои хориҷӣ ва полиси сайёҳӣ омӯзонида мешаванд. Илова бар ин, дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Русия ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ барномаҳои муштарак ва дуалӣ татбиқ мегарданд.

Дар доираи ислоҳоти соҳа, донишгоҳ барномаҳои таълимиро бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ месозад, табодули академии донишҷӯён ва устодонро роҳандозӣ мекунад ва барномаҳои таълимии худро ба аккредитатсияи байналмилалӣ пешниҳод менамояд. Айни ҳол се барнома аккредитатсияро гузаштаанд ва даҳ барномаи дигар барои баррасӣ омода гардидаанд.

Соли 2022 дар ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди сайёҳӣ Маркази иттилоотӣ-сайёҳии шаҳри Душанбе дар назди ДБССТ таъсис ёфт, ки бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз мебошад. Ҳамзамон, дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ равияи сайёҳӣ таҳким меёбад, аз ҷумла дар Донишгоҳи миллӣ, Донишкадаи фарҳанг ва санъат ба номи Мирзо Турсунзода, Донишгоҳи тиҷорат ва Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ. Ғайр аз ин, дар Душанбе, Хоруғ, Панҷакент, Ваҳдат ва Варзоб марказҳои омӯзиши кормандони тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳо фаъолият доранд. Баррасиҳои роҳбарон ва менеҷерони ширкатҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи омодагии хатмкунандагон аксаран ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Таҳлили бозори сайёҳӣ дар Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки барои рушду такомули минбаъдаи соҳа як қатор монеаҳо бояд бартараф карда шаванд. Дар байни онҳо муҳимтаринашон чунинанд:

- такмили заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти ширкатҳо;
- таҷдиду навсозии инфрасохтор бо назардошти фарсудашавии ҷиддии таҷҳизот;
- ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ ва таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонии он;
- фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва арзёбии имкониятҳои ҷолибияти минтақаҳо;
- истифодаи шаклҳои муосири маблағгузорӣ (лоиҳавӣ, венчурӣ, қарзҳои инноватсионӣ);
- дастгирии рушди сайёҳии дохилӣ ва воридотӣ;
- истифодаи имкониятҳои маркетинг ва технологияҳои рақамӣ барои муаррифии маҳсулоти сайёҳӣ;
- сохтмон ва азнавсозии осоишгоҳҳо, пансионатҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва дигар иншооти инфрасохторӣ бо баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ;
- таҳияи стандартҳои илмӣ-асосноки хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ барои солимгардонӣ ва рушди технологияҳои нав;
- баланд бардоштани сатҳи омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар асоси барномаҳои муосир.

Ташкили равандҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба самтҳои афзалиятноки он такя кунад, то истифодаи ҳамаҷониба ва самараноки захираҳои мавҷудаи сайёҳӣ ва заминаҳои иқтисодии он таъмин гардад. Танҳо дар сурати идоракунии дуруст ва истифодаи оқилонаи имкониятҳои табиӣ ва инфрасохторӣ, кишвар метавонад рушди устувори намудҳои барои иқтисоди миллӣ муҳимро таъмин намояд. Ба чунин самтҳо пеш аз ҳама туризми табобатӣ ва солимгардонӣ, сайёҳии экологӣ, варзишӣ, кӯҳнавардӣ ва шикор дохил мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Алишоев Х.Ҳ., Раҳимов М.А. Сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – №4. – С. 102-106.
2. Ғафорова М.С. Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – №3(23). – С. 193-199.

3. Каримов Б.Ҳ., Расулов Х.Н. Сайёҳӣ чун соҳаи афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (27 марти соли 2021, ш. Душанбе). – Душанбе: ДССХ, 2021. – С. 198-202.
4. Каримов Б.Ҳ., Раҳимов М.А. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – №3(42). – С. 180–188.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code-18-03-2022-RT_tj.pdf (санаи мурочиат: 22.03.2023).
6. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 [Манбаи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/content/кодекси-гумруки-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи мурочиат: 22.03.2023).
7. Колесников А.М. Анализ факторов, влияющих на развитие рынка туристских услуг // Экономический вектор. – 2017. – №3(10). – С. 36-41.
8. Кондрашов Е.Г. Факторы формирования предпринимательства в туристической сфере России // Известия Волгоградского государственного педагогического университета. – 2011. – №9(63). – С. 103-107.
9. Курбанова С.М., Акназаров К.К. Развитие туризма в Республике Таджикистан на основе природно-рекреационных ресурсов // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем. Сб. ст. по материалам LXVIII междунар. науч.-практ. конф. – М.: Интернаука, 2023. – №2(61). – С. 56-63.
10. Мирзоалиев А.А., Сафаров А.М. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – №3(32). – С. 138-144.
11. Омори сайёҳӣ [Манбаи электронӣ]. – URL: https://ctd.tj/site/omori-sayyohi (санаи мурочиат: 22.03.2023).
12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 414 с.
13. Омори ширкатҳои сайёҳӣ [Манбаи электронӣ]. – URL: https://ctd.tj/safar-ba-tojikiston/shirkathoi-sayyohi/omori-shirkathoi-sayyohi (санаи мурочиат: 22.03.2023).
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017 [Манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 22.03.2023).
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018 [Манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 22.03.2023).
16. Пшеничных Ю.А. Основные условия, факторы формирования и развития туристского региона // Известия ТРТУ. – 2004. – №4(39). – С. 135-138.
17. Ризоева С.К. Ташаккул ва дурнамои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №3. – С. 254-259.
18. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://ctd.tj/sanadho/qonunho (санаи мурочиат: 22.03.2023).
19. Тягунова Н.М., Спорыш О.А. Анализ основных факторов и условий развития туристско-рекреационного комплекса Полтавской области // Вестник Белгородского университета потребительской кооперации. – 2010. – №4(36). – С. 84-89.
20. Хушвахтзода Қ.Х., Сайфуллоев Н.Н., Орзиева З.М. Ҷанбаҳои иқтисодии ташкил ва идоракунии рушди соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №2. – С. 154-161.

ЗАМИНАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ПЕШОМАДҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР РОҲИ УСТУВОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннотатсия. *Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо шарофати шароити мусоиди иқлимӣ, мавҷудияти захираҳои табиӣ ва солимгардонӣ, инчунин осори зиёди таърихию фарҳангӣ, заминаҳои пуриқтидор барои рушди сайёҳӣ фароҳам омадаанд. Аз ин рӯ, имрӯз соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва ояндадори рушди иқтисодиёти миллӣ эътироф гардидааст. Бо вуҷуди ин, истифодаи нооқилонаи захираҳои сайёҳӣ, рушди нокифояи инфрасохтори сайёҳӣ ва идоракунии номуносиби онҳо монеаи ҷиддӣ дар роҳи самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳа мегарданд. Сатҳи пасти рушди инфрасохтор боиси он мешавад, ки захираҳои мавҷудаи сайёҳӣ ба таври муносиб истифода нашаванд.*

Дар мақола заминаҳои иқтисодӣ ва омилҳои ташаккул ва рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ таҳқиқ гардида, дурнамоҳои рушди он муайян шудаанд. Тасдиқ гардидааст, ки бо истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва дигар захираҳо метавон соҳаи сайёҳиро дар кишвар рушд дод. Бе таҳлили амиқи шароит ва заминаҳои иқтисодии ташаккул ва рушди сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин идоракунии самараноки фаъолияти субъектҳои бозори сайёҳӣ ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар ин самт ғайриимкон мебошад. Нишондиҳандаҳои асосии вазъи соҳаи сайёҳӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, омилҳои боздорандаи рушди он муайян карда шудаанд. Дар асоси таҳқиқ, бо мақсади бартараф кардани монеаҳои рушди иқтисодии ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохторӣ, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ таҳия гардидаанд. Ба масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ дар рушди сайёҳӣ, аз ҷумла баланд бардоштани нақши кормандон дар фаъолияти корхонаҳои соҳа, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, рушди касбият, фарҳанги соҳибкорӣ ва муносибати мутахассисон бо сайёҳон, инчунин омодасозии кадрҳои соҳавӣ, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст.

Калидвожаҳо: *Сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, субъектҳои бозори сайёҳӣ, захираҳои сайёҳӣ, идоракунии самараноки ширкатҳои сайёҳӣ, фарҳанги соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ ба сайёҳон, сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ.*

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА НА ПУТИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В Республике Таджикистан, благодаря благоприятным климатическим условиям, наличию природных рекреационных ресурсов, а также множеству памятников истории и культуры, имеется мощная база для развития туризма. В связи с этим на сегодняшний день индустрия туризма признана одним из приоритетных и перспективных направлений развития национальной экономики. Тем не менее, нерациональное использование туристских ресурсов, недостаточное развитие объектов туристической инфраструктуры и неэффективное управление ими препятствуют обеспечению продуктивной деятельности предприятий туристической отрасли. Из-за низкого уровня развития инфраструктуры имеющиеся ресурсы не используются в полной мере и не приносят ожидаемой экономической отдачи.

В статье рассматриваются экономические предпосылки, а также факторы становления и развития туризма как одной из приоритетных сфер экономики. Определены перспективы дальнейшего развития отрасли. Подтверждено, что при грамотном использовании природных богатств и иных доступных ресурсов туризм в стране способен стать двигателем социально-экономического роста. Достижение целей государственной политики в сфере туризма невозможно без глубокого анализа экономических условий и факторов развития отрасли, повышения качества туристских продуктов и услуг, а также внедрения эффективных механизмов управления субъектами туристического рынка. Проведен анализ основных показателей, характеризующих текущее состояние индустрии туризма, выявлены ключевые барьеры и сдерживающие факторы её развития. На этой

основе предложены рекомендации по устранению препятствий, мешающих экономическому росту туристических компаний и объектов инфраструктуры.

Особое внимание уделено вопросам эффективного использования человеческого потенциала: повышению профессионального уровня работников, улучшению качества предоставляемых услуг, развитию предпринимательской и сервисной культуры, а также подготовке квалифицированных специалистов для работы в отрасли.

Ключевые слова: *туризм, туристические фирмы, предприятия туристической инфраструктуры, субъекты туристического рынка, туристические ресурсы, эффективное управление, деловая и сервисная культура, качество туристических продуктов и услуг.*

ECONOMIC BACKGROUND AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF TOURISM ON THE PATH TO SUSTAINABLE GROWTH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the Republic of Tajikistan, favorable climatic conditions, abundant natural recreational resources, and numerous historical and cultural monuments provide a strong foundation for the development of tourism. As a result, the tourism industry is currently recognized as one of the priority and promising sectors for the development of the national economy. However, the irrational use of tourism resources, the underdevelopment of tourism infrastructure, and poor management practices hinder the effective operation of tourism enterprises. Due to the low level of infrastructure development, the available resources for tourism growth are not being utilized effectively. This article examines the economic preconditions and key factors influencing the formation and development of tourism as a strategic sector of the national economy. It also outlines the prospects for further growth. The findings confirm that tourism in Tajikistan can be effectively developed through the rational use of natural and other available resources.Achieving the objectives of state tourism policy is not possible without a comprehensive analysis of the economic conditions and foundations for tourism development, improvements in the quality of tourism products and services, and the implementation of effective management practices among tourism market participants.

The article analyzes and evaluates the main indicators reflecting the current state of the tourism industry and identifies the factors that impede its development. Based on this analysis, practical recommendations and proposals have been formulated to eliminate barriers to the economic growth of tourism companies and infrastructure enterprises.

Special attention is given to the efficient use of human resources in the tourism sector. This includes increasing employee contributions to enterprise performance, enhancing service quality and professional development, promoting business and customer service culture, and training qualified specialists to meet the needs of the tourism industry.

Keywords: *tourism, tourism firms, tourism infrastructure enterprises, tourism market entities, tourism resources, effective management of tourism enterprises, business culture and tourist services, quality of tourism products and services.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асрорзода Убайдулло Саттор*** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 907-50-15-66. E-mail: ubaydullo08051986@mail.ru

Сведения об авторе: ***Асрорзода Убайдулло Саттор*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: (+992) 907-50-15-66. E-mail: ubaydullo08051986@mail.ru

Information about the author: ***Asrorzoda Ubaidullo Sattor*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address:**

734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. Phone: (+992) 907-50-15-66. E-mail: ubaydullo08051986@mail.ru

ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ ОСНОВ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Шарофзода Ф.Р.
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Формирование зеленой экономики в Республике Таджикистан прошло несколько ключевых этапов, каждый из которых отражал изменение международной конъюнктуры, внутренние потребности устойчивого развития и степень готовности национальных институтов к переходу на экологически ориентированную модель роста. Эволюция этого процесса демонстрирует, как стратегические приоритеты охраны окружающей среды интегрировались в экономическую политику и институциональную систему страны.

Первый этап: Институциональные предпосылки и международное позиционирование (2000-2009 гг.)

Начало XXI века стало важной вехой в экологической политике Таджикистана. В 2000 году Республика Таджикистан инициировала проведение Международного года пресной воды, который позже был официально провозглашен Генеральной Ассамблеей ООН на 2003 год (Резолюция A/RES/55/196). Эта инициатива подчеркнула роль Таджикистана как глобального водного участника и актуализировала вопросы устойчивого водопользования на национальном уровне.

В период 2000-2005 гг. в стране разрабатывались базовые стратегические и программные документы в сфере экологии. В числе первых - Национальный план действий по охране окружающей среды, Концепция охраны окружающей среды, программа по борьбе с опустыниванием и стратегия по сохранению биоразнообразия. Существенное значение имело принятие Закона Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» в редакции, адаптированной к новым международным требованиям. В 2002 году был создан Комитет по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан, которому поручено координировать природоохранную деятельность на государственном уровне.

С этого периода Таджикистан стал активным участником международных природоохранных программ и соглашений. В частности, республика ратифицировала Конвенцию о биологическом разнообразии, Рамочную конвенцию ООН об изменении климата, Конвенцию ООН по борьбе с опустыниванием и ряд других международных документов. Было установлено сотрудничество с ПРООН, UNEP, ЮНЕСКО, GEF и другими структурами. Реализовывались пилотные проекты, направленные на устойчивое землепользование, защиту горных экосистем и развитие альтернативной энергетики в сельских районах. Также началось формирование системы экологического мониторинга, включая метеонаблюдения, оценку качества воды и воздуха, инвентаризацию биоразнообразия [10].

Второй этап: Международная интеграция и программная консолидация (2010-2020 гг.)

Период с 2010 года ознаменовался активной интеграцией Таджикистана в международную экологическую повестку. Важным событием стало участие республики в Конференции ООН по устойчивому развитию (Рио+20, 2012), где была представлена национальная позиция по вопросам устойчивого использования водных ресурсов, борьбы с деградацией земель и продвижения зеленой экономики в горных странах [19].

В 2016 году была принята Национальная стратегия развития Таджикистана на период до 2030 года, в которой отдельное внимание уделено вопросам охраны окружающей среды, рационального использования природных ресурсов и адаптации к изменениям климата. В этот же период страна ратифицировала Парижское соглашение, взяв на себя обязательства по снижению выбросов парниковых газов и развитию низкоуглеродной экономики [5].

В течение 2010-х годов были реализованы десятки программ и проектов с участием международных доноров, включая строительство малых ГЭС, внедрение систем капельного орошения, проекты по переработке твердых бытовых отходов, озеленению городов и повышению осведомленности населения. Особое значение имело создание специализированных структур – таких как Агентство по гидрометеорологии, подразделения по оценке экологического ущерба и адаптации в структурах исполнительной власти.

На законодательном уровне происходила гармонизация природоохранных норм с международными стандартами, была разработана новая редакция Водного кодекса и приняты нормативные акты по экологическому аудиту, экологической экспертизе и управлению отходами.

Третий этап: Институционализация зеленой трансформации (2020-н.в.)

С 2020 года экологическая повестка окончательно перешла из периферийной в стратегическую. Важнейшим достижением стало принятие в 2022 году «Стратегия развития «зеленой» экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы». Этот документ впервые системно объединил климатическую, энергетическую, аграрную, промышленную и образовательную политику под эгидой устойчивого развития. Он определяет четкие цели, индикаторы, этапы реализации и механизмы координации.

Стратегия предполагает несколько этапов реализации: до 2025 года - подготовительный, с акцентом на создание правовой базы и кадров; 2026-2031 гг. - этап модернизации и институциональных реформ; 2032-2037 гг. - масштабная трансформация ключевых секторов экономики. В приоритет вошли декарбонизация энергетики, цифровизация водного сектора, устойчивое сельское хозяйство, развитие зеленого транспорта и замкнутых производственных циклов.

В институциональном плане создана Межведомственная комиссия по вопросам зеленой экономики и научно-исследовательские структуры. Развиваются партнерства с университетами и частным сектором, стимулируются зеленые инвестиции, в том числе через механизм налоговых льгот и зеленых облигаций. Акцент также сделан на развитии системы образования – внедряются учебные курсы по устойчивому развитию, зеленой экономики и экологическому праву. Большое внимание уделяется цифровизации экологических процессов, включая развитие национальных платформ для мониторинга углеродного следа и водного баланса.

Таким образом, формирование зеленой экономики в Таджикистане прошло путь от локальных инициатив и международного позиционирования к институционализированной государственной стратегии, соответствующей глобальным вызовам и ориентированной на устойчивое будущее страны.

Принятая в 2022 году «Стратегия развития «зеленой» экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы» представляет собой ключевой документ, определяющий ориентиры долгосрочного устойчивого развития страны. Ее появление обусловлено необходимостью адаптации национальной экономики к глобальным экологическим вызовам, усиления климатической устойчивости, а также повышения ресурсной и энергетической эффективности.

Стратегия учитывает международные обязательства Таджикистана, включая Парижское соглашение, Цели устойчивого развития (ЦУР), а также рекомендации международных организаций. Она служит логическим продолжением Национальной стратегии развития Таджикистана на период до 2030 года и интегрирует климатическую политику с национальной системой социально-экономического планирования [7].

Основные цели стратегии:

– снижение уровня деградации природных ресурсов и биоразнообразия;

– декарбонизация энергетического сектора и повышение доли возобновляемых источников энергии;

– формирование институциональных механизмов устойчивого землепользования;

– развитие зеленых финансов и привлечение экологически ориентированных инвестиций;

– повышение уровня экологической культуры и образования в обществе;

– создание устойчивой инфраструктуры и модернизация промышленных мощностей на принципах цикличности и низкоуглеродности;

– стимулирование инноваций в области климатических технологий.

Стратегия опирается на межсекторальный и интеграционный подход, обеспечивающий взаимодействие между секторами экономики и уровнями управления. Она предполагает последовательную трансформацию отраслей, включая энергетику, сельское хозяйство, транспорт, промышленность, ЖКХ и систему образования. При этом особое внимание уделено водному сектору, учитывая водные ресурсы как главный природный капитал страны.

Стратегия предполагает диверсифицированную систему финансирования, включающую:

– выпуск государственных зеленых облигаций;

– участие в международных климатических фондах (Зеленый климатический фонд, Глобальный экологический фонд);

– государственно-частное партнерство (ГЧП);

– субсидирование устойчивых технологий и стартапов;

– фискальные стимулы и налоговые льготы для экологически ответственного бизнеса.

Предусмотрена реализация национальной системы индикаторов, согласованных с международными стандартами (UNEP, OECD, UNFCCC). Прогресс по стратегии будет оцениваться ежегодно, с пятилетними стратегическими ревизиями и корректировкой приоритетов в зависимости от внешней среды и внутренней реализации.

Таким образом, Стратегия формирует основу для комплексного перехода к устойчивой, климатически нейтральной и инновационной модели экономики Таджикистана, интегрированной в глобальную архитектуру устойчивого развития.

Переход к зеленой экономике в Республике Таджикистан требует не только стратегического планирования, но и эффективного институционального и нормативно-правового обеспечения. Эти механизмы формируют фундамент для реализации экологической политики, содействуют устойчивому природопользованию, стимулируют зеленые инвестиции и обеспечивают участие различных акторов в процессе экологической трансформации.

В Таджикистане сформирована база нормативно-правовых актов, направленных на регулирование вопросов охраны окружающей среды и устойчивого развития. Дополнительно ведется работа над разработкой Экологического кодекса Республики Таджикистан. Нормативные акты направлены на создание условий для рационального природопользования, внедрение энергоэффективных технологий, развитие экологического образования и укрепление устойчивых практик в различных секторах экономики [11].

Система управления в сфере зеленого развития в Республике Таджикистан включает в себя следующие ключевые структуры, как Комитет по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан; Министерство энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан; Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан; Агентство по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан и др.

Республика Таджикистан активно взаимодействует с международными организациями в области устойчивого развития и зеленой экономики. Наиболее значимыми партнерами являются ПРООН, UNEP, Всемирный банк, ADB, GIZ, EC, UNESCAP, Green Climate Fund, FAO, ЮНИСЕФ и ОБСЕ. Благодаря их поддержке реализуются следующие направления:

– пилотные проекты по энергоэффективности и возобновляемым источникам энергии;

– программа «Зеленая трансформация в Центральной Азии»;

– проекты Всемирного банка в области водных ресурсов и землепользования;

– программы UNEP по зеленой торговле и устойчивому производству;

– развитие институционального потенциала в рамках инициативы «Климатическое финансирование» от Green Climate Fund.

Несмотря на достигнутые успехи, существуют ряд институциональных и нормативных ограничений:

– фрагментированность законодательной базы;

– дублирование функций и недостаток координации между государственными структурами;

– слабая институционализация устойчивого финансирования (например, отсутствуют стабильные механизмы выпуска зеленых облигаций);

– ограниченные финансовые и кадровые ресурсы в регионах;

– недостаточная интеграция цифровых решений в мониторинг и отчетность;

– низкий уровень экологической культуры среди населения и предпринимательского сектора.

В целях преодоления существующих вызовов и повышения эффективности реализации зеленой трансформации предлагаются следующие меры:

– завершение разработки Экологического кодекса и гармонизация законодательства с международными стандартами;

– внедрение национальной системы мониторинга, отчетности и верификации (MRV);

– формирование механизмов устойчивого финансирования (экофонды, налоговые льготы, зеленые инвестиции);

– развитие цифровых инструментов управления и мониторинга (ГИС, спутниковые технологии);

– организация образовательных программ и тренингов для госслужащих, общественных объединений и бизнес-структур;

17. Neik T.X., Kadambot H.M., Siddique S.M., Edwards D., Batley J., Mabhaudhi T., Song B.K., Massawe F. Diversifying agrifood systems to ensure global food security following the Russia–Ukraine crisis. Frontiers in Sustainable Food Systems, 2023. №7: 1124640.
18. Pellegrini G., Silva de Mattos C., Otter V., Hagelaar G. Exploring how EU agri-food SMEs approach technology-driven business model innovation. International Food and Agribusiness Management Review, 2023. №26(3): 577-595. https://doi.org/10.22434/IFAMR2022.0122
19. Principato L. Food Waste at Consumer Level. A Comprehensive Literature Review. Springer Cham. 2018. https://doi.org/10.1007/978-3-319-78887-6
20. Qayumov M. Environmental Sustainability to Boost Sustainable Trade Practices in Tajikistan. 2025. 10.13140/RG.2.2.36588.68480.
21. Reardon T., Vos R. How resilience innovations in food supply chains are revolutionizing logistics, wholesale trade, and farm services in developing countries. International Food and Agribusiness Management Review, 2023. №26: 1-12. 10.22434/IFAMR2022.0138.
22. Verni M., Casanova F. The Potential of Food By-Products: Bioprocessing, Bioactive Compounds Extraction and Functional Ingredients Utilization. Foods, 2022. №11: 4092. https://doi.org/10.3390/foods11244092

МУАММОҲОИ РУШДИ УСТУВОР ВА САМАРАНОКИИ НИЗОМИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннотатсия. *Тадқиқот масъалаҳои муосири рушди устувори низоми озуқаворӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва миллиро баррасӣ намуда, робитаи онҳоро бо рӯзномаи экологӣ муайян намуда, самтҳои асосии ҳалли ин мушкилотро баррасӣ кардааст. Таҳлили вазъи муосири кишоварзӣ ҳамчун заминаи асосии ашёи хом, ва саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, ки ҳам тамоюлҳои мусбат ва ҳам манфиро нишон дод. Инчунин нақши муҳими саноати хӯрокворӣ дар сохтори саноати кишвар қайд гардида, хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир муайян карда шуданд. Самаранокии истифодаи баъзе коркардҳо, аз ҷумла бо иштироки муаллиф, дар низоми озуқаворӣи ҷумҳурӣ дар шароити мураккаби релефӣ, ки ба коҳиши талафоти маҳсулот ва дигар хароҷоти истеҳсолӣ-капиталӣ мусоидат мекунанд, ҳисоб карда шудааст. Дар маҷмӯъ, сатҳи самаранокии фаъолият ва устуворӣи низоми озуқаворӣ дар коркарди намудҳои нави маҳсулот, азхудкунии технологияҳо ва техникаи нав, баланд бардоштани самаранокии азхудкунии ҳама намудҳои захираҳо, беҳтар кардани вазъи муҳити зист ифода меёбад.*

Калидвожаҳо*: устуворӣ, самаранокӣ, рушд, кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, амнияти озуқаворӣ, Тоҷикистон.*

ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ И УСТОЙЧИВОСТИ РАЗВИТИЯ ПИЩЕВОГО ПОДКОМПЛЕКСА ТАДЖИКИСТАНА

Аннотация. *В исследовании проведен обзор современных проблем устойчивого развития пищевого подкомплекса на глобальном и национальном уровне, установлена их связь с экологической повесткой, актуализированы основные направления решения данных проблем. Проведен анализ современного состояния сельского хозяйства, как основной сырьевой базы, и пищевой промышленности Республики Таджикистан, который показал как положительные так и негативные тенденции. Также отмечена важная роль пищевой промышленности в структуре промышленности страны, определены специфические*

особенности функционирования предприятий пищевой промышленности в современных условиях. Рассчитана эффективность применения некоторых разработок в пищевом подкомплексе республики в сложнорельефных условиях, способствующих сокращению потерь продукции и других производственно-капитальных расходов. В целом, уровень эффективности функционирования и устойчивости пищевого подкомплекса выражается в разработке новых видов продуктов, освоении новых технологий и техники, повышении эффективности освоения всех видов ресурсов, улучшении состояния экологической среды.

Ключевые слова: *эффективность, устойчивость, развитие, сельское хозяйство, пищевая промышленность, продовольственная безопасность, Таджикистан.*

WAYS TO INCREASE THE EFFICIENCY AND SUSTAINABILITY OF TAJIKISTAN'S AGRI-FOOD SYSTEM

Abstract.*The research provides an overview of the current problems of sustainable development of the agri-food system at the global and national levels, establishes their relationship with the environmental agenda, and updates the main directions for solving these problems. The analysis of the current state of agriculture, as the main raw material base, and the food industry of the Republic of Tajikistan has been carried out, which has shown both positive and negative trends. The important role of the food industry in the structure of the country's industry was also noted, and the specific features of the functioning of food industry enterprises in modern conditions were identified. The effectiveness of the application of some developments, including with the participation of the author, in the agri-food system of the republic in complex relief conditions, contributing to the reduction of product losses and other production and capital costs, is calculated. In general, the level of efficiency of the functioning and sustainability of the agri-food system is expressed in the development of new types of products, the development of new technologies and techniques, increasing the efficiency of the development of all types of resources, and improving the state of the ecological environment.*

Keywords: *efficiency, sustainability, development, agriculture, food industry, food security, Tajikistan.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳабибов Абдураҳмон Ҳакимбоевич*** – Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайеҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ходими пешбари илмии шуъбаи саноати сабз ва иқтисодиёти даврагӣ. Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5.Телефон: (+992) 901080144. Почтаи электронӣ: habibov@bk.ru

Сведения об авторе: ***Хабибов Абдурахмон Хакимбоевич*** – Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зелёной экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Ведущий научный сотрудник отдела зелёной индустрии и циркулярной экономики. Кандидат экономических наук, доцент. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада 48/5. Телефон: (+992) 901-08-01-44. E-mail: habibov@bk.ru

Author Information: ***Abdurahmon Hakimboevich Khabibov*** – Research Institute for Sustainable Development and Green Economy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Senior Research Fellow, Department of Green Industry and Circular Economy. PhD in Economics, Associate Professor. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Av. Phone: (+992) 901-08-01-44. E-mail: habibov@bk.ru

УДК:338.339

ИҚТИДОРИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТАҲКИМИ РУШДИ УСТУВОРИ БАХШИ КИШОВАРЗӢ ВА САНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳабибова С.С.
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайеҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи ҳамаҷониба ва дастгирии давлатии ҳамаи намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ хусусан дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва савдо яке аз самтҳои стратегии ноил шудан ба рушди устувори иқтисодиёт ва баланд бардоштани дараҷаи некӯахволии халқ мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ташаккул ва рушди соҳибкории саноатӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ва ҳаматарафа дода, дар ин самт маҷмӯи тадбирҳоро оид ба дастгирии соҳибкории муосир таҳия ва дар фаъолияти иқтисодӣ пайваста амалӣ намуда истодааст. Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2024 нақш ва саҳми бахши хусусӣ ва субъектҳои соҳибкориро барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, рушди устувори иқтисодӣ миллӣ дар навбати аввал қайд гардида, таваҷҷӯҳ ва дастгирии давлатӣ дар байни тадбирҳои андешидашуда дар самти рушди бахши хусусӣ ва шарикии он бо давлат, қабул ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, консепсия ва барномаҳои рушди соҳибкорӣ барои даврaҳои гуногун, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эълони бекор кардани санҷиши фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ (ғайр аз санҷишҳои мақомотҳои андоз) то соли 2027, ҳавасмандгардонии сармоягузории мустақими хориҷӣ, таъсиси фонди дастгирии давлатии рушди ин соҳа аз ҳисоби маблағҳои бюҷети давлатӣ нишон дода шуд.

Саноат ва навсозии он, рушди соҳибкории хурду миёна ва калонро давлат дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ ҳамчун самти ояндадор ва афзалиятноки рушди устувори иқтисоди миллӣ эълон кардааст. Ин соҳа ба таври хаққонӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳиму аввалиндараҷаи тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва давраи ислоҳоти бозор ҳисобида мешавад. Имрӯз тақрибан 75 дарсади афзоиши тавлидоти саноатӣ дар Тоҷикистон аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ дигар бахшҳои соҳаи саноат ба даст омадааст. Аммо дар бозори дохилӣ бо вуҷуди рушди устувори соҳаи саноат, ҳанӯз ҳиссаи ками махсулоти саноати ватанӣ мавҷуд аст, ки қаноатманкунанда нест. Сарфи назар аз мавҷудияти имкониятҳои бузург, содироти маҳсулоти саноатӣ дар айни ҳол на ба талаботи муосир ва на ба суръати рушди корхонаҳои саноатӣ ва на ба бозори ҷаҳонии рақобати молу хизматрасонӣ ҷавобгӯ нест.

Таҳлили гузаронидаи мо дар асоси маълумоти оморӣ барои солҳои 2000-2022 нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии махсулоти соҳаи саноати дохилӣ тамоюли рушд дорад, яъне бо самти дуруст пеш рафта истодааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2015 ин нишондод 43025 млн. сомониро дар нисбат ба 5995 млн сомонӣ дар соли 2000 ташкил медод, яъне дар зарфи 22 сол он ба маблағи 37030 млн. сомонӣ ё худ ба 7,2 баробар афзудааст. Суръати миёнаи солонаи афзоиши махсулоти саноат дар ин давра зикршуда 7,9 фоизро ташкил додааст.

Ғанӣ гардонидани бозор бо молҳои истеъмолии халқ ба дараҷаи тараққиёти истеҳсолоти дохилии маҳсулоти саноатӣ ва соҳаи кишоварзӣ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки тайи солхои 1991-1996 кам шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва соҳаи кишоварзӣ ва дар баробари он паст рафтани сатҳи фаъолияти инвеститсионӣ мушоҳида карда шуд. Дар ин шароити душвор ислоҳоти хоҷагии халқ, ташаккул додан ва инкишоф додани фаъолияти соҳибкорӣ ва дастгирии давлатӣ, тезонидани тараққиёти хоҷагии халқ ва дар навбати аввал соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ба миён омад.

Раванди рушди стратегии саноати ватанӣ, кишоварзӣ, энергетика, сохтмон ва дигар бахшҳои иқтисоди миллии кишвар барои таъмини рушди иқтисодӣ ва таъмин намудани бозор бо молҳои истеъмолӣ аҳамияти аввалиндараҷа ва ояндадор дорад.

Саноат ва соҳаҳои афзалиятноки он хӯрокворӣ, сабук, химия ва интегратсия бо тараққиёти соҳаи энергетика метавонанд дар роҳи тараққиёти устувори хоҷагии халҳ пешравиро таъмин кунанд.

Чунон ки таҳлил нишон дод, на базаи маълумоти оморию молиявӣ, балки базаи моддию техникии бисьёр корхонаҳои истеҳсолие, ки дар солҳои шӯравӣ сохта шуда буданд, ба талаботи имрӯзаи технологии шароити бозор ҷавоб дода наметавонанд. Мувофиқи маълумотҳои омории расмӣ дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ ва саноати ҷумҳурӣ дар тайи солҳои дар боло зикргардида 40-45 фоизи арзиши аслиро ташкил додааст. Вазъияти мураккаби ба амаломада албатта, имкон намедод, ки маҳсулоти хушсифат истеҳсол карда шавад ва корхона бо роҳи мустаҳкам намудани мавқеи содиротии худ ба бозори ҷаҳонӣ дохил шуда наметавонад. Ҷумҳурӣ табиист, ки бинобар ин вазъи солҳои гузашта, дар он солҳо тавозуни нобаробар дошт, яъне ҳаҷми молхои воридотӣ аз ҳаҷми экспорт чандин баробар зиёд аст.

Дар натиҷаи чунин фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, аз як тараф, иқтидори бузурги иқтисодӣ самаранок истифода бурда намешавад, аз тарафи дигар, саноат ва умуман мамлакат даромади зиёди арзро аз даст медиҳад.

Бахши агросаноатии ҷумҳурӣ соҳаи пешбарандаи хоҷагии халқ мебошад. Вай дар байни дигар соҳаҳои хоҷагии халқ мухимтарин ба шумор меравад, зеро он тараққиёти устувори хоҷагии халқ ва амнияти озукавории мамлакатро таъмин менамояд.

Ҷидду ҷахде, ки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо сектори хусусӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ барои мустахкам намудани базаи моддию техникии бахши агросаноатӣ сарф мекунад, дар ҳиссаи калони ин соҳа ва ҳаҷми умумии маҳсулоти умумии мамлакат ифода меёбад (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фоиз) [6. С.15]

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**									
	1991	**2000**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**
ММД, %	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
Вазни қиёсии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал дар мувофиқат бо ҳама категорияҳои хоҷагиҳо дар ҳаҷми умумии ММД	36,5	41,3	21,9	20,8	20,3	19,8	20,9	22,7	22,4	24,6

Тавре аз ҷадвали маълумот дида мешавад, ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тақрибан 24,6 фоизро ташкил медиҳад, ки аз самти рушди соҳаи кишоварзии кишвар шаҳодат медиҳад. Агар бо нархҳои ҷорӣ бигирем, он гоҳ соли 2022 он 39,8 миллион сомонӣ ё 24,6%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бо дарназардошти вазъи бавуҷудомада солҳои зиёд сиёсати мақсаднок ва пайгиронаи иқтисодиро пеш мебарад, ки ба барқарор кардан ва рушди соҳаҳои саноат, ҳамчун самти стратегии таъмини рушди иқтисодӣ ва дастгирии давлатии рушди содироти махсулоти саноатӣ нигаронида шудааст.

Барои дар амал ҷорӣ кардани иқтидори техникӣ-иқтисодии саноат нақшаи комплексии чорабиниҳо оид ба ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ, аз он ҷумла маблағгузории бевосита, ташкил ва инкишоф додани шабакаи корхонаҳои муштарак, андозбандии имтиёзнок барои корхонаҳои навтаъсис, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, шаклҳои пешқадами ташкил ва идоракунӣ дар сатҳи воҳидҳои истеҳсолӣ-ҳамчун субъеектҳои хоҷагиҳои бозорӣ мураттаб сохта шудаанд.

Нақш ва аҳамияти муҳими ташаккули заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии танзим ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёнаро дар саноат махсусан

қайд кардан зарур аст. Сарфи назар аз муваф-фақиятҳои ба дастомада, инкишофи нобаробари соҳибкории хурду миёна ва калон вуҷуд дорад.

Дар ҷумҳурӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун як бахши афзалиятноки бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ давра ба давра ислоҳот гузаронида мешавад. Бо ташаббус ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 105 ҳазор га замин ҷудо карда шуд аз ҳисоби заминҳои фонди давлатӣ барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷудо карда шуд, ки воқеан боиси рушди бахши хусусӣ дар бахши кишоварзии иқтисод гардида, ба рушди соҳибкорӣ ва ба таври назаррас афзудани истеҳсоли бисёр намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва ғанӣ гардонидани бозори истеъмолии ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Ҳамин тавр, асоси иқтисодиёти миллиро аз ҳамон хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) низ ва ғайра ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, корхонаҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун шакли корхонаи истеҳсолӣ дар саноат бартарӣ пайдо карданд (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Динамикаи шумораи хонаводаҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳо. [4. С. 14]

Солҳо	Корхонаҳои кишоварзӣ				Хоҷагиҳои деҳқонӣ
	Дар ҷамъ	Аз он ҷумла:			
		Колхозҳо	Совхозҳо	Сохторҳои байнихоҷагӣ	
2000	310	207	95	8	9293
2005	61	12	46	3	23101
2010	6	1	5	-	51372
2015	-	-	-	-	123379
2016	-	-	-	-	145107
2017	-	-	-	-	164631
2018	-	-	-	-	172668
2019	-	-	-	-	171975
2020	-	-	-	-	179005
2021	-	-	-	-	167009
2022	-	-	-	-	172107
2022 бо % нисбат ба 2000	-	-	-	-	18,5 раз
2022 бо % нисбати ба 2015	-	-	-	-	139,5

Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ аз соли 2000 то имрӯз ба 172,1 ҳазор адад расида, ба шакли асосии соҳибкории саноатӣ табдил ёфтаанд.

Айни замон шумораи хоҷагиҳои деҳқонии ба қайд гирифташуда, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ба 171,1 ҳазор шумора расида, андозаи миёнаи қитъаи замин 24,8 гектарро ташкил медиҳад. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2022 (172,1 ҳазор адад) нисбат ба соли 2000 (12,6 ҳазор адад) ба 158,5 ҳазор адад ва ё 13,7 баробар. афзоиш ёфт.

Тезонидани раванди ба муносибатҳои бозорӣ ворид намудани кишоварзӣ дар натиҷаи қабули як қатор қонунҳои бунёдӣ: «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), «Дар бораи иҷора», «Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон Точикистон» ва ғайра вобаста аст. Тезонидани раванди ба муносибатҳои бозорӣ ворид намудани кишоварзӣ дар натиҷаи қабули як қатор қонунҳои бунёдӣ: «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), «Дар бораи иҷора», «Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон Точикистон» ва ғайра вобаста аст.

Бо максади дар амал татбик намудани қисматҳои асосии Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодии комплекси агросаноатӣ ва баланд бардоштани самараи иқтисодиёт, ташаккул додани бозори мол ва ашьёи хом, ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолкунандагон ва зиёд

кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз 25 июни соли 1996. № 522 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи азнавташкилдиҳии корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» ба тасвиб расид.

Бо мақсади амиқ татбиқ намудани ислоҳоти иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ боз як Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июли соли 1999 № 1323 «Дар бораи азнавташкилдиҳии корхонаҳои кишоварзӣ» бароварда шуд, ки тибки он дар ибтидои соли 2000 110 корхонаю ташкилот ба хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил дода шуданд.

Дар баробари ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ду қарор аз 22 ноябри соли 1996 № 698 «Дар бораи ҷудо намудани 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагидории шахсии шаҳрвандон» ва аз 18 феврали соли 1998 № 45 аз 22 ноябри соли 1996 № 698 қабул кард, «Дар бораи ҷудо кардани 25 ҳазор гектар замин » барои пеш бурдани хоҷагиҳои назди ҳавлигии шаҳрвандон», ки барои ҳавасманд гардондан ва афзоиши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҷумҳурӣ имкониятҳои реалӣ фароҳам меоваранд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ҳиссаи хоҷагиҳои шахсии аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии кишвар аз 54,2 фоизи соли 1997 то 83,6% дар соли 2022 афзуд.

Аммо барои боз ҳам зиёд кардани самараи кори корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, ба фикри мо, Барномаи миёнамуддати комплекси озукавориро дар давраи то соли 2030 бо назардошти ҳалли вазифаҳои зерини афзалиятнок тартиб додан зарур мебошад: [5. С. 112]

- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти корхонаҳои самараноки мутобиқ ба ҷорӣ кардани инноватсияҳо дар комплекси агросаноатӣ;
- муҳайё намудани шароити зарурӣ барои суръат бахшидан ба рушди истеҳсолоти комплекси агросаноатии кишвар;
- дарназардошти тамоюлҳои ҷаҳонии ҷаҳонӣ ва таҷрибаи кишварҳое, ки ба рушди назарраси комплекси агросаноатӣ ноил гардидаанд дар ҳамоҳангӣ бо хусусиятҳо ва анъанаҳои таърихию миллӣ;
- татбиқи хусусигардонии корхонаҳои саноатии давлатӣ ва ташаккули сохторҳои оқилонаи истеҳсолӣ ва шаклҳои рақобатпазири идоракунӣ дар давраи ташаккули рушди устувори иқтисодиёти миллӣ;
- таъсиси шабакаи кофии инфрасохтори истеҳсолӣ ва бозории комплекси агросаноатӣ;
- беҳтар намудани фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ тавассути пурзӯр намудани ҷалби манбаъҳои нави сармоягузорӣ (қарзҳои дарозмӯҳлат ва миёнамӯҳлати бонк, маблағҳо аз барориши саҳмияҳои корхонаҳои саҳомӣ, маблағҳои шахсони воқеӣ, маблағҳои буҷетӣ), маблағҳои худи корхонахо, сармоягузориҳои хориҷӣ ва ғайра);
- дигаргунсозии иҷтимоии деҳот.

Ба ғайр аз усулҳои бозории худидоракунӣ, дар соҳаи идоракунии самарабахши хоҷагии қишлоқ, идоракунии давлатӣ-хоҷагӣ бояд дар доираи оқилона, аз ҷумла, бо роҳи додани карзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андоз ва субсидияҳо, на тезонидани суръати масулотбарорӣ моҳирона ба кор бурда шавад. афзоиши иқтисодӣ. тараққӣ додани истеҳсолоти дохилии молҳои истеъмолии халқ.

Дар фаъолияти идоракунии хоҷагиҳои комплекси агросаноатӣ дар қатори дигар усулҳои худидоракунӣ мебояд ба таври оқилона идоракунии давлатӣ-иқтисодиро низ истифода бурд, ки он бо роҳи пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳо барои рушди устувори истеҳсолоти молҳои истеъмолии ватанӣ амалӣ карда мешавад.

Таҳлили вазъи соҳаи кишоварзии кишвар нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ дорои омилҳои ташаккулдиҳанда ва ҳам омилҳои маҳдудкунандаи рушди ояндаи истеҳсолот мебошад, ки онҳо қабл аз ҳама захираҳои заминӣ ва обӣ мебошанд, ки на танҳо маҳдуд мебошанд, балки истифодаи амалии онҳо бо харҷи на кам вобастаанд.[3. С. 154]

Зимнан, захираҳои замини Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле маҳдуданд. Масоҳати кӯҳҳои ҷумҳурӣ 93 фоизи қаламрави онро ташкил медиҳад ва танҳо 3,3 фоизи онро заминҳои кишт ташкил медиҳанд, ки зиёда аз 80,9 фоизи онро чарогоҳҳои мавсимӣ ташкил медиҳанд. Мувофики маълумоти Вазорати кишоварзӣ он миқдор заминҳое, ки дар баланс дорад, то 1 октябри соли 2000, 850 ҳазор. барои заминҳои ба таври интенсивӣ истифодашаванда барои кишоварзӣ дошт (заминҳои корам ва заминҳои зироатҳои бисёрсола). Ба миқдори умумӣ дар ҷумҳурӣ миқдори заминҳои корам – 713 ҳазор га-ро ташкил мекунанд, ки аз он 90% ММД ташкил мекунад, ки аз ҳисоби маҳсулоте, ки аз соҳаи кишоварзӣ ҳосил карда мешавад.

Афзоиши назарраси демографӣ дар Тоҷикистон, сарфи назар аз азхудкунии босуръати заминҳои нави обёришаванда дар давоми 33 соли охир боиси кам шудани таъминоти заминҳои обӣ ба ҳар сари аҳолӣ гардид (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.

Шумораи аҳолӣ ва масоҳати замин, аз ҷумла майдонҳои кишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1991-2022. [7, с. 11; 310]

Нишондиҳандаҳо	соли 1991	соли 2000	соли 2005	соли 2010	соли 2015	соли 2020	соли 2022	соли 2022 нисбат ба соли 2000 бо %
Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири сол, ҳазор нафар	5505,6	6264,6	6842,2	7621,2	8551,2	9716,8	10078,4	160,8
Ҳаҷми умумии масоҳати замин , ҳазор га	14254,5	14255,4	14255,4	14255,4	14137,7	14137,9	14137.9	99,1
Заминҳои кишти кишоварзӣ, ҳазор га	4434,1	4126,5	3864,6	3746,0	3612,0	3673,7	3668.9	88,9
Аз он ҷумла: заминҳои кишт	811,2	130,1	709,0	673,1	653,2	662,0	660.1	5,1
Вазни қиёсии заминҳои кишти кишоварзӣ нисбат ба масоҳати умумии замин, %	31,1	28,9	27,1	26,3	25,5	25,9	26,0	-2,9

Маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ҳиссаи заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоби фоизи масоҳати умумии заминҳои ҷумҳурӣ дар соли 2022 - 26,0 фоиз ва дар соли 1991 - 31,1 фоизро ташкил дод, яъне дар ин давра ба андозаи 2,9 фоиз кам шуд. Ҳамзамон масоҳати майдони умумии замин ва масоҳати майдони кишоварзӣ низ кам шуда, шумораи аҳолӣ 160,8 фоиз афзудааст.

Аз нуқтаи назари мо, самти муҳими таъмини рушди устувори комплекси агросаноатии кишвар бояд ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба ин бахши иқтисодиёт бошад. Дар баробари ин, таъсиси корхонаҳои муштарак, суғуртаи таваккалҳои ғайритиҷоратӣ, бунёди корхонаҳои воридотвазкунанда барои истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷии маҳсулоти кишоварзӣ умедбахшанд.

Амнияти озуқаворӣ вазъи воқеии иқтисодиёти ҷумҳуриро нишон медиҳад, ки дар асоси он истиқлолияти озуқавории кишвар таъмин мегардад, дастрасии ҷисмонӣ ва

иқтисодии маҳсулоти озуқаро ба аҳолӣ ба миқдоре, ки ба меъёрҳои оқилонаи истеъмолӣ ҳаст, навъҳои асосии маҳсулоти озуқавориро барои фаъолияти пурмаҳсул ва ҳаёти солиму тарзи дурусти зиндагӣ зарур аст, кафолат медиҳад.

Вобаста ба ин, дар зери мафҳуми истиқлолияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд истеҳсоли устувори маҳсулоти озуқавории ватании ҳаётан муҳим, дар ҳаҷми на камтар аз арзиши ҳадди ниҳоии ҳиссаи он ва захираҳои молии намудҳои дахлдори маҳсулот фаҳмида шавад. Тавре аз ин фаҳмиш бармеояд, барои таъмини воқеии амнияти озуқаворӣ ҳалли масъалаи истиқлолияти озуқаворӣ тавассути истеҳсоли маҳсулоти озуқавории ватанӣ амалӣ мегардад.[8. С. 87].

Тавре таҳқиқот нишон дод, бо вуҷуди натиҷаҳои мусбате, ки дар рушди фаъолияти фаъоли соҳибкорӣ дар шароити ислоҳоти бозор ба даст омадааст, он ба як қатор монеаҳо дучор меояд. Баъзе аз онҳо аз қабили зер ҳастанд:

- нокифоя будани ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, махсусан дар бахшҳои афзалиятноки саноат ва кишоварзӣ;
- сатҳи пасти рушди корхонаҳои инноватсионӣ, аз ҷумла бахши соҳибкории хурд ва миёна;
- сарбории баланди андоз ва меъёрҳои андоз ба корхонаҳои истеҳсолии бахши воқеии иқтисодиёт, ки амиқтар кардани ислоҳотро дар ин самт тақозо менамояд;
- пурра бартараф накардани ҳолатҳои дахолати маъмурӣ ва тафтишу амали нолозим ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва савдо;
- набудани захираҳои молиявию қарзӣ барои рушди босуръати соҳибкорӣ ва корхонаҳои инноватсионии миёна ва фоизи баланди қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ;
- дараҷаи баланди фарсудашавии фондҳои асосии мавҷуда ва суръати ниҳоят сусти гузаштан ба таҷҳизоти технологии революционии базаи моддию техникии корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ аз ҳисоби комьёбиҳои навтарини прогресси илму техника ва фаъолияти эҷодӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ;
- мустахкам намудани мавқеи танзими давлатӣ ва дастгирии тараққиёти босуръати саноати хӯрокворӣ, сабук, химия, коркард, энергетика, истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, савдои молҳои истеъмолии халқ ва ғайра;

Стратегияи рушди минбаъдаи босуръати иқтисодии соҳибкорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар аз 22 декабри соли 2016 ва дар минбаъда Паёмҳои ҳамасолаи роҳбари давлат, аз ҷумла дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2024 дарҷ гашта, асоси худро пайдо намудаанд. Дар ин Паёмҳои ҳамасолаи сарвари давлати Тоҷикистон то ин давра самтҳои асосии сиёсати дохидӣ ва хориҷии давлат, дурнамои рушди иқтисодиёти миллии кишвар бо назардошти тамоми соҳаҳои онро барои то давраи соли 2030 муайян гардидааст.

Дар ин ҳуҷҷати муҳими таърихӣ Президенти кишвар, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан қайд карданд, ки: “То соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 25 фоиз ва ҳаҷми содирот 2,0 баробар зиёд карда шавад. Дар ин давра ба рушди афзалиятноки корхонаҳои истеҳсолӣ таъмин гардида, ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа дода, ҳиссаи сармояи хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ бояд 2,0 баробар зиёд карда шавад. Ин тадбир бояд ба иштироки фаъолонаи ҷумҳурӣ дар бозори нави содиротии маҳсулоти ватанӣ мусоидат намуда, вобастагиро аз воридоти молҳои истеъмолиро коҳиш диҳад, барои рушди бахши воқеӣ шароит фароҳам оварда, даромади буҷети давлатиро афзоиш диҳад. Дар давраи дарозмуддат то соли 2030, бо назардошти тамоми захираҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ 3,6 баробар,

сатҳи камбизоатӣ 2,0 баробар коҳиш ёфта, ҳиссаи аҳолии дорои даромади миёна дар ин давра аз 22 то 50 фоиз зиёд мешавад, фазои сармоягузорӣ беҳтар ва ҳиссаи сармояи хусусӣ дар ММД 3,0 баробар меафзояд..... "[1.С.36]

Ҳамин тавр, рушди устувори соҳибкорӣ, аз ҷумла бахши инноватсионии хурд ва миёнаи иқтисодиёти воқеӣ роҳи стратегии таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии ҷумҳурӣ дар дарозмуддат то соли 2030 буда, аҳамияти муҳими иҷтимоию иқтисодӣ дошта, некӯаҳволии мардумро баланд мебардорад.

Ҳалли бомуваффақияти ин вазифаи стратегӣ такмили шаклу равиш ва татбиқи идеяи ислоҳоти бозор, сафарбар намудани захираҳои иқтидорӣ ва соҳаҳои иқтидордори истеҳсолоти моддӣ, инкишофи сармояи инсонӣ ва истифодаи имкониятҳои модернизатсия, равишҳои инновационӣ равишҳо дар бахши соҳибкориро талаб менамояд.

Муққариз: Ҷамшедов Маҳмадназар Ҷамшедович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

АДАБИЁТ:

1. Эмомали Рахмон. Послание Основоположника мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан в Маджилси Оли Республики Таджикистан от 26 декабря 2023 г. – Душанбе: Изд. компллекс «Шарки озод». – 36 с.; Послание Основоположника мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Талжикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28-го декабря 2024 года
2. Аминов И. Анализ развития коммерческого предпринимательства в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, 2011, № 1/Душанбе: ТГУК.
3. Валиев Н.Ш., Бойназарова М.М Механизм государственной поддержки производственного предпринимательства в сельском хозяйстве. Вестник Технологического университета Таджикистана. - Душанбе. – 2023. - № 2 (53) – С. 152 – 163.
4. Гендерные показатели в дехканских хозяйствах. Статистический сборник. Душанбе, 2023. С. - 14
5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Душанбе, 2016 - 123 с.
6. Сельское хозяйство в Республике Таджикистан, статистический сборник, Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, 2023, с.15
7. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). – Душанбе: Госкомстат Республики Таджикистан. – 2023. – 419 с.
8. Хабибова С.С. Стратегия обеспечения продовольственной безопасности и развитие рынка продовольственных товаров в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научно-практический журнал). -Душанбе: ТГУК, 2012, №1 (2). - С. 86-89

ИҚТИДОРИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТАҲКИМИ РУШДИ УСТУВОРИ БАХШИ КИШОВАРЗӢ ВА САНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннотатсия. *Мавзӯи тадқиқот самтҳои муосир ва умедбахши сиёсати давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна дар комплекси аграрию саноатӣ (КАС) мебошад.*

Дар шароити кунунии дар амал татбиқ шудани соҳибкории хурду миёна такягоҳи қавии иқтисоди миллии кишвар ҳисобида мешавад Аз ҳамин нуқтаи назар, мақсади омӯзиш ва таҳлили илмию тадқиқотии мақолаи мазкур дар он аст, омузиши паҳлуҳои гуногуни дастгирии давлатии соҳибкорони хурд ва миёна, аз ҷумла дар савдои чакана ва КАС

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Объекти тадқиқот сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар савдои дохилӣ ва соҳаи саноат мебошад. Дар мақолаи зикршуда, инчунин таҷрибаи хориҷии давлатҳои тараққикарда дар ин ин самт омӯхта шуда ва баъзе роҳҳои судманди он барои истифода дар бахши соҳибкории хурди ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст. Дар мақола хулоса шуд, ки вазифаи афзалиятнок дар соҳаи соҳибкории хурд дар маҷмӯъ шароити мусоиди иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои пешбурди он фароҳам овардан зарур аст.

Вожаҳои калидӣ: *фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории хурду миёна, савдои чакана, компекси агросаноатӣ, рушди саноатӣ, истеҳсолоти моддӣ, омилҳои иқтисодӣ, фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ, танзими давлатӣ, дараҷаи некуаҳволии халқ,бозори ҷаҳонӣ, ислоҳоти бозорӣ, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои инноватсионӣ.*

ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКИЙ ПОТЕНЦИАЛ В УКРЕПЛЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО И ПРОМЫШЛЕННОГО СЕКТОРОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Аннотация. *Предмет исследования - современные и перспективные направления государственной политики поддержки предпринимательства в сфере АПК, так как предпринимательство - это основа сильной экономики страны. Целью данной статьи является исследование различных аспектов государственной поддержки предпринимательства в секторе малого и среднего бизнеса, в том числе розничной торговли и АПК в Республике Таджикистан. Объект исследования - государственная политика Республики Таджикистан в области поддержки малого и среднего бизнеса. В статье автром также исследуется зарубежный опыт развитых стран в этой области и предлагаются полезные способы его использования предпринимательства в секторе малого бизнеса, розничной торговли и АПК страны. Автором сделан вывод, что приоритетной задачей сферы малого и среднего бизнеса в розничной торговле и АПК целом является создание благоприятных экономических и правовых условий для его продвижения.*

Ключевые слова: *предпринимательство, малый и средний бизнес, розничная торговля, агропромышленный комплекс, развитие промышленности, материальное производство, экономические факторы, государственный фонд поддержки предпринимательства, государственное регулирование, уровень благосостояния населения, мировой рынок, рыночные реформы, экологически чистая продукция, крестьянские (фермерские) хозяйства, инновационные предприятия.*

ENTREPRENEURIAL POTENTIAL IN STRENGTHENING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE AGRICULTURAL AND INDUSTRIAL SECTORS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Abstract. *The subject of the study is modern and promising directions of state policy to support entrepreneurship in the agro-industrial complex, since entrepreneurship is the basis of a strong national economy. The purpose of this article is to study various aspects of state support for entrepreneurship in the sector of small and medium-sized businesses, including retail and agro-industrial complex in the Republic of Tajikistan. The object of the study is the state policy of the Republic of Tajikistan in the field of supporting small and medium-sized businesses. The article also examines the foreign experience of developed countries in this area and suggests useful ways to use it for entrepreneurship in the small business, retail and agro-industrial sectors of the country. The author concluded that the priority task of the sphere of small and medium-sized businesses in retail trade and the agro-industrial complex as a whole is to create favorable economic and legal conditions for its promotion.*

Key words: *entrepreneurship, small and medium business, retail trade, agro-industrial complex, industrial development, material production, economic factors, state fund for entrepreneurship support, state regulation, level of welfare of the population, world market, market reforms, environmentally friendly products, peasant (farm) households, innovative enterprises.*

Маълумот оид ба муаллиф: ***Ҳабибова Сабоҳат Сафиувлоевна*** **–** Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Котиби илмӣ. Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5. Тел.(+992) 882497171. E-mail: sabokhat.khabibova.7@mail.ru

Сведения об авторе: Хабибова Сабохат Сафиувлоевна – Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Научный секретарь. Кандидат экономических наук, и.о. доцента. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада 48/5. Тел.(+992) 882497171. E-mail: sabokhat.khabibova.7mail.ru

About the author: Khabibova Sabokhat Safiuvloevna – Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Scientific secretary. Candidate of economic sciences, acting associate professor. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Av. Tel. (+992) 882497171. E-mail: sabokhat.khabibova.7mail.ru

ТАҲЛИЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ЭКОЛОГӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ҶАҲОНӢ

Ҷаборова М.Ҷ.

Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Тағйирёбии иқлим барои инсоният масъалаи ҷаҳонӣ ва дарозмуддат буда, маҷмӯи муносибатҳои мураккаби байни равандҳои иқлимӣ, экологӣ, иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва институтсионалиро фаро мегирад. Тағйирёбии иқлим бо аксари масъалаҳои дигари ҷаҳонии экологӣ алоқамандии зич дорад. Низоми иқлим як неъмати ҷамъиятӣ ва як навъ "манбаи кушодаи дастрас" бе истисноӣ ва рақобатнопазирӣ барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон мебошад, ки ҳамоҳангсозии амалҳои ҳамаи кишварҳоро барои мубориза ва мутобиқ шудан ба тағйирёбии иқлимро талаб мекунад.

Беэътиноии маҳдудиятҳои экологӣ ва рушди номаҳдуди шакли техногении иқтисодиёти ҷаҳон ба пайдоиши масъалаҳои экологии ҷаҳонӣ оварда расонда, ҳар яке он боиси таназзули тамаддуни инсоният гашта истодааст. Дар байни инҳо чунин масъалаҳоро метавон ҷудо намуд: тағйирёбии ҷаҳонии иқлим, биёбоншавӣ, ҷангалнесткунӣ, камомади ашёи хом, камшавии қабати озон, боронҳои кислотӣ, норасоии оби тоза, ифлосшавии уқёнуси ҷаҳонӣ, нобудшавии намудҳои ҳайвонот ва растаниҳо (камшавии гуногунии биологӣ ва вайроншавии экосистемаҳо) ва ғайра.

Ихтисор кардани масъалаҳои экологии ҷаҳонӣ бо ҳифзи неъматҳои ҷамъиятии ҷаҳонӣ алоқамандии зич дошта ва биосфераи сайёраи мо аз он вобаста аст. Неъматҳои ҷамъиятии ҷаҳонӣ неъматҳое мебошанд, ки манфиатҳои онҳо барои одамон (ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ), кишварҳо, наслҳо (муосир ва оянда) универсалӣ мебошанд. Аксар вақт чунин намуд неъматҳоро "дастовардҳои ҷаҳонӣ"-и башарӣ меноманд. Барои неъматҳои ҷамъиятии ҷаҳонӣ истисноӣ ва рақобатнопазирӣ барои тамоми инсоният, тамоми кишварҳои ҷаҳон ва наслҳо хос аст. Ҳавои атмосфера, низоми иқлим, қабати озон ва бисёр неъматҳои дигар умумӣ ҳастанд ва ҳеҷ як кишвари ҷаҳон наметавонад аз истифодаи неъматҳои глобалии экологӣ хориҷ карда шавад. Истеъмоли ин неъматҳо аз ҷониби як кишвар наметавонад истеъмоли онҳоро аз ҷониби кишвари дигар коҳиш диҳад, дар ин ҷо кишварҳо рақиб нестанд.

Набудани рақобат дар истеъмол низ аксар вақт ҳамчун фоидаи тақсимнашаванда муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, танҳо бо кӯшиши муштараки ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи ҳифзи экосистемаи ҷаҳонӣ, тамоми биосфераи сайёра ҳал карда мешавад. Дар байни сабабҳои вайроншавии экологии неъматҳои ҷамъиятии ҷаҳонӣ "нокомии бозор", бесамарӣ ва заиф будани механизмҳои бозор, ки наметавонанд ифлосшавии ҳаво, тағийрёбии техногении манзараҳо, коҳиши гуногунии биологиро пешгирӣ кунанд, хеле равшан аст. Аксари неъматҳои ҷаҳонӣ ё нархи бозорӣ, ё арзиши ночиз доранд, зеро ҳар кас метавонад аз неъмати ғайритиҷоратӣ ройгон истифода барад ва арзиш барои истеъмолкунандагони ғайирақобатнок барои чунин неъмат амалан ба сифр баробар аст. Ҳамаи ин ба истифодаи ғайрисамараноки онҳо оварда мерасонад.

Муноқишаи инсон бо табиат тӯли ҳазорсолаҳо идома дорад. Харобшавии заминаи табиӣ боиси нобудшавии бисёр тамаддунҳои Қадимии Осиё, Аврупо, Амрико гардид. Ҳазорсолаҳо пеш дар аҳроми Хеопс навишта шуда буд:"Одамон аз нотавонии истифодаи қувваҳои табиат ва надонистани ҷаҳони ҳақиқӣ, мефавтанд"[1, С. 35]. Миқёси муосири таназзули табиат бесобиқа аст. Афзоиши бемаҳдуди истеҳсолот ва истеъмол дар ҷаҳон дар даҳсолаҳои охир ба муҳити зист таъсири ҷаҳонии номусоид дорад. Танҳо дар як шабонарӯз аҳолии Замин 20 ҳазор гектар ҷангалро бурида, 12,5 миллион тонна озуқаворӣ истеъмол мекунад (аз он тақрибан 30% ба партовҳо меравад), 4,8 миллион тонна партовҳоро ташашаккул медиҳад, зиёда аз 255 ҳазор тонна моҳӣ ва маҳсулоти баҳриро сайд мекунад, қариб 90 мегатон CO_2-ро ихроҷ мекунад [3, 78-79].

Номутаносибии байни рушди иқтисодӣ ва таназзули экологӣ дар ҷаҳон ба таври интиқодӣ шиддат гирифт. Дар тӯли се даҳсолаи охир афзоиши бузурги ММД ҷаҳонӣ 4,6 маротиба мушоҳида шудааст, ки сатҳи зиндагии садҳо миллион нафарро баланд бардошта, ба ташаккули синфи миёна дар бисёр кишварҳо мусоидат кардааст. Аммо ин афзоиш асосан бо сабаби хароб шудани сармояи табиии ҷаҳонӣ ва вайроншавии экосистемаҳо ба даст оварда шудааст. Дар солҳои 2000-ум масъалаҳои экологии ҷаҳонӣ зуд афзоиш ёфтанд: норасоии оби тоза ва озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, коҳиши гуногунии биологӣ ва ҷангалҳо, биёбоншавӣ ва ғайра.

Баъзе аз масъалаҳои номбурда [6]:

- дар сайёра 2,2 миллиард нафар одам дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар надоранд. Тахмин карда мешавад, ки то соли 2030 бо сабаби норасоии шадиди об 700 миллион нафар маҷбуран ҷойҳои зисти худро тарк мекунанд;
- 3 миллиард нафар дар саросари ҷаҳон дар манзили зисташон ҳадди аққал шароити шустушӯи дастонро ва роҳҳои самараноки пешгирии бисёр бемориҳоро надоранд;
- ифлосшавии ҳаво муҳимтарин омили экологӣ буда, бори гарони бемориҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки ҳамасола ба фавти аз 6 то 7 миллион нафар ва талафоти иқтисодӣ оварда мерасонад. Арзиши пулии талафоти некуаҳволии ҷаҳонӣ ин ифлосшавӣ ба 5,1 триллион доллари ИМА арзёбӣ мешавад (ё 6,6% маҳсулоти ҷаҳонии ҷаҳонӣ);
- дар шаҳрҳо аз 10 сокини шаҳр 9 нафарашон аз ҳавои ифлосшуда, яъне ҳавое, ки ба талаботи муқарраршудаи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ҷавобгӯ нест, нафас мекашанд. Дар давраи аз соли 2010 сифати ҳаво бадтар шуд, ки ба он бештар аз 50% аҳолии сайёра нафас мекашанд;
- 2 миллиард гектар замин ба таназзулшавӣ дучор шуда истода, ки ба ҳаёти 3,2 миллиард нафар таъсири ҷиддӣ мерасонад;
- зиёда аз чоряки аҳолии Замин дар шароити норасоии озуқаворӣ ва набудани бехатарии озуқаворӣ зиндагӣ мекунанд;
- дар натиҷаи васеъшавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо суръати баланд масоҳати ҷангалҳои сайёра коҳиш ёфта истодааст. Ҳар сол 10 миллион гектар ҷангал нобуд карда мешавад;
- ҳаҷми партовҳои дар ҷаҳон ба вуҷуд омада босуръат афзоиш ёфта истодааст. Айни ҳол тақрибан 2 миллиард тонна партовҳои сахт ба вуҷуд омада, то соли 2050 миқдори он то 3,4 миллиард тонна зиёд мешавад;
- ҳар сол тақрибан сеяки маҳсулоти ғизоии барои истеъмоли инсон истеҳсолшуда талафот меёбад ё партофта мешавад, ва қисми зиёди чунин талафот ба кишварҳои абарқудрат рост меояд;
- дар давраи аз соли 1998 то 2017 қариб 3 триллион доллари ИМА талафоти мустақими иқтисодӣ ба офатҳои табиии ҷаҳонӣ 77% аз тағйирёбии иқлим вобаста мебошад;
- аз 8 миллион намуди ҳайвонот ва наботот дар сайёраи мо як миллион намуди он дар хатари нобудшавӣ қарор дорад;
- ҳиссаи захираҳои моҳии баҳрии умумиҷаҳонӣ, ки дар сатҳи таъминкунандаи тақроистеҳсоли биологӣ қарордошта, аз 90%-и соли 1974 то 67% дар соли 2015 коҳиш ёфт;
- дар 100 соли охир дар саросари ҷаҳон тақрибан 50-70% заминҳои табиии обӣ-ботлоқӣ несту нобуд шуданд.

Аз ибтидои асри XX истеъмоли ҳама намудҳои маҳсулот бо суръати баланд 12 маротиба афзоиш ёфт, аз ҷумла биомасса - 4,4 маротиба, нерӯи аввалия - 12 маротиба, манбаъҳои сӯзишвории фосилавӣ - 16 маротиба, конҳои метал - 43 маротиба, ашёи хоми масолеҳи сохтмонӣ - 59 маротиба. Дар сохтори ашёи хоми дар истифодабуда, тағйироти куллӣ ба амал омад, ки нисбат ба биомасса канданиҳои фоиданок бартарият пайдо карданд. Махсусан истифодаи масолеҳи сохтмонӣ бо суръат афзоиш ёфт. Айни ҳол дар асоси ҳисобҳои нишондиҳадаҳои изи экологие (ecological footprint), ки аз ҷониби М. Вакернагелем бо ҳамроҳии ҳамкасбонаш коркард шудааст, нишон медиҳад, ки барои таъмини талаботҳо дар захираҳои табиӣ ва барқароршавии экосистема дар натиҷаи ифлосшавии муҳити зист ва

партовҳои газҳои гулханӣ, ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ 1,6-1,7 сайёраи Замин лозим мебошад. Агар чунин тамоюлҳои мавҷуда боқӣ монанд, пас ҳаҷми истифодаи захираҳои табиӣ ва ифлосшавӣ дар ним асри наздик боз якчанд маротиба меафзоянд. Нигоҳ доштани тамоюлҳои манфии экологӣ метавонанд ба оқибатҳои ниҳоят хатарнок барои тамоми инсоният ва кишварҳои алоҳида оварда расонанд.

Инсоният торафт бештар аз фоҷиаи фароҳамомада дарк карда истодааст. Ин даркият ба созмонҳои байналмиллалӣ, давлатҳо, тиҷорат, ҷомеа хос мебошад. Дар ҳамаи сатҳҳо ҷустуҷӯи ҳаллу фасли вазъияти бӯҳронӣ ба вуҷудомада истодааст. Моҳи январи соли 2020 Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар Давосс баргузор шуд, ки ба ҷомеаи иқтисодии ҷаҳонӣ навигарии ғайричашмдошт оварда. Дар форум даҳҳо сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, сарватмандон, олимони пешбари иқтисоддони ҷаҳон, сиёсатмадорон ва роҳбарони ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ иштирок намуданд. Мавзӯи марказии форум ба таври ғайричашмдошт масъалаҳои экологӣ гардиданд, ва тавре, ки иштирокчиёни он гуфтанд "форуми иқтисодӣ ба экологӣ табдил ёфт". Ин тамоюл дар Гузоришҳои солонаи форуми Давосс ба таври возеҳ пайгирӣ карда мешавад [8].

Дар Маърӯзаҳо панҷ намуди хатарҳои ҷаҳонӣ ҷудо карда мешаванд: иқтисодӣ, экологӣ, геополитикӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ. Агар дар Маърӯзаи соли 2007 дар байни панҷ хатари афзалиятнок то се хатари иқтисодӣ (шоки нархҳои нафт, гармшавии иқтисодёти Чин, нархҳои баланди активҳо), як хатари технологӣ (таназзули инфрасохтор), як иҷтимоӣ (бемориҳои музмин) буд, пас хатари экологӣ умуман вуҷуд надошт, ва дар соли 2020 мавзӯи рӯз ҳамаи панҷ хатар - экологӣ буданд (ҳодисаҳои экстремалии обу ҳаво, падидаҳои хатарноки иқлимӣ, фалокатҳои табиӣ, талафоти гуногунии биологӣ, фалокатҳои пайдоиши табиии антропогенӣ) (ҷадвали 1). Илова бар ин, афзалиятҳои экологӣ-иқтисодӣ барои ҷаҳон на бо гурӯҳи экологҳои фаъоли пассионарӣ ва коршиносони фаъол, балки аз ҷониби истеблишменти (Истеблишмент - аз англ. establishment таъсис, асос, ин доираҳои қудратманд, сарварони кишвар, элитаи сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад) ҷаҳонии иқтисодӣ ва сиёсӣ эълон карда шуданд. Тамоюли афзоиши вазни хоси хатарҳои экологӣ дар шумораи умумии хатарҳои глобалӣ дар ҳуҷҷатҳои форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, қариб дар понздаҳ соли охир ба таври возеҳ пайгирӣ карда мешаванд.

Ҷадвали 1. Эҳтимолияти панҷ хатарҳои ҷаҳонӣ (аз рӯи дараҷаи эҳтимолият, Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (2020)

Афзалияти хавфҳо	2007 с.	2020 с.
1	Таноззулоти инфраструктура****	Ҳодисаҳои шадиди боду ҳаво**
2	Бемориҳои музмин***	Нокомии амалиётҳои иқлимӣ**
3	Шоки нархҳои нафтӣ*	Офатҳои табиӣ**
4	Гармшавии иқтисодиёти Чин*	Талафотҳои гуногунии биологӣ **
5	Болоравии нархҳои активҳо*	Офатҳои табиии антропогенӣ**

*иқтисодӣ; **экологӣ; ***иҷтимоӣ; ****техногенӣ.

Намунаи таназзули азими экологӣ бо иқтисодиёти бо суръати баланди рушдёбандаи асри XXI дар ҷаҳон кишвари Чин гардид, ки барои рушди азими иқтисодӣ ва баландбардории некуаҳволии моддии аҳолӣ подош намуд. Ба суръати баланди рушди ММД ва гузариш ба синфи миёнаи садҳо миллион одамон нигоҳ накарда, давлат бо талафоти бузурги табиӣ дучор гардид. Барои ҳалли масъалаҳои экологӣ ва устувории мукаммал Чин

самти бунёди «тамаддуни экологӣ»-ро дар кишвар пеш гирифт, ки дар Сарқонуни Ҷумҳурии Халқии Чин инъикос ёфтааст [3, С. 189].

Авҷ гирифтани масъалаҳои ҷаҳонӣ ба тағйироти куллӣ ва дарки нави ҷойи инсон дар Замин оварда мерасонад. Мисол, ҳиссиёти пурзӯрии тамаддуни моро ва ҳокимиятӣ бар табиат пандемияи COVID-19 коронавируси соли 2020 шикаст дод. Назарияҳои зиёд оид ба сайёраи Замин ҳамчун мавҷудияти зинда ба хотир оварда шуданд ва ҳам назарияҳои нав ташаккул ёфтанд. Аз ҷумла, «Фарзияи Хей», ки аз ҷониби олими британӣ Д. Лавлок дар соли 1970 пешниҳод гардида буд, ки Заминро ҳамчун сохтори бузург, ки бо воситаи худтанзимкунӣ қобилияти нигоҳдории параметрҳои биосфераро дар сатҳи доимӣ нигоҳ медорад. Ва эпидемияи COVID ин танҳо «ҷавоби мухолиф» ба он даҳшатҳои экологие, ки инсон ба вуҷуд меорад. Айён гашт, ки истисмори бераҳмонаи захираҳои табиӣ, ки аз ҷониби иқтисодиёт ҳамасола ҳазорҳо пайвастагиҳои биологӣ ва кимиёвиро ба вуҷуд меорад, таъсири синергетикии пешгӯинашавандаи онҳо, маҷмӯи ифлосиҳои зарарасони экологӣ ва нобудсозии табиат – оқибатҳои он наметавонанд аз ҷониби инсон дақиқан пешгӯи карда шаванд, ва мувофиқан мубориза бурдан бо он инсон аз худ накарда натавонист ва наметавонад. Эпидемияи COVID ин заифиро инъикос кард. Тамаддуни ноустувори мо бояд ба иқтидори экологии биосфера худро ғунҷонида, ва аз чорчӯбаи он на бояд барояд, чӣ гунае, ки дар 20-30 соли охир рӯй дод.

Фишори асосии рӯзафзункунандаро ба биосфера афзоиши экспоненсиалии аҳолӣ ба вуҷуд меорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки афзоиши бузурги экспоненсиалӣ дар шумораи инсоният аз охири асри XX ва аввали асри XXI рост меояд. Аҳолии сайёра аз соли 1975 – аз 4 млрд то 8,2 млрд аҳолӣ (2025 с.) дар айни замон қариб ду баробар афзоиш ёфт. Тибқи маълумотҳои омори ҷаҳонӣ Worldometr [9] шумораи аҳолӣ дар соли 2025 8,2 млрд нафарро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, бо суръати баланд талабот ба замин, об, ғизо, энергия ва бисёр захираҳои моддӣ афзоиш ёфта истодааст, ва дар асоси ин ифлосшавиҳои гуногун низ зиёд шуда истодаанд.

Тибқи пешгӯиҳои СММ, аҳолии ҷаҳон то соли 2040 то 9 миллиард нафар афзоиш ёфта, шумораи истеъмолкунандагони табақаи миёна дар 20 соли минбаъда ба 3 миллиард нафар мерасад, ки ин раванд ба талаботи захираҳо ба таври назаррас оварда мерасонад [2, С.28]. Дар соли 2030 талаботи аҳолии ҷаҳон ба озуқаворӣ на камтар аз 50%, ба энергия 45% ва ба захираҳои об 30% афзоиш меёбанд, ва ин ҳама дар ҳолате рух медиҳад, ки ҳангоме, ки ба нишондиҳандаҳои ҳадди вазъи муҳити зист маҳдудиятҳои нав ба рушди экстенсивӣ ҷорӣ мегарданд. Инчунин интизор меравад, ки дар даҳсолаҳои оянда болоравии нархи ҷаҳонии озуқаворӣ 30-50% дар ҳисоби воқеӣ афзоиш ёфта, ки ба ноустувории нархҳо оварда расонда, вазъияти садҳо миллион нафарро бад мекунад.

Дар оянда, тамоюли афзоиши талабот ба захираҳо дар ҳолати рушди техногенӣ боқӣ мемонад. Тибқи пешгӯиҳои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) [8] то соли 2060 соҳаҳои маҳсулотталаби иқтисодиёт ба таври назаррас афзоиш меёбанд: саноат 3,2 маротиба, сохтмон 2,6 маротиба, хоҷагии қишлоқ 1,8 маротиба. Ҳаҷми такрористеҳсол ва бозгашти партовҳо дар гирдгардиши иқтисодиёт (3,7 маротиба) меафзояд, аммо дар иқтисоди ҷаҳонӣ дар асоси тамоюлҳои муосир ҳиссаи партовҳо ба ҳар ҳол нисбат ба истихроҷи аввалияи захираҳо 10 маротиба камтар мешавад.

То соли 2060 истифодаи захираҳои моддӣ дар ҷаҳон зиёда аз ду маротиба афзоиш меёбанд. Истеъмоли металлҳо ва минералҳои ғайриметаллӣ мутаносибан 2,5 ва 2,3 маротиба метавонад назаррас афзоиш ёбад. Мутобиқан на танҳо камомади захираҳо дар иқтисодиёт, балки таъсир ба муҳити зист, ифлосшавӣ ва ҳаҷми партовҳо низ афзоиш меёбанд.

Ҳамин тариқ, дар рушди иқтисодӣ ба назар гирифтани ҳадди ақал се маҳдудияти муайяни экологӣ зарур мебошад:

- қабул ва аз байн бурдани имкониятҳои маҳдуди муҳити зист, коркарди партовҳои гуногун ва дигар ифлосшавиҳоро, ки низомҳои иқтисодӣ истеҳсол мекунанд;

- таназзулшавии захираҳои барқароршавандаи табиӣ дар натиҷаи истифодаи аз ҳад зиед (замин, ҷангал, захираҳои моҳӣ, гуногунии биологӣ);

- хусусияти ниҳоии захираҳои табиии барқарорнашаванда (захираҳои гуногуни фоиданок, нафт, металлҳо ва ғайра).

Масъалаҳои ҷаҳонии экологиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Ба **гурӯҳи якум** масъалаҳое дохил мешаванд, ки ба нигоҳдории ҷузъҳои асосии биосфераи Замин муносибати мустақим дошта ба таъсири манфӣ дучор мегарданд: тағйиребии ҷаҳонии иқлим, тунукшавии қабати озон, аз даст додани унсурҳои гуногунии биологӣ (хусусан намудҳои аз марзҳои миллӣ муҳоҷираткунанда) ва захираҳои генетикии муҳими ҷаҳонӣ, ифлосшавии уқёнусҳо ва баҳрҳо. Аксар вақт ин гуна ҷузъҳои биосфераро бо мафҳумҳои дар боло баррасишудаи неъматҳои ҷамъиятии ҷаҳонӣ ё "дастовардҳои ҷаҳонӣ"-и инсоният алоқаманд мекунанд. Барои кишварҳои алоҳида, чорабиниҳои ҳифзи ин дастовардҳо, алалхусус дар муддати кӯтоҳ метавонанд аз ҷиҳати иқтисодӣ зарароваре бошанд. Аз ин рӯ, ҳифзи иқлим, қабати озон, гуногунии биологӣ талабот ба ҳамкории байналмилалӣ, созишномаҳои глобалиро талаб мекунад.

Несмотря на эти барьеры, потенциал зеленой дипломатии Таджикистана остается значительным. Его развитие тесно связано с расширением международного сотрудничества, в том числе через участие в глобальных экологических форумах, климатических саммитах, платформах водной дипломатии и программах ООН в области устойчивого развития. Партнерство с развитыми странами и международными финансовыми институтами открывает возможности для привлечения инвестиций, передачи знаний и интеграции инновационных подходов в национальную политику в сфере воды и энергии.

Важным и перспективным направлением в рамках реализации зеленой дипломатии Таджикистана остается разработка и внедрение образовательных программ, ориентированных на подготовку и повышение квалификации специалистов в сфере устойчивого управления водными ресурсами и гидроэнергетикой. Учитывая возрастающую сложность вызовов, связанных с изменением климата, трансграничной природой водных потоков и необходимостью внедрения инновационных решений, профессиональная подготовка кадров приобретает ключевое значение [6].

Создание национальных и региональных учебных платформ, а также проведение совместных тренингов и обменных программ с международными академическими и исследовательскими центрами, позволяет обеспечить формирование новой волны специалистов, способных интегрировать экологические, технические и дипломатические аспекты в процессе принятия решений. Такие программы способствуют распространению передового опыта, повышению институционального потенциала и укреплению научно-аналитической базы в области водного управления.

Развитие образовательных инициатив в данной сфере также имеет важное внешнеполитическое измерение. Оно позволяет Таджикистану укреплять свое международное лидерство в вопросах зеленой и водной дипломатии, повышать авторитет в глобальных экологических структурах и формировать позитивный имидж страны как инициатора устойчивых и кооперативных решений в водном секторе. Поддержка человеческого капитала становится неотъемлемой частью стратегического подхода к управлению природными ресурсами и формированию устойчивой модели экологического развития.

Для повышения результативности своей экологической стратегии Таджикистану необходимо активнее интегрироваться в международные механизмы по управлению трансграничными водными ресурсами. Это требует не только расширения участия в профильных форумах и международных диалогах, но и последовательного совершенствования национального законодательства в области охраны окружающей среды, устойчивого природопользования и климатической адаптации. Усиление нормативно-правовой базы станет фундаментом для эффективного выполнения международных обязательств и усиления внутреннего потенциала устойчивого развития.

Зеленая дипломатия Таджикистана на современном этапе формируется как важный элемент национальной внешнеполитической и экологической стратегии. Она способствует продвижению экологически ориентированных инициатив, налаживанию партнерских связей с международным сообществом и созданию устойчивых основ для рационального управления природными ресурсами. В то же время лидерская роль Таджикистана в области водной дипломатии оказывает позитивное влияние на разрешение как региональных, так и глобальных экологических проблем, включая обеспечение доступа к пресной воде, предотвращение водных конфликтов и адаптацию к изменению климата [3].

Международное признание и поддержка таджикских инициатив, в частности в рамках международных десятилетий действий в сфере воды, позволяют стране укреплять свои позиции на международной арене и вносить ощутимый вклад в формирование коллективных подходов к решению проблем устойчивого развития. При этом вызовы, с которыми сталкивается республика, включая политико-экономические ограничения, необходимость технологической модернизации и нехватку ресурсов, подчеркивают актуальность разработки комплексной долгосрочной стратегии развития зеленой дипломатии.

Совмещение национальных приоритетов с глобальными экологическими стандартами позволит Таджикистану не только укрепить свой имидж ответственного участника международного сообщества, но и превратиться в один из ключевых центров экологической стабильности и сотрудничества в Центральной Азии. Такой подход обеспечивает сбалансированное продвижение интересов государства, поддержание экологической устойчивости и активное участие в построении зеленого будущего на региональном и глобальном уровнях.

Проведенный анализ позволяет утверждать, что зеленая дипломатия выступает для Таджикистана не только как инструмент реализации внешнеполитических целей, но и как действенный механизм продвижения устойчивого развития, усиления экологической безопасности и укрепления регионального сотрудничества. Республика, обладая значительным водным потенциалом и географическим преимуществом, занимает центральное место в формировании водной повестки в Центральной Азии и демонстрирует устойчивое стремление к лидерству в сфере трансграничного водного взаимодействия.

Инициативы, выдвигаемые Таджикистаном на международной арене, отражают его активную позицию в продвижении экологических стандартов, устойчивого управления водными ресурсами и внедрения инновационных подходов в гидроэнергетике. При этом страна осознает необходимость не только участия в международных климатических и водных платформах, но и укрепления национального потенциала через развитие законодательства, подготовку кадров и модернизацию инфраструктуры.

Несмотря на наличие ряда вызовов, включая ограниченность финансовых ресурсов, техническую изношенность объектов и геополитические сложности, Таджикистан сохраняет высокий уровень вовлеченности в процессы глобального экологического управления. Совмещение национальных приоритетов с международными обязательствами и расширение партнерских связей создают благоприятные условия для дальнейшего укрепления роли страны в системе экологической дипломатии.

Таким образом, зеленая дипломатия Таджикистана обладают значительным потенциалом для трансформации региона в сторону устойчивого и сбалансированного развития. Поддержка данных инициатив со стороны международного сообщества, расширение участия в климатических диалогах и усиление интеграции в глобальные экологические механизмы будут способствовать укреплению позиций республики как надежного партнера и активного участника в решении важнейших задач XXI века.

Рецензент: доктор политических наук, ведущий научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана – Каримов Ш.Т.

ЛИТЕРАТУРА

1. Водная дипломатия Эмомали Рахмона: от первого шага до глобального партнерства / под ред. С. Мухриддина. – М.: Весь мир, 2024. – 320 с.
2. Выступление Эмомали Рахмона на 79-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН. Нью-Йорк 24.09.2024//Сайт ООН// https://www.un.org (дата обращения: 10.06.2025).
3. Инициатива Эмомали Рахмона по созданию Международного фонда защиты ледников. Презентация на Международной климатической конференции 2023 г.// https://mfa.tj/en/berlin/view/7222/202103031614790902 (дата обращения: 12.06.2025).

4. Выступление Эмомали Рахмона на 78-й сессии Генеральной Ассамблеи Организации Объединенных Наций. Дата: 19 сентября 2023 г.// https://www.un.org (дата обращения: 16.06.2025).
5. Сборник материалов конференции по водной дипломатии в странах Центральной Азии. – Душанбе: Академия наук Республики Таджикистан, 2021. – 150 с.
6. Water, Conflict, and Cooperation in Central Asia // Journal of Peace Research. – 2021. – Vol. 58, № 4. – P. 561-574.
7. *Green Diplomacy and Climate Change in Central Asia* [Электронный ресурс]. – Springer, 2023. – Режим доступа: https://link.springer.com/chapter/10.1007/978-3-031-29831-8_1 (дата обращения: 20.06.2025).
8. *Climate Change and Water Management in Central Asia* [Электронный ресурс]. – United Nations Development Programme, 2022. – Режим доступа: https://www.undp.org/eurasia/projects/climate-change-and-resilience-central-asia (дата обращения: 20.06.2025).
9. *Role of Hydropower in Sustainable Development of Tajikistan* [Электронный ресурс]. – Asian Development Bank, 2021. – Режим доступа: https://www.adb.org/projects/46418-001/main (дата обращения: 23.06.2025).
10. *Tajikistan's Initiatives in Water Diplomacy* [Электронный ресурс] // Central Asia Policy Review. – 2022. – Режим доступа: https://mfa.tj/en/tajembankara/view/11367/review-of-global-initiatives-of-tajikistan-in-the-water-sector (дата обращения: 23.06.2025).
11. *Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития» (2018–2028)* [Электронный ресурс] // Официальный сайт ООН. – Режим доступа: https://sdgs.un.org/sites/default/files/2022-10/SG_Report_Rus_0.pdf (дата обращения: 25.06.2025).
12. *Национальная стратегия развития Таджикистана до 2030 года* [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://medt.tj/ru/strategiy-i-programmi/hcp-2030 (дата обращения: 25.06.2025).
13. *Water Diplomacy Analysis for Central Asia* [Электронный ресурс]. – FIIA Report, 2023. – Режим доступа: https://www.fiia.fi/en/publication/water-diplomacy-analysis (дата обращения: 26.06.2025).
14. *The Future of Central Asian Water Diplomacy* [Электронный ресурс] // Climate Diplomacy. – 2024. – Режим доступа: https://www.climate-diplomacy.org (дата обращения: 26.06.2025).
15. *Sustainable Transboundary Water Governance in Central Asia* [Электронный ресурс] // Sustainability. – 2023. – Т. 15, № 9. – Режим доступа: https://doi.org/10.3390/su15097412 (дата обращения: 28.06.2025).
16. *An Approach to Recognise Water Diplomacy Actions in Shared Waters* [Электронный ресурс] // Journal of Environmental Management. – 2021. – Т. 287. – Режим доступа: https://doi.org/10.1016/j.jenvman.2021.112316 (дата обращения: 28.06.2025).
17. *Central Asia Needs Regional and International Cooperation to Bolster Water Security* [Электронный ресурс] // Atlantic Council. – 2025. – Режим доступа: https://www.atlanticcouncil.org (дата обращения: 30.06.2025).

ДИПЛОМАТИЯИ САБЗ ДАР АМАЛ: САМТИ ТОҶИКИСТОН БА СӮИ САРВАРИИ МИНТАҚАВӢ

Аннотатсия. *Мақолаи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи кӯшишҳои сиесати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти пешбурди дипломатияи сабз дар заминаи ҳамгироии минтақавии кишварҳои Осиеи Марказӣ дар бар мегирад. Таъкиди хос ба минбарҳои байналмилалӣ мешавад, ки Тоҷикистон дар онҳо ташаббускор ва иштирокчии фаъоли музокираҳои глобалии экологӣ ва обӣ мебошад, аз ҷумла дар чорчӯби СММ ва ҳамоишҳои махсусгардонидашуда. Дар мақола аҳамияти ташаббусҳои Тоҷикистон барои таҳкими устувории минтақавӣ, баланд бардоштани сатҳи амнияти экологӣ ва пешбурди Ҳадафҳои*

рушди устувор то соли 2030 таъкид мегардад. Хулоса бар он аст, ки нақши Тоҷикистон ҳамчун яке аз иштирокчии асосӣ дар ташаккули рӯзномаи байналмилалии дипломатияи сабз ва обӣ рӯ ба афзоиш аст. Ҳадафи мақола таҳлили низомноки саҳми Тоҷикистон дар рушди механизмҳои дипломатияи сабз ва тақвияти нақши он ҳамчун воситаи ҳамкории устувори байналмилалӣ мебошад. Илова бар ин, нақши роҳбарии кишвар дар дипломатияи обӣ баррасӣ мешавад, аз ҷумла ҷанбаҳои институционалӣ ва ҳуқуқӣ, ташаббусҳои байналмилалӣ ва аҳамияти стратегии рӯзномаи обии Тоҷикистон дар таъмини устувории экологӣ ва иҷтимоии дарозмуддат дар минтақа.

Калидвожаҳо: *дипломатияи сабз, Тоҷикистон, дипломатияи обӣ, Осиеи Марказӣ, рушди устувор, идоракунии захираҳои об, амнияти экологӣ, ҳамкории байналмилалӣ.*

ЗЕЛЕНАЯ ДИПЛОМАТИЯ В ДЕЙСТВИИ: КУРС ТАДЖИКИСТАНА НА РЕГИОНАЛЬНОЕ ЛИДЕРСТВО

Аннотация. *В данной статье проводится всесторонний анализ внешнеполитических усилий Республики Таджикистан в продвижении зеленой дипломатии в контексте региональной интеграции стран Центральной Азии. Особое внимание уделяется международным платформам, на которых Таджикистан выступает инициатором и активным участником глобальных экологических и водных дискуссий, в том числе в рамках ООН и специализированных форумов, подчеркивается значимость таджикских инициатив для укрепления региональной устойчивости, повышения уровня экологической безопасности и продвижения Повестки дня в области устойчивого развития на период до 2030 года. Делается вывод о возрастающей роли Таджикистана как одного из ведущих акторов в формировании повестки зеленой и водной дипломатии на международной арене. Настоящая статья имеет целью проведение системного анализа вклада Таджикистана в развитие механизмов зеленой дипломатии и укрепление ее роли как инструмента устойчивого международного взаимодействия. Кроме того, рассматривается лидерская роль страны в водной дипломатии, включая институциональные и нормативно-правовые аспекты, международные инициативы, а также стратегическое значение водной повестки Таджикистана в контексте обеспечения долгосрочной экологической и социальной стабильности в регионе.*

Ключевые слова: *зеленая дипломатия, Таджикистан, водная дипломатия, Центральная Азия, устойчивое развитие, управление водными ресурсами, экологическая безопасность, международное сотрудничество.*

GREEN DIPLOMACY IN ACTION: TAJIKISTAN'S COURSE TOWARD REGIONAL LEADERSHIP

Abstract. *This article presents a comprehensive analysis of the foreign policy efforts of the Republic of Tajikistan in promoting green diplomacy within the context of regional integration among Central Asian countries. Special attention is given to the international platforms where Tajikistan acts as an initiator and active participant in global environmental and water-related discussions, including within the United Nations and specialized forums. The article highlights the significance of Tajik initiatives in strengthening regional resilience, enhancing environmental security, and advancing the 2030 Agenda for Sustainable Development. It concludes that Tajikistan is playing an increasingly prominent role as one of the key actors in shaping the global green and water diplomacy agenda. The purpose of this article is to provide a systematic analysis of Tajikistan's contribution to the development of green diplomacy mechanisms and the consolidation of its role as a tool for sustainable international cooperation. Furthermore, the article examines the country's leadership in water diplomacy, including institutional and legal frameworks, international initiatives, and the strategic importance of Tajikistan's water agenda in ensuring long-term ecological and social stability in the region.*

Keywords: *green diplomacy, Tajikistan, water diplomacy, Central Asia, sustainable development, water resource management, environmental security, international cooperation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонова Зулфия Маҳманабиевна*** **–** Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайеҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Муовини директор, доктори илмҳои сиесӣ, профессор. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ, хонаи 7, ҳуҷраи 2. Телефон: +(992) 979660010. E-mail: zulkurbonova@gmail.com

Сведения об авторе: ***Курбонова Зульфия Махманабиевна*** **–** Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Заместитель директора, доктор политических наук, профессор. **Адрес:** 734000, г.Душанбе, Республика Таджикистан, ул.Х.Шерози, д.7, кв.2. Телефон: +(992)979660010. E-mail: zulkurbonova@gmail.com

Information about the author: ***Qurbonova Zulfiya Mahmanabievna*** **–** Research Institute for sustainable development and green economy of the International University of tourism and entrepreneurship of Tajikistan. Deputy Director, Doctor of Political Sciences, Professor. **Address:** 734000, Dushanbe, Republic of Tajikistan, H. Sherozi Street, Building 7, Apt. 2. Phone: +(992) 979-66-00-10. E-mail: zulkurbonova@gmail.com

УДК 327

НАҚШИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АМАЛИГАРДОНИИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР

Қурбонов М.М.
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва саҳибкории Тоҷикистон

Аз солҳои аввали асри XXI инсоният бо мушкилиҳои амиқи дорои хусусияти глобалидошта дучор гардид, ки аз кулли башарият чораҳои қатъиро талаб намуд. Ин мушкилиҳо ба монанди дигаргуншавии иқлим, ки пайдарпай бо хуб паёмадҳои манфиро ба руи башарият овардан гирифт масъалаи авлавиятро касб намуд. Чи тавре, ки Бондаренко Л.В. қайд менамояд: "Тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиёт ва сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тағйирёбии иқлим аз нигоҳи таъсири худ ба иқтисоди ҷаҳонӣ на танҳо хатари миқёси бузурги табииро ифода мекунад, балки катализатори тағйироти бисёрҷониба дар бисёр бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ низ мебошад" [2, с. 84]. Паёмадҳои дигаргуншавии иқлим, ки ба ҳаёти тамоми экосистемаи замин таъсири худро то ба ҳол расонида истодааст, ин гармшавии дараҷаи курраи замин, обшавии пиряхҳо, нестшавии гуногунии набототу ҳайвонот, сурохшавии қабати озонӣ ва ғайра масъалаҳое, ки мавҷудотро ру ба нестӣ бурда мерасонад. Бояд қайд намуд, ки дар раванди индустраликунонӣ ва тараққиёти бо суръат, шуруъ аз асри XVIII, тамоюли азхудкунии табиат аз тарафи инсоният, бахусус дар минатқаи Аврупо нибат ба асрҳои пешин басо сатҳи баландро гирифт. Инсоният дарк намуд, ки бо ин суръат ва тамоюл ба табиат зарари манфии худро дар расонида истодааст. Бо раванди инқилоби илмӣ, башарият кушиш намуд, ки шароити беҳтари зиндагиро барои худ мусоид созад. Вале дар он давра, касе дарк нанамуд, ки дар оянда масъалаи нестшавии экосистема ва тамоми махлуқоти зинда моро пешвоз хоҳад гирифт. Дар ин ҷо масъалаи ахлоқӣ ба миён меояд, ки оё мо рафтори худро нисбат ба замин ва экосистема боре бо таври объективӣ таҳлил намудем? Масъалаи ахлоқӣ ва масъулияти инсониро яке аз аввалинҳо шуда Ҳанс Йонас ба миён меоварад. Дар асари худ "Принципи масъулиятшиносӣ" У қайд менамояд, ки "Чунин рафтор кунед, ки окибати амали шумо имкони-яти ояндаи хаётро барбод надихад... Шароити давомнокии номуайяни инсониятро дар руи замин зери хатар нагузоре" [4, 13]. У ҳамчун файласуфи оқил, дар намуд, ки инсоният бо пешравии технология ва дигаршавии арзишҳо худ метавонад тамаддуни бардастдоштаро несту нобуд кунад. Ин масъалаи масъалаи ахлоқии суханони Йонас мебошад.

Вале инсоният махлуқест, ки табиатро ба хости худ мехоҳад ҷалб намояд, бо чунин гуфтаҳо зиндагони намекунад. Дар давоми якуним садаи охир инсоният, ки ба зиндагии торафт осуда ва «хуб» саъй мекунад, иктисодиётро ба чунин иктидорхо расонд, ки чараёни моддию маъданхо –истихрочи канданихои фоиданок, сарфи энергия, буридани чангал, истихрочи оби тоза ба таври беандоза меафзояд, дар ҳоле ки имкониятҳои баркарорсозии биосфера маҳдуд боқӣ мемонад. Дар миёнаҳои солҳои 1990-ум, одамон аллакай сеяки тамоми истеҳсолоти ибтидоии биологиро аз замин мегирифтанд, ки дараҷаи бесобиқаи «бартарияти антропогенӣ»-ро бар экосистемаҳо нишон медод [13, с. 494–499]. Олимони машҳур ва тарафдорони шадиди рушди уствуор Матис Вакернагел ва Виллиям Рис дар китоби худ "Изи экологии мо" "касри экологӣ"-ро мустақиман "барҳам додани сармояи табиии Замин" мешуморанд ("Касри экологӣ маънои онро дорад, ки мо сармояи табиии Заминро барҳам мезанем") [4, с. 15] ва нишон медиҳанд, ки бо ҷаҳонишавии шакли истеъмоли Амрикои Шимолӣ, инсоният "ҳадди ақал ба чаҳор замини дигар ниёз дорад, ки ба Амрикои Шимолӣ ҳадди ақал лозим аст" [[4, с. 89] бо такя ба усули табдил додани тамоми ҷараёни захираҳо ва партовҳо ба минтақаҳои заминҳои биологӣ, муаллифон исбот мекунанд, ки аллакай дар ибтидои солҳои 1990-ум изи умумии инсон ба қобилияти биологии сайёра наздик шуда буд ва кишварҳои пешрафта аз он чандин маротиба зиёдтар буданд; онҳо чаҳор

сенарияро таҳлил мекунанд, ки танҳо гузариш ба ғайриматериализатсия, энергияи барқароршаванда ва истеъмоли мӯътадил талаботро дар ҳудуди як сайёра нигоҳ медорад, гузариш ба андоз аз меҳнат ба захираҳо, маҳаллисозии истеҳсоли молҳои асосӣ ва ворид намудани ҳатмии нишондиҳандаи изи экологӣ ба ҳисобҳои миллӣ пешниҳод карда мешавад, ки "касри экологӣ" табиати "банк" аз байн меравад.

Бо такя ба саҳмҳои илмии олимону мутаффакирони соҳаи экология, ки пайваста ба омӯзиш машғуланд, инсоният барои худ муайян намуд, ки захираҳои зерезаминӣ бемаҳудуд нестанд ва истифодаи ғайриоқилонаи он метавонад пайдарпай тамоми махлуқи зиндаро ба нестӣ расонад.

Биеёд оиди пайдоиши дипломатияи сабз, фа саҳми он дар камкунӣ ва беҳтаргардонии ҳолати экологии ҷаҳон каме суҳбат намоем. Дипломатияи сабз нисбат ба худи "дипломатия" истилоҳи нав аст. Дипломатия мафҳуми куҳна ба ҳисоб меравад. Аз замони пайдоиши давлат, ки субъекти асосии муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, дипломатия ҳамчун гуфтушунид ва ба тартиб даровардани муносибатҳои худ, давлатҳо ин усулро истифода менамуданд. Гаролд Николсон оиди дипломатия 3 мафҳуми равшан ва ба фаъолит наздики онро чунин муайян намудааст: "Дипломатия – идоракунии муносибатҳои байналмиллалӣ бо роҳи гуфтушунид; усуле, ки ин муносибатҳо тавассути сафирон ва фиристодагон танзим ва идора мешаванд; тиҷорат ё санъати дипломат" [7, с.15] баъдан дипломатияро у чунин шарҳ медиҳад: "Вазифаи дипломатия идоракунии муносибатҳои байни давлатҳои мустақил тавассути равандҳои гуфтушунид мебошад" [7, с.80] иловатан оиди хусусияти вазифаи дипломат у қайд менамояд: "Дипломатия санъати суҳбат нест; ин санъати гуфтушуниди созишномахо дар шакли аник ва тасдикшаванда мебошад" [7, с.100]. Воқеан ҳам, бо пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ ва тараққиёти комуникатсия, роли дипломатия перои пешгирии ҷангҳо басо нақши бузургро бозид. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва пайдоиши Созмони Миллали Муттаҳид, дипломатияи байни давлатҳо ба муқоисаи хронологияи таърихӣ бесобиқа буд. Давлатҳои ҷаҳон дар платформаи СММ ба ғайр аз роҳ надодан ба ҷанги 3-юми ҷаҳонӣ масъалаи экологиро низ барассӣ намуданро оғоз намуданд.

"Дипломатияи сабз ё Экодипломатия ба муносибатҳои дипломатие дахл дорад, ки мавзӯи он ҳифзи муҳити зист мебошад. Ин восита барои татбиқи сиёсати дахлдори ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи экологӣ мебошад" [12, с. 164-170].

Бо такя ба ин раванд, "дипломатияи сабз" ба ҳайси бахши калидии маҷмӯи сиёсатҳои хориҷии устувор арзи вуҷуд намуда, барои кишварҳо шароите фароҳам меорад, ки дар партави тамоюлҳои ҷаҳонии ҳифзи муҳит, истифодаи самарабахши манобеъ ва тақвияти тавоноии мутобиқшавӣ робитаҳои судманд ва пойдор бунёд намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлате, ки масалаи экология ва солҳои ахир дипломатияи сабзи мустаҳкамро ба роҳ мондааст, ҷузъи муҳими ба ҳадафҳои рушди устувор аст. Қайд намудан ба маврид аст, ки истилоҳи рушди устувор баъд аз солҳои 70-уми асри гузашта аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои глобалӣ назар афканданд. Дипломатияи сабз дар Тоҷикистон василаест, ки тавассути он кишвар хусусиятҳои табиӣ ва мушкилоти экологии худро ба имкониятҳо барои пешбурди Рӯзномаи 2030 ва ноил шудан ба ҳамаи ҳабдаҳ Ҳадафҳои Рушди Устувор бо таваҷҷӯҳ ба об, энергияи тоза ва ҳифзи экосистемаҳои кӯҳӣ табдил медиҳад. Бо дарназардошти он, ки беш аз навад дарсади нерӯи барқи кишвар аллакай аз манобеъи барқароршавандаи нерӯи обӣ тавлид мешавад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои фаромарзӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Помир ва Тиёншон, мусоидат ба тақсими одилонаи захираҳои об ва таҳкими амнияти минтақавӣ, ки мустақиман ҳадафҳои 6 ва 16-ро дастгирӣ мекунад, таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад.

Масъалаи ҳалли масъалаҳои глобалӣ дар самти об Ҷумҳурии Тоҷикистон басо пешсаф аст. Масъалаҳои об, оби тоза, оби нӯшонидан, об барои ҳаёт, дипломатияи обӣ, об барои рушди устувор ва ғайраҳо саҳми Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят дараҷа калон буда, таклиф ва пешниҳодҳои ӯ аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ СММ қабул шудани резолютсияи «Соли 2000- соли Сулҳ», «Соли 2003 – Соли байналхалқии оби тоза»,

Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт солҳои 2005 – 2015», «Соли 2013- соли байналхалқии ҳамкорӣ дар соҳаи об», Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон шуда, аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил карда мешавад [15, с.54]

Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон – Даҳсолаи амал “Об барои рушди устувор 2018-2028”, Рӯзи ҷаҳонии об ва эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо – масъалаҳои об ва криосфераро ба сатҳи ҷаҳонӣ бароварда, воридшавии сармоягузориҳо ва донишҳоро барои баланд бардоштани устувории иқлим дар Осиёи Марказӣ ва 13 13 таъмин мекунанд. Дар нишастҳои сарони кишвар, кишвар таъкид мекунад, ки обшавии пиряхҳо ба тавозуни энергетикӣ ва озуқавории тамоми минтақа таҳдид мекунад ва ғояи фонди байналмилалии боварӣ барои пиряхҳоро ҳамчун механизми молиявии мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим пешниҳод мекунад. Ҳамзамон, Тоҷикистон гидроэнергетикаро асоси “долони сабз” барои содироти нерӯи барқ медонад ва ба ин васила ба декарбонизатсияи кишварҳои ҳамсоя ва пешравии Ҳадафи 7 мусоидат мекунад. Ҷумҳурӣ тавассути ӯҳдадориҳои миллӣ дар доираи Созишномаи Париж роҳи коҳиш додани партовҳои партовҳо, тавсеаи сарпӯши ҷангал ва ҷорӣ кардани технологияҳои кӯҳистонӣ, харобшавии заминҳои кӯҳиро пеш мебарад. қодир ба ҳамгироии афзалиятҳои экологӣ ба нақшагирии иқтисодӣ ва амалияи дипломатӣ. Ин бархӯрди ҳамаҷониба Тоҷикисторо ба модератори эътирофшудаи равандҳои ҷаҳонии об табдил медиҳад ва дипломатияи сабз ба як канали калидӣ табдил меёбад, ки тавассути он Тоҷикистон кӯшишҳои давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва бахши хусусиро барои суръат бахшидан ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор ва фароҳам овардани ояндаи бехатари экологӣ барои тамоми минтақа муттаҳид мекунад.

Дипломатияи сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвар имкон медиҳад, ки сарватҳои нодири кӯҳиву обии худро ба муҳаррики расидан ба Рӯзномаи-2030 табдил диҳад: имрӯз беш аз 90 фоизи нерӯи барқи ҷумҳурӣ аз гидроресурсҳои барқароршаванда гирифта мешавад, ки ба Ҷумҳурӣ шароит фароҳам меорад барои ҳамсояҳо додугирифт ва тиҷоратро тақвият бахшад, ва фуруши қувваи баркро зиёдтар намояд. Бо ин роҳ кишвар ба иҷрои Ҳадафҳои 6, 7 ва 16 мусоидат мекунад. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон –Даҳсолаи амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», Рӯзи ҷаҳонии об ва эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо –мавзуъҳои криосфераро ба рӯзномаи ҷаҳонӣ ворид карда, равандҳои мутобиқшавӣ ба тағйири иқлимро мувофиқ ба Ҳадафҳои 13 ва 15 ташвиқ менамояд; дар вохӯриҳои ҷаҳонии иқлимӣ Душанбе таъсиси фонди боварии пиряхҳоро ҳамчун механизми нави маблағгузорӣ пешбарӣ мекунад. Тадқиқоти нави гидрологҳои тоҷик нишон медиҳад, ки бо оптимизатсияи истифодаи об ва навсозии шабакаҳои обёрӣ метавон самаранокии захираҳои обро дар соҳаи кишоварзӣ беш аз сеяки ҳаҷми ҷорӣ афзоиш дод, ки барои пешбурди муваффақи Ҳадафҳои 2 ва 12 ҳаётан зарур аст. Ин далелҳои илмӣ сиёсатгузории хориҷии кишварро пуштибонӣ намуда, нақши Тоҷикистонро ҳамчун пешбарандаи рӯзномаи сабз ва иқлимии тамоми Осиёи Марказӣ тақвият мебахшанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дорад, ки истифодаи неруи офтобро барои истеҳсоли энергетика низ ба назар гирад. Ин имконияти Ҷумҳурӣ бо назардошти ҷойгиршавии географӣ, ки тақрибан 300 рузи офтобӣ дар як сол тул мекашад, шароити мусоид барои диверсификатсияи энергетикӣ аст. Соли 2022 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуд, ки соҳибкоронеро, ки электромобилҳо, электробусҳо ва троллейбусҳо ворид менамоянд, аз пардохти андози арзиши иловашуда, андози аксизӣ ва боҷи гумрукӣ озод мекунад . Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи ҳамкорӣ бо Чин дар соҳаи татбиқи иқтисоди сабз низ дорад: аз солҳои 2007 то имрӯз ҳаҷми сармоягузориҳои Чин ба 3,34 млрд доллари ИМА баробар шудааст. Илова бар ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари худ ба Чин соли 2024 дар самти мазкур ёддошти тафоҳум оид ба кӯмаки мутақобила ба имзо расонид. Дар назар аст, ки барои ҷалби сармоя ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва таъсиси корхонаҳои

муштарак оид ба истеҳсоли панелҳои офтобӣ ва батареяҳо барои воситаҳои нақлиёти баркӣ чораҳо андешида шаванд [9, с. 134-141].

Масалаи иқтидори энергетикии офтобӣ дар Тоҷикистон Абдуназарова М.Н. қайд менамояд, ки "Иқлими Тоҷикистон барои истифодаи нерӯи офтоб мусоид аст. Дар як сол ба хисоби миёна 280-330 рузи офтобй мавчуд буда, шиддати радиацияи умумии офтоб дар давоми сол тагйир меёбад. Истифодаи энергияи офтобии мавҷуда дар Тоҷикистон метавонад 10-20 фоизи талаботи онро ба энергия таъмин намояд. Тибқи ҳисобҳо, иқтидори энержии офтобии Тоҷикистон ҳудуди 25 миллиард кВт/соатро ташкил медиҳад. Агар як кисми истифодаи онро барои гарм кардани об ба назар нагирем, ин иктидор амалан истифода намешавад" [1, с.76].

Гузашта аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти истифодаи қувваи бодӣ низ аст. Истифодаи энергияи бод барои истеъмолкунандагони асосан маҳалнишин дар суръати миёнаи солонаи шамол аз 3 м/с то 16 м/сек тавсия дода мешавад. Аммо хусусиятхои бодро хамчун манбаи энергия ба назар гирифтан лозим аст: номутаносибӣ, тағьирнопазирии суръат, мавчуд будани лахзае, ки дар вакти он турбинахои бод катъ мешаванд. Энергияи бод дар якчояги бо батареяхои электрикие, ки кувваи импулсро баробар мекунад ва дар вакти кор кардани турбинаи бод қувва мегирад, ба максад мувофиктар истифода мешавад. Батареяхо имконият медиханд, ки дар давоми руз мувофики ҳар график ба истеъмолкунанда кувваи барқ дода шавад. Барои турбинахои бодӣ, ки иктидорашон аз 5 кВт камтар аст, истифодаи аккумуляторхои химиявӣ, асосан аккумуляторхои кислотадор самаранок аст. Саноати ИДМ баъзе навъҳои турбинаҳои бодӣ, аз қабили «Ветерок», «Беркут» ва ғайра истеҳсол мекунад [10,с. 134-141].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози имконият ва иқтидори худ кушиш карда истодааст, ки ба ҳар банди Ҳадафҳои Рушди Устувор саҳми арзандаи худро гузорад. Бештари имкониятҳо ва саҳмҳои Ҷумҳурии Мо равона шудаанд ба мубориза бар зидди дигаргушавии иқлим, оби тоза, энергияи тоза ва дастрас, нигоҳдории экосистема, нигоҳдории экосистемаи баҳрӣ, баробарии гендерӣ, дастрасӣ ба маълумот ва ғайра.

Солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои инноватсионии дипломатияи сабз муносибатҳои худро бо кишварҳои хориҷа ва созмонҳои байналмилалӣ дар сатҳи баланд нигоҳ дошта истодааст. Масъалаи облигатсияи сабз низ ба рощ монда шудааст. Ин восита механизми ҷалби сармояро, ки махсусан барои лоиҳаҳои аз ҷиҳати экологӣ судманд пешбинӣ шудааст, фароҳам меорад, ки ба ҳукуматҳо, муниципалитетҳо ва корпоратсияҳо имкон медиҳад, ки ташаббусҳоро аз қабили энергияи барқароршаванда, самаранокии энергия, инфрасохтори устувор ва ғайра маблағгузорӣ кунанд [6, с.70].

Дар арсаи ҷаҳонӣ барномаи рушди сабз низ сол то сол меафзоад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариши пурра ба иқтисодитиёти сабз , Стратегияи Рушди Иқтисоди «Сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 қабул намуд. [11, с.194].

Маъмурияти давлатии Тоҷикистон барномаи Рушди сабзро дастгирӣ мекунад, ки ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, рушди иқтисоди сабз ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеаро оид ба масъалаҳои рушди устувор ташкил мекунад. [5, с.288-296].

Яке масъалаҳои муҳими рушди дипломатияи сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ин таҳкими муносибатҳои дипломатии минтақавӣ дар дориаи Осиёи Марказӣ мебошад. Муносибатҳи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки ба ғайр аз Қирғизистон давлатҳои поёноб ҳастанд, дар сатҳи хуб қарор дорад. Ин муносибатҳо дар дориаи барномаи CASA 1000 ва дигар барномаҳои минтақавӣ ки ҳамкории давлатҳои минтақаро аз ҷумла давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ амиқтар мекунанд, асос меёбад [3, с. 327-332].

Дипломатияи сабз ба ҳайси воситаи муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки иқтидори табиӣ, манфиатҳо ва ташаббусҳои байналмилалиро метавон ба таври мутавозин ба рӯзномаи рушди устувор муттаҳид кард. Таҷрибаи кишвар дар пешбурди дипломатияи обӣ, истифодаи васеи гидроэнергетика, ҷалби маблағгузории сабз ва ба роҳ мондани ҳамкории бисёрсатҳӣ исбот намуд, ки ҳатто давлати кӯҳӣ метавонад ба платформаи

муколамаи минтақавию ҷаҳонӣ табдил ёбад. Иштироки фаъол дар ташаббусҳои глобалии «Об барои рушди устувор» ва ташкили Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо на танҳо нуфузи Тоҷикистонро боло бурд, балки механизмҳои амалии расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор суръат бахшид. Бо вуҷуди ин, муваффақиятҳои то кунун бадастомада ҷанбаи ибтидоӣ доранд: мушкилоти диверсификатсияи манбаъҳои энергетикӣ, рушди бозори карбон, тақвияти мониторинги индикаторҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор ва фарогирии ҷалби бахши хусусӣ ҳанӯз дар пеш истодаанд. Барои идомаи пешрафт зарур аст, ки кишвар инфрасохтори илмӣ-техникӣ ва базаи ҳуқуқии худро ба стандартҳои байналмилалии «сабз» мутобиқ созад, фазои ҳавасмандсозии сармоягузорони дохиливу хориҷиро тавсеа бахшад ва ҳамгироии минтақавиро тавассути лоиҳаҳои транссарҳадӣ, аз ҷумла CASA-1000 ва шабакаи об-энергетика-иқлим, пурзӯр намояд. Аз ин лиҳоз, дипломатияи сабзи Тоҷикистон метавонад ба модели эталонӣ барои давлатҳои кӯҳӣ дорои захираҳои маҳдуд, вале иқтидори баланд табдил ёбад.

АДАБИЁТ

1. Абдуназарова М. Р. Перспективы развития солнечной и ветряной энергетики в Таджикистане // Вестник Педагогического университета. 2018. №4 с.76.
2. Бондаренко Л. В. и др. Глобальное изменение климата и его последствия //Вестник Российского Экономического Университета им. Г.В. Плеханова. – 2018. – №. 2 (98). – С. 84-93.
3. Джахонгири А., Обиджони Ш. Строительство casa-1000 Фактор достижения стратегических целей //Политическая школа Лидера нации Учредители: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. – №. 3. – С. 327-332.
4. Йонас Г. Принцип ответственности: этика для технологической цивилизации / пер. с нем. В. П. Григорьева; науч. ред. А. Ф. Зотов. –Москва: Айрис-пресс, 2004. –384 с. –С. 13.
5. Курбонов М.М. Таджикистан на пути зеленой дипломатии: внешнеполитические стратегии и международное сотрудничество // Постсоветские исследования. 2025. Т. 8. № 3. С. 288–296.
6. Кусалиева А. На пути к созданию тематического рынка облигаций в Таджикистане [Электронный ресурс] : аналитический доклад / Экономическая и социальная комиссия ООН для Азии и Тихого океана. – Бангкок : ЭСКАТО, 2024. – 70 с. – Режим доступа: https://repository.unescap.org/server/api/core/bitstreams/5f9658f3-b75b-456d-a657-f8374f12cb47/content (дата обращения: 30.06.2025).
7. Николсон Г. Дипломатия / пер. с англ. под ред. А. А. Трояновского. –М.: ОГИЗ, Гос. изд-во политической литературы, 1941. –156 с. –С. 15, 80, 100.
8. Раҳимов А. И., Эркаев С. А. Ифтикороти байналмилалии Ноҷикистон дар масъалаҳои обу иқлим ва аҳамияти он //Шаг за шагом вновь образуемый университет будет ставить новые задачи и достигать заветные цели повышения своего международного рейтинга. – 2025. – Т. 11. – №. 12. – С. 54.
9. Самадова З. А. К вопросу о формировании зелёной экономики в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского Государственного Университета Права, Бизнеса и Политики. Серия общественных наук. – 2025. – Т. 103. – №. 2. – С. 134-141.
10. Самадова З. А. К вопросу о формировании зелёной экономики в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2025. – Т. 103. – №. 2. – С. 134-141.
11. Стратегия развития «зелёной» экономики в Республике Таджикистан на 2023–2037 годы : утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 сент. 2022 г. № 482 [Электронный ресурс]. – Душанбе : Программа развития ООН, 2022. – 194 с. – Режим доступа: https://www.wis.tj/wp-content/uploads/2024/01/2.-Green-Energy-Strategy.pdf (дата обращения: 30.06.2025).

12. Хижняк В. С. «Зеленая дипломатия» как средство реализации международно-правовой политики в экологической сфере в условиях глобализации //Гуманитарные и юридические исследования. – 2020. – №. 3. – С. 164-170.
13. Gafforzoda I. G., Arabov F. P., Sodikov A. K. Sustainable development of water resources of Tajikistan // IOP Conference Series: Earth and Environmental Science. –2023. –Vol. 1229, № 1. – P.62.
14. Vitousek P. M. et al. Human domination of Earth's ecosystems //science. – 1997. – Т. 277. – №. 5325. – С. 494-499.
15. Wackernagel M., Rees W. Our ecological footprint: reducing human impact on the earth. – New society publishers, 1998. – Т. 9. С 33

НАҚШИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АМАЛИГАРДОНИИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР

Аннотатсия*: Дипломатияи сабз ҳамчун ҷузъи муҳими «силсилаи сиёсати хориҷии устувор» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ ва шабакаҳои байналмилалӣ бо гузоштани меҳвари сабзи рушди низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Ин раванд тавассути ташкили платформаҳои ҳамгирои шарикӣ, ба мисли шабакаи об-энергетика-иқлим, иштироки мунтазам дар анҷуманҳои сатҳи баланд (COP, Ҷаласаҳои СММ оид ба масъалаҳои экологӣ) ва дастрасӣ ба механизмҳои нави маблағгузории сабз, суръати татбиқи 17 Ҳадафи Рушди Устуворро афзун мегардонад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар амалияи тоҷикистонӣ дипломатияи сабз на танҳо воситаи ҷалби сармояи хориҷӣ ва технологияҳои тоза аст, балки механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ мебошад. Ин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои SDG ба стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди кишвар ворид гарданд ва индикаторҳои онҳо мунтазам мониторинг шаванд. Инчунин, ташаббусҳои президентӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028) ва Конфронси ҷаҳонии обии солҳои 2023–2026 ба дипломатияи сабз такягоҳи сиёсӣ бахшида, Тоҷикистонро ҳамчун «платформаи муколамаи обӣ» дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд. Бо фароҳам овардани фазои муколамаи бисёрсамтӣ ва баланд бардоштани шаффофияти қабули қарорҳо, дипломатияи сабз метавонад дар оянда ба густариши бозори карбон, диверсификатсияи захираҳои энергетикӣ ва тавсеаи иқтидори созмонҳои маҳаллӣ барои муқобила бо тағйирёбии иқлим саҳми назаррас гузорад.*

Калидвожаҳо*: дипломатияи сабз; Ҳадафҳои рушди устувор; шабакаҳои об-энергетика-иқлим; маблағгузории сабз; ҳамоҳангсозии сатҳҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ; платформаҳои шарикӣ (COP, форумҳои СММ); таҷрибаи Тоҷикистон; ҳамкории давлат – ҷомеаи шаҳрвандӣ; муттаҳидсозии вазорату идораҳо; рушди устувор*

РОЛЬ ЗЕЛЕНОЙ ДИПЛОМАТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РЕАЛИЗАЦИИ ЦЕЛЕЙ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

Аннотация: *Зелёная дипломатия, являясь важнейшим звеном «постоянной линии устойчивой внешней политики» Таджикистана, укрепляет межгосударственные связи и международные сети, выдвигая экологическую повестку в центр экономического и социального развития. Этот процесс ускоряет реализацию 17 Целей устойчивого развития за счёт создания интегрированных партнёрских платформ, таких как водно-энергетико-климатическая сеть, регулярного участия в форумах высокого уровня (COP, сессии ООН по окружающей среде) и доступа к новейшим зелёным финансовым инструментам. Практика показывает, что зелёная дипломатия служит не только каналом привлечения иностранных инвестиций и чистых технологий, но и координационным механизмом, объединяющим министерства, агентства, гражданское общество и частный сектор. Это позволяет органично встроить цели SDG в национальные стратегии и среднесрочные программы, обеспечивая системный мониторинг их индикаторов. Одновременно президентские инициативы – Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития»*

(2018–2028) и Всемирная водная конференция 2023–2026 годов – придают зелёной дипломатии политическую опору, позиционируя Таджикистан как «водную диалоговую платформу». В перспективе зелёная дипломатия способна расширить углеродный рынок, диверсифицировать энергетические ресурсы и укрепить потенциал местных структур в противодействии климатическим изменениям.

Ключевые слова: *зелёная дипломатия; Цели устойчивого развития; водно-энерго-климатические сети; зелёное финансирование; многоуровневая координация; партнёрские платформы (COP, форумы ООН); опыт Таджикистана; сотрудничество государства и гражданского общества; консолидация министерств и ведомств; устойчивое развитие*

THE ROLE OF THE GREEN DIPLOMACY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE IMPLEMENTATION OF THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT GOALS

Abstract*. Green diplomacy, as a key element of Tajikistan's continuous sustainable foreign-policy line, strengthens interstate ties and international networks by placing the ecological agenda at the heart of economic and social development. The approach accelerates delivery of the 17 Sustainable Development Goals through integrated partnership platforms such as the water-energy-climate nexus regular participation in high-level fora (COP sessions and UN environmental conferences) and access to innovative green-finance mechanisms. In practice, green diplomacy functions not only as a channel for attracting foreign capital and clean technologies but also as a coordination mechanism linking ministries, agencies, civil society and the private sector. This synergy embeds the SDGs within national strategies and medium-term programmes, enabling systematic monitoring of their indicators. Concurrently, presidential initiatives like the International Decade of Action "Water for Sustainable Development" (2018–2028) and the Global Water Conference series (2023–2026) provide political backing, presenting Tajikistan as a "water dialogue platform" on the international stage. Looking ahead, green diplomacy can expand the carbon market, diversify energy resources, and build local institutional capacity to tackle climate change.*

Keywords*: green diplomacy; Sustainable Development Goals; water-energy-climate nexus networks; green finance; multi-level coordination; partnership platforms (COP, UN forums); Tajik experience; state–civil society cooperation; ministerial integration; sustainable development.*

Маълумот даро бораи муаллиф: ***Қурбонов Маъруф Муидинович*** **–** Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайеҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ходими илмии шуъбаи Муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи сабз. **Суроға:** 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Рақами телефон : +992 936660295. Email: mustafam30@mail.ru

Инфомация об авторе: ***Курбонов Маъруф Муидинович*** – Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зелёной экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Научный сотрудник отдела Международных отношений и зелёной дипломатии. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: +992 93 666 02 95. Email: mustafam30@mail.ru

Information about the author: ***Kurbonov Maruf Muidinovich*** – Research Institute of Sustainable Development and Green Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Scientific researcher at the department of International Relations and Green Diplomacy. **Address:** 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5. Phone: +992 93 666 02 95. Email: mustafam30@mail.ru

ГИДРОПОЛИТИКА ҲАМЧУН САМТИ НАВИ ИЛМҲОИ СИЁСӢ ВА ТАЪЛИМОТИ ФАННӢ: ВАЗИФАҲО, УСУЛҲОИ ОМӮЗИШ ВА КАТЕГОРИЯҲОИ АСОСӢ

Қувватзода С.З.
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи пешгӯиҳои мавҷуда дар оянда буҳрони марбут ба об танҳо амиқтар хоҳад шуд ва роҳи ҳалли ин мушкилот дар идоракунии муассир ва оқилонаи захираҳои об арзёбӣ гардида, танзими ҳамаҷониба ва оқилонаи талабот ба об ва таҳкими донишҳо миёни ҷомеа зарур шуморида мешавад.

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, марҳалаҳои таърихи аввали башарият, вобаста ба дараҷаи инкишофи маданияти моддии ҳамон замон номгузорӣ гардидаанд. Асри санг пай дар пай ба асрҳои мис, биринҷӣ ва баъд аз он ба оҳан иваз гардидаанд.

Баъдтар дар феҳристи эпитетҳое, ки давраи муайяни таърихиро тавсиф мекунанд, ба ҷои маълумот дар бораи маводе, ки барои истеҳсоли олот ва аслиҳа (санг, мис, биринҷӣ, оҳан) истифода мешуданд, номи навъҳои бартаридоштаи сӯзишвории истихроҷшаванда истифода мешавад. Давраи чандинасраи истифодаи оммавии ангишт ба давраи нефту газ иваз мешавад ва аз миёнаҳои асри гузашта дар асоси ашёи хоми радиоактивӣ давраи энергияи атом оғоз мегардад.

Дар ҳама давру замон - аз асри санг то асри атом дар заминаи пайдарпай иваз гардидани навъҳои ашёи хоми табиии маъданӣ ва сӯзишворӣ танҳо як намуди захираи табиӣ ҳамеша ва ба миқдори рӯзафзун бартарӣ дорад, ки он ҳам оби тозаи ошомиданӣ мебошад.

Буҳрони ҷаҳонии об, ки ногузир арзёбӣ мегардад ва таҳдиди куллӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дорад асри XXI –ро ба асри об табдил хоҳад дод. Масъалаҳои об ба масъалаи аввалиндараҷаи амниятӣ табдил ёфта, омили об ба омили асосии муносибатҳои байнидавлатию минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил меёбад. Дар қарни ҷорӣ дар баробари дигар афзалиятҳо, иқтидор ва қудрати давлатҳо аз рӯйи доштани захираҳои об муайян карда шуда, рушди устувори иқтисодию иҷтимоии онҳо аз рӯйи нишондодҳои дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва шароити беҳдошт арзёбӣ карда мешавад.

Чунин инкишофи ҷомеа дар пайи равандҳои гуногун сурат гирифта, он аз як марҳилаи рушд ба марҳилаҳои нав мегузарад. Раванди инкишофи ҷомеа боиси ба вуҷуд омадани тағйиротҳои гуногун мегардад, ки онҳо аз нуқтаи назари илмҳои мухталиф омӯхта мешаванд. Илми сиёсӣ низ дар раванди ташаккули худ марҳилаҳои гуногунро тай намуда, дар баробари пешрафти ҷомеа инкишоф ёфтааст. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар назди илмҳои сиёсӣ масъалаҳои нави омӯзиш ба вуҷуд омадаанд, ки боиси фарох гардидани доираи фарогирии он ва дар айни замон ташаккули он шудааст. Раванди инкишофи илми сиёсӣ боиси ба вуҷуд омадани шохаҳои нав дар он гардидааст/гардида истодааст. Имрӯз дар доираи илмҳои сиёсӣ дар қатори сиёсатшиносии умумӣ шохаҳои дигари он ба монанди низоъшиносӣ, геополитика, глобалистика, минтақашиносӣ, маркетинги сиёсӣ, технологияи сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, амнияти миллӣ ва дигарҳо омӯхта шуда истодаанд.

Имрӯз дар заминаи идоракунии захираҳои об бояд як қатор мушкилоти нав, ба монанди тағирёбии иқлим ва таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист ҳал карда шаванд. Намояндагони ҳам бахшҳои давлатӣ ва ҳам бахши хусусӣ, ки фаъолияташон ба ин самт равона гардидааст, ниёзманди донишҳои нав ва маълумотҳои илман асоснок мебошанд, ки ба онҳо имконияти диҳад идоракунии мунтазами истифодаи обро ба таври оқилона ба роҳ монда тавонанд. Мутахасисони соҳа, махсусан соҳаи дипломатияи обро зарур аст, ки дар ин замина қобилияти ҳамаҷониба омӯхтани масъалаҳои асосӣ ва таҳлили стратегияҳои идоракунии захираҳои обро дошта бошанд ва дорои донишҳои зарурӣ барои фаҳмидани

омилҳо (сиёсӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ), ки ба захираҳои об таъсир мерасонанд ва мутобиқсозии мувофиқи стратегияҳои идоракуниро талаб мекунанд бошанд.

Раванди мураккабшавии мушкилоти об ва таъсири бештари омили об ба муносибатҳои байнидавлатию минтақавӣ ва байналмилалӣ зарурати бештари аз ҷиҳати сиёси омӯхтани масъалаҳои вобаста ба обро ба миён оварда, боиси ба вуҷуд омадани шохаи нави илмҳои сиёсӣ- сиёсати об ё гидрополитика гардидааст.

Афкори гидрополитикӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар марҳилаҳои гунонуни инкишофи ҷомеа дар шаклу мазмуни мухталиф дар таълифоти олимону муҳаққиқон ва мутафаккирон инъикоси худро пайдо намудааст. Таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи афкори гидрополитикии мутафаккирони миллию хориҷӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби вобаста ба об дар заминаи таҷрибаи таърихӣ ва бо истифода аз имкониятҳои технологии замони имрӯз натиҷабахш ҳал карда шаванд. Таълифоти илмию таърихӣ, динию адабии замонҳои гузашта дар ин самт нишон медиҳад, ки ба об ва масъалаҳои вобаста ба он аз ҳама ҷиҳат бояд эҳтиёткорона ва эҳтиромонаю оқилона муносибат намуд ва обро муқаддас шуморид. Маҳз бо ҳамин тарзи муносибат гузаштагони мо тавонистаанд аз бисёр мушкилоти вобаста ба об пешгирӣ намоянд. Аммо афкори гидрополитикӣ то ҳанӯз ба таври зарурӣ таҳқиқ ва омӯхта нашудааст ва дар системаи муайян танзим нагардидааст. Ин ҳолат зарурати арзёбии гидрополитикаро ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ ба вуҷуд овардааст, то мустақиман таҳқиқ гардад ва ҳамаҷониба омӯхта шавад.

Дар баробари афкори гидрополитикӣ ҳамарӯза таҳлилҳои зиёди илмию иттилоотӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои вобаста ба об тавассути васоити ахбори омма ва шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби мутахассисони касбу кори гуногун сурат гирифта истодааст. Қисме аз ин таҳлилҳои илмию оммавӣ ва иттилоотӣ ба масъалаҳои сиёсӣ ва амниятии вобаста ба об нигаронида шудаанд, ки таҳлилгарони он на ҳамеша мутахассисони соҳаи илмҳои сиёсӣ мебошанд. Дар бисёри ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки чунин таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои сиёсии вобаста ба об бе асосноккунӣ ва риояи қонуниятҳои илмӣ сиёсӣ сурат мегиранд ва низоми муайян надоранд.

Бо назардошти ин, ба низом ва системаи муайян даровардани донишҳои сиёсии вобаста ба об дар доираи як шоҳаи алоҳидаи илмҳои сиёсӣ ва пешбурди омӯзиши ҳамаҷонибаи он аз ҷониби доираи васеъи ҷомеа зарур арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамзамон ҳолати кунунии захираҳои об зарурати такмили идоракунии обро нишон медиҳад. Эътироф, андозагирӣ ва ифодаи арзиши об ва дохил кардани он дар қабули қарорҳо барои ноил шудан ба идоракунии устувор ва одилонаи захираҳои об ва инчунин ноил шудан ба ҲРУ вобаста ба об муҳим аст.

Дар раванди мураккабшавии масъалаҳои вобаста ба об ва камбуди он омили об дар муносибатҳои байналхалқӣ ҷойгоҳи махсусро касб намуда, дар ин доира ба вуҷуд омадани мушкилоти азими гидрополитикӣ миёни абарқудратҳо пешгӯйӣ мешавад. Мубориза барои қутбҳо, милликунонии Арктика тақсим кардани Антарктида ба миён гузошта мешавад.

Арзиши об ва аҳамияти иқтисодию иҷтимоии он торафт баланд гардида, рақобат ва мубориза барои дастрасӣ ба он зиёд мегардад. Ҷомеи ҷаҳонӣ ба марҳилаи дарки воқеии арзиши об натанҳо ҳамчун сарвати табиӣ, балки асоси ҳаёт дар сайёра мегузарад. Қарни ҷорӣ давраест, ки инсониятро водор месозад арзиши обро аз ҳама ҷиҳат ва дар ҳама соҳаҳо хуб дарк кунад ва ҷиҳати қонеъ сохтани маҷмуи ниёзҳои худ ба он онро ҳифз намояд. Дарки арзиши об, махсусан арзиши ҳаётӣ ва иқтисодии он яке аз роҳҳои идоракунии талабот ба об ва дар заминаи он коҳиш додани сатҳи бухрони ҷаҳонии об мебошад.

Онҳое, ки арзиши обро назорат мекунанд, истифодаи онро назорат мекунанд. Арзиши об як ҷанбаи марказии қудрат ва баробарӣ дар идоракунии захираҳои об мебошад. Пурра ба инобат нагирифтани арзиши об дар ҳама шаклҳои истифодаи он як сабаб ё аломати асосии беэътиноии сиёсӣ ва мудирияти нодурусти об дониста мешавад. Аксар вақт арзиши об ё маҷмуи пурраи арзишҳои сершумори он дар қабули қарор умуман нақш намебозад.

Дар ҳамин асно гидрополитика раванди таҳияи сиёсатро дар бар мегирад, ки ба ҷамъоварӣ, идоракунӣ, истифода ва ихтиёрдории об нигаронида шудааст. Яъне сиёсати об ба

қабули қарорҳо дар бораи таъмин, истифода, ихтиёрдорӣ ва устуворӣ дар соҳаи об дахл дорад. Сиёсати об ба истифодаи мустақим ва истеъмоли об аз ҷониби ҷомеа, дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ҳифзи экосистемаҳо нигаронида шудааст. Сиёсати об бояд қоидаҳои тақсимоти обро барои мақсадҳои гуногун муқаррар намояд. Маълум аст, ки сиёсат таҷрибаҳои идоракуниро муайян мекунад, аммо таҷрибаҳои беҳтарини идоракунӣ аз ҷониби сиёсатмадорон муайян, арзёбӣ ва тағйир дода шуда, паҳн карда мешаванд. Масъалаҳои сиёсати об таваҷҷуҳи бештар доранд, зеро норасоии об дар баъзе минтақаҳо дар сатҳи буҳронӣ қарор дорад, ки ин буҳронҳои минтақавӣ метавонанд оқибатҳои умумиҷаҳонӣ дошта бошанд.

Бо назардошти ин зарурати ба таври мунтазам омӯхтани масъалаҳои сиёсии вобаста ба об дар доираи барномаи мукаммал ва системавӣ зарур мебошад. Маълум аст, ки таҳияи тадбирҳои гидрополитикӣ ва истифодаи об бояд бо дарназардошт ва дар формати стратегияи муайян сурат гирад. Стратегияи мазкур бояд фарогири таҳлили ҳаматарафа ва нақшаи мувофиқи он қабулшуда бошад, ки дар он усулҳо ва пайдарҳамии амалҳое, ки ба ноил шудан ба мақсади муайян нигаронида шудаанд, коркард гардад.

Об ҳамчун манбаи табиӣ, стратегӣ ва иқтисодӣ беназир аст. Онро дар доираи сарҳадҳои сиёсии давлат нигоҳ доштан ва пурра идора кардан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, об захираи «фасеҳ» мебошад. Онро фурухтан, ҷамъ кардан, дастрасиро ба он маҳдуд кардан ва байни минтақаҳою соҳаҳо аз нав тақсим кардан мумкин аст. Аз замонҳои қадим, вақте ки об қабилаҳои гуногунро, ки дар соҳили дарёҳои калон маскан гирифта буданд, ғизо медод ва то имрӯз об қувваи барқ истеҳсол мекунад, молҳоро интиқол медиҳад, барои истеҳсоли ғизо ва ҳар чизе ки бо дасти инсон офарида шудааст, дар он об истифода мешавад. Фаҳмидани воқеияти нақши бунёдии об дар ҷаҳон, бо истифодаи дурусти ин донишҳо калиди бунёди муассири ҳам муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳам сиёсати дохилиро медиҳад [1].

Таҳлил нишон медиҳад, ки масъалаҳои об дар сарчашмаҳои асотирию динӣ, таърихию фарҳангӣ, низоми қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии байнидавлатӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ ва рӯзномаи сиёсии ҷаҳон ҷойгоҳи махсусро касб намуда, аз мубрамтарин мавзуи баррасишавандаи сатҳҳои гуногун гардидааст.

Дар ин замина ҷойгоҳи об дар низоми ҳуқуқӣ мушаххас гардида, дар сатҳи байналмилалӣ дастрасӣ ба об ҳамчун ҳуқуқи заминавии инсон эътироф гардида, дар сатҳи қонунгузории миллӣ кишварҳо обро ҳамчун сарват ва арзиши миллии барои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи давлатӣ зарур арзёбӣ намудаанд.

Об дар қонуни асосии аксари кишварҳои ҷаҳон мақоми конститутсионӣ дошта, доир ба он кодексҳо ва қонунҳои муқаррарӣ дар сатҳи миллӣ амал менамоянд. Ин аз мақоми баланди ҳуқуқию сиёсии об ҳамчун сарвати табиӣ ва асоси ҳаёт шаҳодат медиҳад.

Аз ҷиҳати сиёсӣ об ҷойгоҳи махсусро дар сиёсати дохилию хориҷии давлатҳои миллӣ ва созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ касб намудааст. Доир ба он санадҳои махсуси меъёрию ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ қабул гардидаанд, ки уҳдадориҳои давлатҳо ва халқу миллатҳоро дар муносибат бо об ва захираҳои об муайян намудааст.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ниҳодҳои байналмилалиро низ пешбурди масъалаҳои вобаста ба об ва сиёсати об дар сатҳи ҷаҳонӣ ташкил медиҳад. Имрӯз сиёсати об ва уҳдадориҳои байналмилалии кишварҳо дар соҳаи об қисми таркибии муносибатҳои ҷаҳониро дар самти фаъолияти муштараки ниҳодҳои байналмилалӣ ва давлатҳои миллӣ ташкил менамояд. Дар ин замина, об ба яке аз омилҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфта, боиси ба вуҷуд омадани дипломатияи об гардидааст. Дипломатияи об ҳамчун соҳаи нави муносибатҳои дипломатӣ танзимкунандаи фаъолияти ниҳодҳои гуногун дар соҳаи об дар сатҳи байнидавлатию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, дар доираи он мавзуи об дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи махсусро касб намудааст.

Дар дунё ҳеҷ як сарвати табиӣ мисли об халқу миллатҳо ва давлатҳоро ба ҳам пайваст накардааст. Дарёҳои фаромарзӣ дар муносибатҳои байнидавлатию байналхалқи ҷойгоҳи махсус дошта, боиси омӯзиши ҳамаҷониба мебошанд. Дарёҳои фаромарзӣ аксар вақт ҳамчун сарҳад ё аломатгузории байни онҳо хизмат мекунанд. Дар ин дарёҳо таъмини об, тақсимот, назорат ва

истифода барои зинда мондан, сифати зиндагӣ ва муваффақияти иқтисодӣ муҳиманд. Назорати захираҳои оби кишвар барои бақои давлат муҳим дониста мешавад. Бо назардошти мавҷудияти аз ҳад баланди вобастагии обӣ миёни давлатҳо дар заминаи ҳавзаҳои ягонаи обӣ методҳои идоракунии муштараки байнидавлатӣ ва минтақавии захираҳои оби фаромарзӣ коркард шудаанд, ки методологияи гидрополитикаро ташкил менамоянд. Идоракунии ҳудудӣ – маъмурӣ, идоракунии ҳавзавӣ, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об аз ҷумлаи методҳои гидрополитика арзёбӣ карда мешаванд.

Вобастагии зиёди обӣ ва мавҷудияти ҳавзаҳои ягонаи обӣ миёни давлатҳо дар бисёри мавридҳо боиси нофаҳмоиҳо ихтилофҳо ва сар задани низоъҳои обии байнидавлатӣ ва минтақавӣ мегардад. Низоъҳои вобаста ба об аз паҳнгаштатарин ва мураккабтарин низоъҳо дониста шуда, эҳтимолияти ҳар лаҳза ва дар ҳар гӯшаи дунё сар задани онҳо ҷой дорад. Ҳалли чунин низоъҳо дарёфти роҳу усулҳои хосаи музокиротро талаб менамояд. Дар ин замина об ба абзори сиёсӣ табдил ёфта, воситаи таъсиррасонии сиёсӣ миёни давлатҳои болооб ва поёноб гардидааст.

Вобаста ба ин ба андешаи Вадим Каширин гидрополитика таъсири бошуурона ба захираҳои об барои ноил шудан ба ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологии барои ҷомеа муҳим мебошад. Буҳрони ҷаҳонии об якбора рӯй нахоҳад дод. Ҷаҳон ба таври ноаён ва тадриҷан, вале ногузир тағйир меёбад. Мушкилоти об ҳатман ба низоъҳои мусаллаҳона табдил намеёбанд. Аммо ҳатто таҳлили умумии масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳонӣ дарки мавҷудияти таҳдиди миқёси васеъ ва бисёрҷанбаро медиҳад, ки ҳатто ба таври куллӣ аз байн бурдани яке аз ҷузъҳои он (масалан, кашфи роҳи арзон ва муассири аз ифлосшавӣ тоза кардани об) масъаларо умуман ҳал намекунад. Шубҳаҳо дар бораи эҳтимолияти ҷангҳои ояндаи обӣ, ки дар асоси он, ки то имрӯз дар ҷаҳон дар бораи об чандон ихтилофот рух додааст, бо сабаби оддии кофӣ будани об ғайриимкон аст [1].

Дар дунё асосан давлатҳое ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи комили сиёсии худ дастёб гардидаанд, ки дорои захираҳои кофӣ ва ё басандаи об мебошанд. Дастрасии комили аҳолӣ ба об яке аз шартҳои асосии субот ва амният дар давлат ба ҳисоб меравад. Суботу амният бошад асосии пойдории давлат аст. Яъне омили об дар пойдории давлат ногузир арзёбӣ мегардад. Дар ин баробар об тамоми соҳаи ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, давлат ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ наметавонад бе доштани захираҳои басандаи об рушди устувори худро таъмин карда бошад. Бо назардошти ин амняти обӣ ҳамчун қисми таркибии амнияти миллӣ барои нигоҳдошт ва таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи комил дар давлат зарур мебошад.

Имрӯз дар пайи маҷмуи омилҳо мушкилоти об то рафт дар ҷаҳон мураккаб гардида, мавзуи об дар рӯзномаи ҷаҳонӣ авлавиятро касб намудааст. Бо мақсади муттаҳид намудани талошҳои ҷаҳонӣ, дарёфти роҳҳои муассири ҳалли ин мушкилот тавассути дарёфти афкори илман асоснокшуда ҳамасола ҳазорҳо чорабиниҳо – мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳо, сипозиумҳо, форумҳо дар сатҳи миллию минтақавӣ ва байналмилалӣ баргузор гардида, маводҳои зиёди иттилоотию оммавӣ, методӣ ва илмӣ ба нашр мерасанд.

Дар ин замина ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии гидрополитикаи муосир аз ҷониби тадқиқотчиён дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва гидрополитика мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дорад. Дар монографияҳо, мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои расмии созмонҳои байналмилалӣ вазъи муносибатҳои байналмилалиро дар соҳаи гидрополитика дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI муфассал шарҳ медиҳанд. Ҷанбаи танзими ҳуқуқии истифодаи об дар обҳои фаромарзӣ низ мавриди омӯзиши муфассал қарор дорад.

Мушкилоти об аз масъалаҳои мураккабтарини ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ҳалли самарабахши он қабули қарорҳои муътамади сиёсӣ ва иродаи олии сиёсиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши сиёсии он зарур мебошад. Дар ин замина гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ маҷмуи масъалаҳои болозикрро фаро гирифта, омӯзиши ҳамаҷонибаи он зарур гардидааст. Новобаста аз он, ки масъалаҳои сиёсии вобаста ба об имрӯз ба масъалаҳои глобалӣ табдил ёфтаанд то ҳанӯз омӯзиши он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Барои омӯзиши ҳамаҷониба ва натиҷабахши масъалаҳои сиёсии вобаста ба об муттаҳид намудани ҳамаи қисмҳои таркибии он дар доираи курси алоҳида ва баъдан фанни таълимӣ зарур мебошад, ки он гидрополитика ва ё гидрополитология шуда метавонад.

Доир ба ин масъала аз ҷониби Вадим Каширитаваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, номбурда қайд намудааст, ки омӯзиши мушкилоти марбут ба об ва истифодаи он дар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, табиатшиносӣ, техникӣ ва кишоварзӣ таърихи хеле қадима дорад. Ҳамзамон, дар шароити муосир таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологии масъалаҳои об дар заминаи парадигмаи амнияти миллӣ зарур аст. Чунин ба назар мерасад, ки ифлосшавии куллии гидросфера ва норасоии афзояндаи оби нӯшокӣ дар бисёре аз минтақаҳои ҷаҳон ба як масъалаи асосии гузариши ҷомеаи муосир ба рушди устувор табдил меёбад. Ин шароит зарурати муносибати ҳамгироӣ, маҷмӯӣ ба ин мавзуъ, аз ҷиҳати методологӣ ба сифати мушкилоти асосии илмии умумӣ пешниҳод намудани онро муайян мекунад. Аммо дар доираи соҳаҳои мавҷудаи илмӣ ба амал баровардани чунин муносибат имконнопазир аст. Ба ҳамин тариқ, зарурати ба вуҷуд овардани як соҳаи хеле мураккаб ва серсоҳаи илм ба миён меояд, ки он метавонад асосҳои як қатор фанҳои илмӣ: гидрология, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, экология, географияро муттаҳид карда, дар айни замон мустақилияти комил дошта бошад. Дарвоқеъ, ин илм аллакай вуҷуд дорад, аммо то ҳол тадқиқот дар соҳаи гидрополитика аз ҷониби намояндагони мактабҳо ва равияҳои гуногуни илмӣ анҷом дода шудааст. Чунин илме, ки комилан нав аст ва дар айни замон решаҳои амиқи таърихие, ки муҳаққиқони пештара гузоштаанд, гидрополитология шуда метавонад. Аз ҷиҳати маъно ин мафҳуми нав аз юнонӣ гирифта шуда: Ὑδωρ - об, πολιτικός - ҷомеа ва λόγος - таълим, илм мебошад. Аҳамиятнокӣ ва миқёси мушкилоте, ки тадқиқоти ҳаматарафаро талаб мекунад, асос медиҳад, ки гидрополитология ҳамчун соҳаи алоҳидаи донишҳои илмӣ ҷудо карда шавад. Ин илмро дар шакли умумии худ ба таври зайл тавсиф кардан мумкин аст: - илми гидрополитика - соҳаи дониш дар бораи таъсири захираҳои об ба рушди иҷтимоию иқтисодии субъектҳои гидрополитикӣ ва муносибати байни онҳо мебошад [1].

Чун давлат яке аз субъектҳои асосии муносибатҳои гидрополитикӣ маҳсуб меёбад андешаи Вадим Каширин, пеш аз ҳама, ба омили об дар рушди иқтисодию иҷтимоии давлат нигаронида шудааст. Аз ин нуқтаи назар гидрополитика маҷмуи донишҳоро доир ба аҳамияти захираҳои об дар рушду тараққиёти соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа дар бар мегирад. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба сохтори таркибии гидрополитика муайян карда шуд.

Вазифаҳои гидрополитикаро ташаккули донишҳо доир ба ҷойгоҳи захираҳои об дар рушду тараққиёти ҷомеа, аҳамияти захираҳои об дар таъмини амнияти миллӣ ва пойдории давлатӣ, муайян намудани ҷойгоҳи сиёсати об дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, омӯзиши омили об дар муносибатҳои байналмилалӣ, тақвият бахшидани дипломатияи об, омӯзиши низоъҳои обӣ ва коркарди роҳу воситаҳои пешгирӣ ва ҳалли мухолифат ва низоъҳои вобаста ба об, тавсифи робитаи равандҳои иқтисодию сиёсӣ бо захираҳои об, пешгӯии ин равандҳо ташкил медиҳад. Дар ҷанбаи амалӣ ин таҳияи стратегия ва тактика барои ноил шудан ба ҳадафҳои гидрополитикӣ мебошад.

Ҳамзамон гидрополитика донишҳоро доир ба идоракунии оқилона, ҳамгироёна ва самараноки захираҳои об, инчунин дарёфти роҳҳои натиҷабахши ҳалли мушкилоти вобаста ба об аз сатҳи давлатӣ то ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул дода, замина барои пешгирии ихтилофҳои вобаста ба об дар ҳамаи сатҳҳо мебошад.

Гидрополитика дар баробари истифода аз методҳои умумиилмӣ, инчунин методҳои хоси худро дорад, ки онҳо идоракунии ҳудудӣ – маъмурии захираҳои об, идоракунии ҳавзавии захираҳои об, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об мебошанд. Методҳои мазкур муносибати сиёсии давлат/сиёсати давлатиро дар соҳаи об дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян месозанд.

– Қонуни дуализми обӣ дар муносибати обии байни давлатҳои болооб ва поёноб ифода меёбад.

– Қонуни тақвият ёфтани омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ дар ҷойгоҳи масъалаҳои об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ ифода меёбад.

– Қонуни ҳамгироӣ муносибатҳои ҳамоҳангшудаи байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байнисоҳавиро ифода менамояд. Он асоси дипломатияи об арзёбӣ карда мешавад.

– Категорияҳои гидрополитикаро ҳавза, манфиати обӣ, сарҳади обӣ, болооб, поёноб, гидродонор ва амнияти об ташкил менамоянд.

– Ҳавза - воҳиди ягонаи гидрополитикии муттаҳидкунандаи манфиатҳои обӣ ва муносибатҳои обии ду ва зиёда давлатҳо мебошад.

– Манфиатҳои обӣ - ҳадафҳои миллӣ дар соҳаи об, ки барои таъмини ҳаёти осоиштаи ҷомеа ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат зарур буда, дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии он инъикос ёфтааст.

– Сарҳади обӣ - дарё ё объектҳои дигарӣ обӣ, ки як давлатро аз дигараш ҷудо мекунад. Агар ин гуна объекти обӣ киштигард набошад, хатти сарҳад одатан дар мобайни он ё мобайни шохаи асосии он, муайян карда мешавад.

– Болооб - давлатҳои дар саргаҳи ташаккулёбии захираҳои оби фаромарзӣ қарордошта мебошанд, ки ҳамчун кишвари гидродонор маҳсуб ёфта, сиёсати оби кишварҳои дигари ҳавза аз сиёсати обӣ он вобаста мебошанд.

– Поёноб – кишварҳои дар давоми маҷро ва ё поёноби ҳавзаи ягонаи байнидавлатии обӣ ҷойгиршуда мебошанд, ки ҳамчун кишварҳои обистеъмолкунанда ва вобаста захираҳои оби дар ҳудуди давлатҳои болооб ташаккулёбанда дониста мешаванд.

– Гидродонор – давлатҳои дорои захираҳои оби бештар аз талаботи миллӣ ва ё дар саргаҳи ташаккулёбии ҳавзаҳои обӣ фаромарзӣ қарордошта мебошанд, ки кишварҳои дигарро дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ва ё дигар заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ бо об таъмин месозанд.

– Амнияти обӣ - имконияти дастрасии устувори аҳолӣ ба миқдори кофии оби сифатнок барои нигоҳ доштани воситаҳои зиндагӣ, некӯаҳволии инсон, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ, инчунин пешгирии ифлосшавии об, коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об ва ҳифзи аҳолӣ аз пайомадҳои манфии он ва муҳофизати экосистемаҳо фаҳмида мешавад.

Гидрополитика бо сиёсатшиносӣ ва маҷмуи шохаҳои илмҳои сиёсӣ – дипломатия, низоъшиносӣ, геополитика, глобалистика, минтақашиносӣ ва илмҳои дигар ба монанди фалсафа, сотсиология, таърих, ҳуқуқшиносӣ, гидрология, география, экология ва иқтисодиёт алоқамандии зич дорад.

Заминаҳои таърихии гидрополитикаро ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ ба таърихи пешниҳоди назарияи ирригатсионии пайдоиши давлат аз ҷониби Карл Август Виттфогел арзёбӣ намудан мумкин аст. Назарияи мазкур аз андешаҳоест, ки хусусияти заминавии илмӣ дошта, ҷойгоҳи омили обро дар илмҳои сиёсӣ ва масъалаҳои сиёсӣ асоснок мекунад. Бо назардошти ин, гидропалитикаро метавон ба ду қисм ҷудо намуд: гидрополитикаи классикӣ ва гидрополитикаи муосир. Асосгузори гидрополитикаи классикӣ Карл Август Виттфогел ва асосгузори гидрополитикаи муосир Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб ёфта, шахсиятҳои мазкур дар ташаккули афкор, назарияҳо ва амалҳои натиҷабахш дар соҳаи сиёсати об дар сатҳи ҷаҳонӣ қадамҳои бунёдӣ гузоштаанд.

Масъалаи дигари омӯзиши гидрополитика қудрати ҷаҳонии об аст. Об ҳамчун мавҷудоти фарогирандаи ҳамаи мавҷудоти дигар қудрадмандтар аз ҳама мавҷудоти заминӣ аст. Бо назардошти ҳамин воқеъият мутафаккири барҷастаи чинӣ Лао Сзи чунин таъкид кардаанд: «Ҳарчанд дар дунё заифтар ва маҳинтар аз об чизе нест, аммо он метавонад мураккабтарин ва сахттарин ашёҳоро хароб созад». Имрӯз дар тафаккури мо чунин нақшест, ки гӯйё фазои обӣ зертобеи фазои хушкӣ бошад ва аз он ҷо идора карда шавад. Баръакс, фазои хушкӣ зертобеъи фазои обӣ буда, фазои обӣ дар ҳар ҳолат метавонад фазои хушкиро дар худ ҳазм намуда фурӯ барад. Ин иқтидорро фазои хушкӣ доро нест. Ин масъала мазмуни ҳарбӣ низ дошта, шояд то андозае баҳсро дар мавриди «қонуни дуализми фундаменталӣ» ба

вуҷуд орад. Илова бар ин масъалаи мазкур ба қонуни дигари геополитикӣ «қонуни қувват гирифтани омили фазогӣ дар таърихи инсоният» низ алоқамандӣ дошта, қонунҳои зикргардида дар илми гидрополитика низ қобили қабул мебошанд.

Имрӯз зарур аст, ки дар омӯзиш ва фаҳми гидрополитика ва ё баррасию масъалагузории масоили вобаста ба он мо марзро миёни ин шохаи илмҳои сиёсӣ ва дигар шохаҳои илмҳои сиёсӣ дуруст донем ва онро ҷудо карда тавонем. Гурӯҳи муайяни олимон масоили гидрополитикиро бо масъалаҳои геополитикӣ омехта намуда, таҳлилу баррасӣ кардаанд. Онҳо бархӯрди манфиатҳои гидрополитикиро ҳамчун масъалаи геополитикӣ арзёбӣ карда, мубориза барои ба даст овардан, аз худ кардан, нигоҳ доштан ва истифодаю истеъмоли захираҳои об ва фазои обиро аз нуқтаи назари геополитикӣ маънидод намудаанд. Масалан, Давид Калимович Бабаян чунин қайд намудааст: «Бо эътимоди зиёд метавон пешгӯӣ намуд, ки яке аз қисмҳои калидии геополитика дар қарни мо гидрополитика, яъне «сиёсати об» мегардад. Эҳтимоли корбурди гидрополитика нисбатан дар минтақаҳое ҷой дорад, ки онҳо то ҳанӯз мавқеи худро нисбат ба алянсҳои ҷаҳонӣ муайян накардаанд ва дар онҳо муборизаҳои бошиддати акторҳои асосии ҷаҳонӣ ҷой дорад» [2]. Давид Калимович Бабаян гидрополитикаро як қисми геополитика баён намудаанд. Номбурда муборизаҳои акторҳои ҷаҳониро барои нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ дар ин ё он минтақа ба инобат гирифта, масъалаҳои гидрополитикиро бо масоили геополитикӣ омехта намудаанд. Геополитика геополитика аст, гидрополитика –гидрополитика. Чунки об об аст, замин замин. Дар ин ҷода марзи ин ду шохаи илмҳои сиёсиро бояд дақиқ донист.

Дар қарни ҷорӣ доштани захираҳои басандаи об, дастрасӣ ба бандарҳо ва баҳру уқёнусҳои ҷаҳонӣ, доштани роҳҳои обӣ, ихтиёрдории фазои обии баҳру уқёнусҳо шарти асосии таъмини устувории сиёсии давлат ва абадияти ҳастии миллат мебошад. Маҳз ҳамин омилҳо боиси ба вуҷуд омадани миллатҳои соҳибтамаддун гардида, сабаби асосии қудратманд шудани гурӯҳи муайяни халқу миллатҳо ва кишварҳо мебошад. Дар оинаи таърих низ ин масъала ба таври равшан намоён буда, маҳз ҳамон миллатҳое ба сохтани ҷомеаҳои пешрафта дастёб шудаанд, ки донишу заковат ва қудрати истифода кардани имкониятҳои об ва фазои обиро аз худ кардаанд.

Ҳамин тавр гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ муносибатҳои сиёсии вобаста ба об, аҳамияти об дар таҳкими низоми давлатдорӣ ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, мақоми ҳуқуқии об дар низоми қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, ҷойгоҳи об дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳон, низоъҳои обӣ, дипломатияи об, ҳамгироии обӣ, амнияти обӣ, сиёсати гидроэнергетикӣ, истифодаи об ҳамчун абзори сиёсӣ, истиқлолияти обӣ ва вобастагии обӣ, буҳрони обӣ, ҷойгоҳи дарёҳои фаромарзӣ дар таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, дарё ҳамчун сарҳади давлатӣ, идоракунӣ ва истифодаи муштараки байнидавлатии захираҳои об ва фаъолияти ниҳодҳои пешбаранда ва татбиққунандаи сиёсати обро дар сатҳи миллӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ меомӯзад.

Аз қоидаи мазкур бар меояд, ки гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ масъалаҳои муҳимтарини рушди устувори ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифта, дар таҳкими амният ва суботи ҷаҳонӣ нақши фаъол гузошта метавонад.

Бо дарназардошти мавҷудияти эҳтимолияти зиёди ҳар лаҳза сар задани ихтилофҳо ва низоъҳои обӣ дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи гидрополитика дар муассисаҳои олии таълимии кишварҳои минтақа, дар раванди ташкили курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, семинару машваратҳо ва ташкили курсҳои махсуси омӯзиши он барои кормандони соҳаи об ва муносибатҳои байналмилалӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Масъалаҳои вобаста ба об дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз масъалаҳои доимӣ ва ҳамешагӣ буда, мунтазам қабули қарорҳои сиёсии илман асоснокшударо тақозо менамояд. Омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ мунтазам таъсиргузор буда, дарёфти роҳу равишҳои сулҳомези масъаларо дар ояндаи наздику дур бо инобати таъсири ҳамаи равандҳо ба он

талаб месозад. Чунин ҳолат низ инъикоскунандаи мубрамияти омӯзиши гидрополитика дар минтақа мебошад.

Ҳамазамон бо назардошти мавқудияти заминаҳои боэътимод ва зиёди ҳамкорӣ, ҳамбастагӣ, ҳамгироӣ, ҳамсоягии нек, арзишҳои волои ҳусни ҳамҷаворӣ тақвияти омӯзиши дипломатияи об низ дар минтақа дар заминаи гидрополитика зарур мебошад. Аз ин рӯ, омода намудани мутахассисон ва коршиносони минтақавии соҳаи дипломатияи об дар доираи ХБНА ва ташкили курсҳои минтақавии омӯзиши «Гидрополитика» дар сатҳи минтақа бо ҷалби намояндагони ҳамаи кишварҳои минтақа зарур мебошад. Дар ин доира «Гидрополитика» бояд ҳамчун курс ва ё фанни ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи об ба таври васеъ омӯхта шавад.

То имрӯз маводи илмию таҳлилӣ ва иттилоотие, ки дар заминаи фаъолияти ХБНА таҳия гардидааст омӯзиши ҳамаҷониба ва арзёбии он миёни ҷомеа зарур мебошад. Инчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи «Гидрополитика» дар заминаи ба роҳ мондани фаъолияти муштараки ниҳодҳои миллӣ ва минтақавии соҳаи об ба монанди ХБНА, Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ, Маркази омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳо аҳамияти баланд дошта, дар ташаккули ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи об мусоидати фаъол хоҳад кард.

Бо назардошти асоси бойигарии Тоҷикистон будани захираҳои об сиёсати оби он ҳамбаста бо манфиатҳои миллии кишвар мебошанд ва ин ҳолат зарурати ҳарчи бештар аз ҷиҳати сиёсӣ маълумотнок намудани ҷомеаи мамлакатро барои ҳифзи ин манфиатҳо ба вуҷуд меорад.

Доштани захираҳои бузурги обӣ дар шароити афзояндаи норасоии оби ошомиданӣ барои давлатҳо дар баробари ҷанбаҳои мусбат арзёбӣ гардидан, ҳамзамон дар назди ин кишварҳо уҳдадориҳои муайянро ҷиҳати иштироки фаъол дар такмили танзими ҳуқуқии байналмилалии идоракунии захираҳои об мегузорад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи байналмилалии об, бешубҳа, мувофиқи талаботи замон инкишоф меёбад ва буҳрони обӣ ҳар қадар амиқтар бошад, он низ ҳамон қадар фаъолтар мешавад.

Бо инобати он, ки Тоҷикистон низ аз ҷумлаи давлатҳои дорои захираҳои азими об мебошад бояд иштироки фаъоли худро чун ҳамеша дар самти таҳкими заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи байналмилалӣ идома диҳад. Бояд талошҳои ҷомеаи илмии Тоҷикистон, махсусан илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқшиносӣ ба таҳкими заминаҳои сиёсию ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ равона карда шавад. Мушоҳида мегардад, ки субъектҳои манфиатдори гидрополитикӣ ба ҳар навъ кӯшиш менамоянд, ки заминаҳои сиёсию ҳуқуқии байналмилалиро ба манфиатҳои миллии худ тарҳрезӣ ва асоснок кунанд. Дар ин раванд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллии обии худ моро зарур аст, ки дар раванди тарҳрезӣ, таҳия ва қабули қарорҳои сиёсӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои обӣ дар арсаи байналмилалӣ ва минтақавӣ пешдаст ва ҳушёру зирак бошем.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешоҳанг ва ташаббускори силсилаи иқдомоти байналмилалии аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳони эътирофшуда дар соҳаи об, доштани захираҳои азими обӣ ва ҳамчун кишвари болооб пеш аз ҳар кишвари дигар бояд омӯзиши гидрополитикаро ҳамчун шоҳаи нави илмҳои сиёсӣ ба роҳ монад. Мавқеи гидрополитикии кишвар дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон боиси эътирофи ҷомеаи байналмилалӣ гардидааст. Бешубҳа дурнамои рушди ҳамаҷонибаи кишвари мо ва ҳаёти осоиштаи мардум аз захираҳои об вобаста аст. Тоҷикистон ҳамчун кишвари болооб дар масоили минтақавии обӣ мавқеи ҳалкунанда дорад ва ин мавқеъ дар заминаҳои таълимию илмӣ ҳамаҷониба бояд омӯхта шавад.

Ҳамзамон аз ҷиҳати сиёсӣ Тоҷикистон аз субъектҳои фаъолтарини муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи об маҳсуб ёфта, асосҳои илмию таълимии масъалаҳои вобаста ба об маҳз дар кишвари мо ва ё аз ҷониби кишвари мо ба миён гузошта шудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ ва ба низоми таҳсилоти миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ворид намудани омӯзиши «Гидрополитика» пеш аз ҳама вазифаи олимону муҳаққиқони мо маҳсуб меёбад.

Дар ин доира бо пешниҳоди муаллиф ва ташаббуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши «Дипломатияи об» дар магистратураи «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ба роҳ монда шуд. Умед аст, ки бо ҳосил шудани таҷрибаи муайян омӯзиши «Гидрополитика» низ дар вақтҳои наздик ба роҳ монда хоҳад шуд.

Ҳамзамон, зарур шуморида мешавад, ки дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» ва кишварҳои Гурӯҳи дӯстони об ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши «Гидрополитика» дар низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ ва таҳкими заминаҳои таълимии он пешниҳодҳои зарурӣ сурат гиранд.

АДАБИЁТ:

1. Каширин В.В. Время гидрополитики, или Тайная власть воды [Текст]// В.В. Каширин. – М.: “Линор”, 2011. - С. 386.
2. Бабаян Д.К. «Поднебесная гидрополитика» [Электроный ресурс]// Источник: http://swan-water.old.ogpi.ua.es (дата обращения 10.04.2025)

ГИДРОПОЛИТИКА ҲАМЧУН САМТИ НАВИ ИЛМҲОИ СИЁСӢ ВА ТАЪЛИМОТИ ФАННӢ: ВАЗИФАҲО, УСУЛҲОИ ОМӮЗИШ ВА КАТЕГОРИЯҲОИ АСОСӢ

Дар мақолаи мазкур асосҳои гидрополитика ҳамчун соҳаи нави илмҳои сиёсӣ ва фанни таълимӣ, вазифаҳои он, методологияи омӯзиш, қонуниятҳо ва категорияҳои гидрополитика мавриди таҳқиқ ва асосноккунӣ қарор гирифтааст. Асосҳои таърихии пайдоиши донишҳо вобаста ба ҷанбаҳои сиёсии об, амнияти об, идоракунии захираҳои об, ҳамгироӣ дар соҳаи об ва зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи донишҳо доир ба ҷойгоҳи масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити муосир мазмуни асосии мақолаи мазкурро ташкил менамоянд.

Рушду пешрафти ҷомеа боиси ба вуҷуд омадани тағйиротҳои кулли дар ҳамаи бахшҳои ҳаёт мегардад, ки онҳо дар заминаи илмҳои гуногун омӯхта мешаванд. Илми сиёсӣ низ дар раванди ташаккули худ марҳилаҳои гуногунро тай намуда, дар баробари пешрафти ҷомеа инкишоф ёфтааст. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар назди илмҳои сиёсӣ масъалаҳои нави омӯзиш ба вуҷуд омадаанд, ки боиси фарох гардидани доираи фарогирии он ва дар айни замон ташаккули он шудааст. Раванди инкишофи илми сиёсӣ боиси ба вуҷуд омадани шохаҳои нав дар он, аз ҷумла низоъшиносӣ, геополитика, глобалистика, минтақашиносӣ, маркетинги сиёсӣ, технологияи сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, амнияти миллӣ ва дигарҳо гардидааст.

Бо дарназардошти то рафт мубрам гардидани асосҳои сиёсии масъалаҳои вобаста ба об дар доираҳои гуногунарсаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва мавҷудияти заминаҳои таърихии он зарурати омӯзиш ва таҳқиқи гидрополитикаро ҳамчун соҳаи нави илмҳои сиёсӣ ва фанни таълимӣ ба вуҷуд овардааст.

Калидвожаҳо: *об, захираҳои об, мушкилоти норасоии об, амнияти об, илмҳои сиёсӣ, гидрополитика, вазифаҳо, категорияҳо, қонуниятҳо, муносибатҳои байнидавлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамгироӣ, Раванди оби Душанбе.*

ГИДРОПОЛИТИКА КАК НОВОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ НАУКИ И УЧЕБНОЙ ДИСЦИПЛИНЫ: ЗАДАЧИ, МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ И ОСНОВНЫЕ КАТЕГОРИИ

В данной статье исследуются и обосновываются основы гидрополитики как новой отрасли политической науки и учебной дисциплины, её задачи, методология изучения, закономерности и категории. Основное содержание статьи составляет анализ исторических основ возникновения знаний, связанных с политическими аспектами воды, водной безопасностью, управлением водными ресурсами, интеграцией в водной сфере и необходимостью всестороннего изучения вопросов, касающихся роли воды в международных отношениях в современных условиях. Развитие и прогресс общества

обусловливают крупные изменения во всех сферах жизни, которые изучаются в рамках различных наук. Политическая наука также прошла в своём становлении различные этапы и, развиваясь вместе с обществом, сформировала новые направления исследования. На разных исторических этапах перед политической наукой вставали новые исследовательские задачи, что способствовало расширению её охвата и углублению структуры. Эволюция политической науки привела к появлению таких новых направлений, как конфликтология, геополитика, глобалистика, регионоведение, политический маркетинг, политические технологии, международные отношения, национальная безопасность и другие. С учётом нарастающей актуальности политических аспектов водных проблем в мировом сообществе и наличия их исторических оснований возникает необходимость в изучении и исследовании гидрополитики как новой области политической науки и учебной дисциплины.

Ключевые слова: *вода, водные ресурсы, проблемы дефицита воды, водная безопасность, политические науки, гидрополитика, задачи, категории, закономерности, межгосударственные отношения, международные отношения, интеграция, Водный процесс Душанбе.*

HYDROPOLITICS AS A NEW FIELD OF POLITICAL SCIENCE AND ACADEMIC DISCIPLINE: TASKS, TEACHING METHODS, AND CORE CATEGORIES

This article examines and substantiates the foundations of hydropolitics as a new field of political science and academic discipline, its objectives, methodology of study, patterns and categories of hydropolitics. Historical foundations of the emergence of knowledge related to the political aspects of water, water security, water resources management, integration in water management and the need for a comprehensive study of knowledge about the place of water problems in international relations in the modern world. conditions constitute the main content of this article.

The development of society leads to the emergence of radical changes in all spheres of life, which are studied in the context of various sciences. Political science has also gone through different stages in the process of its formation and developed along with the progress of society. At different historical stages in the field of political science, new research questions arose, which led to the expansion of its scope and at the same time to its formation. The process of development of political science led to the emergence of new sections in it, including conflictology, geopolitics, globalistics, regional studies, political marketing, political technology, international relations, national security and others. Taking into account the political basis of water issues in various spheres of the international community and the presence of its historical foundations, there was a need to study and research hydropolitics as a new area of political science and academic discipline.

Keywords: *water, water resources, water deficit problems, water security, political sciences, hydropolitics, tasks, categories, regularity, interstate relations, international relations, integration, Dushanbe water process.*

Маълумот дар бораи муаллиф*:* ***Қувватзода Сайдулло Зувайд*** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири бахши маориф ва илми раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 907800071 E-mail: sqz_0085@mail.ru

Сведения об авторе: ***Кувватзода Саидулло Зувайд*** **–** доктор политических наук, профессор, начальник отдела образования и науки Управления образования, культуры и информации Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 907800071. E-mail: sqz_0085@mail.ru

Author Information: ***Saidullo Zuvaid Kuvvatzoda*** – Doctor of Political Sciences, Professor, Head of the Department of Education and Science, Directorate of Education, Culture and Information, Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan. Tel.: (+992) 907800071. E-mail: sqz_0085@mail.ru

БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ЗАМИНАИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР: МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТ

Хидирзода М.У.
Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли онҳо метавонад мушкилкушои як қатор муаммоҳои дигар гардад. Масъалаи таъмини баробарии гендерӣ ба қатори чунин масъалаҳо дохил мешавад. Маҳз аз ҳамин сабаб мавзуи мазкур қисми таркибии аксари ҳуҷҷатҳои муҳимми байналмилалиро ташкил дода, масоили гендерӣ дар рӯзномаи ҷаҳонии масъалаҳои баррасишаванда қарор дорад.

Ҳадафҳои рушди устувор барои давраи то соли 2030, ки аз ҷониби СММ қабул гардидааст, ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми байналмилалӣ бо назардошти мавҷудияти мушкилиҳо дар масъалаи таъмини адолати иҷтимоӣ дар муносибат ба занон, баробарии ҳуқуқу имкониятҳо барои мардон ва занон, ҳифзи манфиат, шаъну шараф ва ҳуқуқу озодиҳои занон, устувор гардонидани мавқеи онҳо дар раванди қабули қарорҳои барои ҷомеаи инсонӣ зарурӣ, пешгирии ҳамагуна табъиз ва зӯроварӣ нисбати онҳо, боло бурдани сатҳи маърифат, донишу малакаҳои занон, инчунин дастрасии онҳо ба захираҳои иқтисодӣ ва хизматрасонии тиббӣ таъмини баробарии гендериро ҳамчун Ҳадафи панҷуми рушд қарор додааст.

СММ ҳамчун ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ дар сомонаи худ мақсади Ҳадафи мазкурро чунин шарҳ додааст: «Баробарии гендерӣ на танҳо як ҳуқуқи бунёдии инсон, балки заминаи муҳимми ноил шудан ба сулҳ, шукуфоӣ ва рушди устувор мебошад. Дар даҳсолаҳои охир пешрафтҳо ба даст омадаанд: духтарон бештар ба мактаб мераванд, духтаронро камтар ба издивоҷи бармаҳал маҷбур мекунанданд, шумораи бештари занон дар парлумон ва вазифаҳои раҳбарӣ кор мекунанд ва қонунҳо барои таъмини баробарии гендерӣ ислоҳот мешаванд. Сарфи назар аз ин дастовардҳо, мушкилоти зиёде боқӣ мондаанд: қонунҳо ва меъёрҳои иҷтимоии дорои хусусияти табъизӣ ҳамоно васеъ паҳн мешаванд ва занон дар ҳама сатҳҳои роҳбарияти сиёсӣ намояндагӣ намекунанд» [1]. Мақсад аз қиёси дастоварду мушкилиҳо дар масъалаи занон ин нишон додани таҳаввули иҷтимоию сиёсӣ дар ин самт мебошад, ки тавассути талош ва азми қавии кишварҳо ҷомеаҳо ба дастовардҳои муайян ноил гашта истодаанд. Дар баробари ин, ба ақидаи коршиносони масоили гендерӣ, ҳанӯз дар бораи баробарии воқеии гендерӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ суҳан гуфтан ҳанӯз барвақт аст.

Дастрасии духтарон ба таҳсилот, ки яке аз омилҳои муҳимми аз байн бурдани табъиз, нобаробарӣ ва боло бурдани сатҳи иҷтимоии духтарону занон мебошад, ба қатори масъалаҳои муҳимми рӯзномаи ҷаҳонии масъалаҳои рушди устувор дохил мешаванд.

Таваҷҷуҳи коршиносон дар ин масъала ба мавзуи мавҷудияти зӯроварӣ дар оила зиёд аст, зеро мушкилии зӯроварӣ дар оила нисбати занон ҳамоно ташвишовар боқӣ мемонад. Аз ин рӯ яке аз мавзуъҳои муҳим дар роҳи расидан ба Ҳадафи 5-ум паст намудани шиддати ин мушкилӣ мебошад. Дигар ин ки раванди ҳалли масъалаҳои дар ин самт мавҷуда андешидани чораҳои гуногуни ҳамоҳангро тақозо менамояд.Раванду ҳодисоти гуногун ба он таъсири муайяни худро мерасонад.

Мониторинги раванди татбиқи ҳадафи 5-ум аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори СММ оид ба «Таъмини баробарии гендерӣ» як қатор масъалаҳои мавҷударо вобаста ба паҳншавии пандемияи COVID-19 боз ҳам дақиқтар ошкор намуд. Пайдоиши монеаҳои нав ҳангоми ба кор қабул шудан, дастрасӣ ба таҳсилот ва хизматрасонии сифатноки тиббӣ, солимии репродуктивӣ, зӯроварӣ дар оила, никоҳҳои барвақтӣ ва ғайраҳо аз қатори мушкилоте мебошанд, ки арзёбиҳои мутахассисон дар сатҳи ҷаҳонӣ ошкор намудаанд. Ин нуктаро ба инобат гирифта Муншии умумии СММ соли 2020 қайд намуда буд, ки: «Дастовардҳои маҳдуде, ки дар самти таъмини баробарии гендерӣ ва ҳуқуқи занон дар тули даҳсолаҳо ба даст оварда шудаанд, метавонанд дар натиҷаи пандемия ба нестӣ бурда шаванд». Аз ин рӯ аз роҳбарони давлатҳо даъват ба амал оварда, ки дар доираи барномаҳои барқароркунӣ ба масъалаи занону духтарон диққати аввалиндараҷа дода шавад» [1].

Вобаста ба масъалаи мазкур дар Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ тадбирҳое амалӣ шуда истодаанд, ки ҳадафи он таъмини баробарии воқеии занону мардон дар ҷомеа мебошад. Аксар коршиносони масоили гендерӣ бар он ақидаанд, ки татбиқи самараноки сиёсати гендерӣ дар дилхоҳ давлат, пеш аз ҳама, аз мавҷудияти иродаи сиёсии роҳбарияти он вобаста аст, яъне то кадом дараҷа роҳбарияти давлат ба таъмини баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо ҳавасманд аст. Дар ин самт бо боварӣ гуфта метавонем, ки иродаи сиёсии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳияти устувор дошта, дар расидан ба ҳадафи гузошташуда корҳои назаррас амалӣ шуда истодаанд.

Низоми устуворгардидаистодаи давлатдории мустақил тақозо менамояд, то низоми арзишӣ ва ҳуқуқӣ дар доираи манфиатҳои миллию давлатӣ шакл гирад. Дар ин раванд масъалаи ташаккули муносибатҳои нави гендерӣ ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоии давлат баромад мекунад. Аз нуктаи назари шаклгирии ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ муносибатҳои гендерӣ дар фазои омезиши арзишҳо ва меъёрҳо қарор доранд.

Дар фазои пасошӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда Конвенсияи СММ оид ба бартараф намудани тамоми шаклҳои табъйиз нисбати занонро ба тасвиб расонид. Соли 2014 Протоколи факултативии Конвенсияи мазкурро [2] дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон ба тасвиб расонид [3] , ки худ ифодаи иродаи сиёсии роҳбарияти давлат дар масъалаи ташаккули фазои мусоид баҳри пешрафти занон дар ҳама соҳаҳои ҷомеа мебошад.

Қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таърихи ташаккули сиёсати гендерии Тоҷикистони соҳибистиқлол мақоми хосро соҳиб аст. Пешвои миллат бо қабули ин Фармон тавонист нишон диҳад, ки дунявият ва принсипи демократии сохтори давлатдорӣ қатъӣ ва ивазнашаванда буда, дар ин раванд бояд ҳуқуқ ва манфиатҳои занон бечунучаро риоя ва ҳифз карда шаванд.

Дар давраи баъди қабули Фармони мазкур даҳҳо санадҳои дигаре қабул шуданд, ки баҳри таҳаввули сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон заминаи устувори ҳуқуқиро муҳайё намуданд. Ҳамаи тадбирҳои андешида ба болоравии сатҳи иҷтимоии занон, мақоми онҳо дар ҷомеа, шикасти қолабҳои гендерӣ ва фаъолнокии ҷамъиятии занон мусоидат намуданд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар самти мазкур қабул гардидаанд, ифодакунандаи мазмун ва моҳияти сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон буда, имрӯз бомаром татбиқ гашта истодаанд. Бо дарназардошти муҳим будани масъала ҷанбаи гендерӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 ва «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бартараф намудани нобаробарии иҷтимоӣ ва рушди захираҳои инсонӣ ҳамчун масъалаи фарогир мақоми хос дорад. Аз ҷумла, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» омадааст: “Дар самти такмилдиҳии сиёсати таъмини баробарии гендерии воқеӣ:

- такмил додани қонунгузорӣ бо мақсади амалисозии кафолатҳои давлатӣ оид ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои занон ва мардон;
- таҳияи механизмҳои институтсионалӣ дар сиёсатҳои соҳавӣ доир ба ҷорӣ намудани уҳдадориҳои миллӣ ва байналмилалӣ вобаста ба таъмини баробарии гендерӣ ва тавсеаи имкониятҳои занон;
- фаъол намудани механизмҳои таъмини саводнокии ҳуқуқӣ ва ҷалби иҷтимоии занон, бо назардошти занони деҳот;
- баланд бардоштани неру ва ҳассосияти гендерии кормандони тамоми шохаҳои ҳокимият;
- ҷорӣ намудани буҷетикунонии гендерӣ дар раванди таҳияи буҷет. Дар самти пешгирии ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон:
- рушди заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ доир ба пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва расонидани кумак ба қурбониёни зӯроварӣ;

– ташкили ниҳодҳо оид ба ҳамоҳанг сохтан ва тавсеа додани фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ ва кумак ба қурбониёни зӯроварӣ;
– васеъ намудани доираи тадбирҳо оид ба таъмини дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ ба занону духтарони гирифтори зӯроварӣ;
– такмил додани омори гендерӣ ва бунёди махзани маҷмӯӣ доир ба тамоми шаклҳои зӯроварӣ;
– таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба тағйирдиҳии идрок ва шаклҳои рафторе, ки хушунатро нисбати занон ва духтарон асоснок мекунанд» [4, 68-69].

Тадбирҳои дар доираи Стратегияи миллии рушд ба нақша гирифташуда роҳнамо дар самти инкишофи минбаъдаи сиёсати гендерӣ ва ноил шудан ба Ҳадафи 5-ум мебошад.

Тибқи оморҳои СММ то ба 1 январи соли 2020 намояндагии занон дар парлумонҳои миллӣ (палатаи поёнӣ ва парлумонҳои якпалатагӣ) 24,9%-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2015 22,3%-ро ташкил медод" [5]. Ин нишондиҳанда дар Тоҷикистон марҳила ба марҳила зиёд шуда истодааст. Интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ нишон дод, ки занон дар равандҳои сиёсӣ фаъолона ширкат варзида истодаанд. Теъдоди занон дар палатаи поёнии Парлумон 18 нафар ё 28,7 %, дар палатаи болоии он – Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 нафарро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда назар ба интихоботи даъвати шашуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд аст.

Фаъолнокии баланди занон дар сатҳи ташкили маъракаи интихобот низ мушоҳида гардид, ки теъдоди муовинон ва котибони комиссияҳои ҳавзавии интихобот аз ҳисоби занон аз 50% зиёд ва комиссияҳои участкавии интихобот аз 40% зиёдро ташкил медод.

Теъдоди занон дар хизмати давлатӣ ба 1 январи соли 2025 25,8%, аз он ҷумла дар мансабҳои роҳбарикунанда 19,2%-ро ташкил дод, ки ин ҳам нишонаи амиқи татбиқи дастурҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи дастгирии занон мебошад.

Дар сатҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 30,8%-и хизматчиёни давлатиро занон ташкил медиҳанд, ки 21,7% - онҳо дар корҳои роҳбарикунанда фаъолият мекунанд.

Ташаббуси Пешвои муаззами миллат дар самти ҷорӣ намудани квотаҳои президентӣ барои духтарони лаёқатманди деҳоти дурдасти кишвар намунаи беҳтарини дастгирии донишомӯзии духтарон дар фазои пасошуравӣ мебошад. Амалинамоии ин тадбир, пеш аз ҳама, бо мақсади маърифатнок гардонидани ин қишри иҷтимоӣ равона гардидааст. Чуноне, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар соли 2024 қайд гардид: «Аз оғози ҷорӣ гардидани квотаҳои президентӣ дар 28 соли охир аз 11 600 нафар муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм намуданд. Илова ба ин зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм намуда, соҳибмаълумот гаштанд" [6]. Амали мазкур яке аз омилҳои муҳим дар роҳи коҳиш додани сатҳи нобаробарӣ дар дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ мебошад, зеро занону духтарони соҳибмаълумот имкони фаъолона ворид шудан ба бозори меҳнат ва дарёфти шуғли пурмаҳсулро доранд.

Бо мақсади дастрасии бештари занон ба захираҳои молиявӣ Грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, ки марҳила ба марҳила ҳаҷми маблағҳо ва теъдоди гирандагони онҳо зиёд шуда истодаанд. Дар давоми солҳои 2020-2025 теъдоди грантҳо 80 то 120 адад ва ҳаҷми маблағҳои грантӣ аз 2 млн.сомонӣ то 5 млн.сомонӣ расонида шуд, ки ин худ нишонаи амиқи дастгириҳои бевоситаи занон аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Таҷрибаи муосири Тоҷикистон нишон медиҳад, ки занон дар дастгирии ташаббусҳои ҷаҳонии Сарвари давлат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ фаъолияти рӯзмарраро анҷом дода, саҳми бевоситаи худро дар татбиқи ин ҳадафҳо гузошта истодаанд. Яке аз онҳо

ташаббуси Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи ҳифзи пиряхҳо мебошад, ки бо ва фаъолияти Ассостсиатсияи "Занон ва пиряхҳо" нишонаи амиқ аз дастгирии занон дар самти мазкур мебошад. «Вазифаи асосие, ки дар назди Ассотсиатсия истодааст, омӯхтан ва ҳифзи пиряхҳо, муайян кардани роҳҳои нави инноватсионии омӯзиши пиряхҳо, ҷалб ва рушди дониши занон барои гузаронидани тадқиқоти бунёдӣ ва табодули дониш ва таҷриба бо сохторҳои байналмилалӣ мебошад" [7]. Амали мазкур нишон медиҳад, ки марҳила ба марҳила масъалаи сегрегатсияи касбҳо ба мардонаву занона бартараф шуда, занон имкони фаъолият дар соҳаҳое, ки шавқ доранд, ба даст оварда истодаанд.

Ҳамзамон бо ин, Тоҷикистон яке аз ташаббускорони истифодабарии оқилонаи захираҳои об ва истифодаи якҷояи он дар сатҳи глобалӣ ҳаст ва хоҳад монд. Кишвари мо ба масъалаи баррасишаванда таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, қариб се даҳсола аст, ки мунтазам бо ташаббусҳои нав дар арсаи байналмилалӣ баромад намуда истодааст. Об ҳамчун василаи рушди устувор, об ҳамчун гарави дастрасӣ ба беҳдоштии муносиб, об ҳамчун захираи энергетикӣ, об ва масъалаҳои амниятӣ, об ҳамчун самти фаъолияти дипломатӣ бо мақсади ҳалли ихтилофҳо баҳри дастрасӣ ба ин захираи бузурги энергетикӣ ва даҳҳо дигар мавзуъҳое буданд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи ин даҳсола баррасӣ ва корбарӣ намуд. Дар ин раванд об ва таъмини баробарии гендерӣ яке аз мавзуъҳои муҳимме мебошад, ки пайваста дар рӯзномаи муҳокимаҳо ва ҷаласаҳои бузурги миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ қарор дошт.

Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии занон ба об ва масъалаҳои вобаста ба он дар шаҳри Душанбе чанд маротиба дар ҳошияи баргузории чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ оид ба об конференсияҳои ҳошиявии «Занон ва об» баргузор шуданд, ки дар доираи онҳо мавзуъҳои сармоягузорӣ ба ташаббусҳо дар масъалаи об бо инобати ҷанбаҳои гендерӣ, истифодаи ташаббусҳои занон дар дипломатияи соҳаи об бо мақсади пешгирии низоъ ва бархӯрдҳо ва дигар масъалаҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Беҳтар гардидани дастрасии занон ба оби ошомиданӣ танҳо масъалаи маишӣ набуда, балки аҳаммияти хоси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ дошта, ҷиҳати камолоти шахсии занону духтарон мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъала нишон медиҳад, ки таъмини баробарии гендерӣ яке аз масъалаҳои муҳиммест, ки ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ дошта, ҳалли он баҳри рушди сармояи инсонӣ, болоравии сатҳи зиндагӣ, истифодаи васеи имкониятҳои занон барои рушди ҷомеаҳо, бартараф намудани қолабҳои гендерӣ ва ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон мусоидат менамояд. Маҳз бо назардошти муҳиммияти зикргардида масъалаи таъмини баробарии гендерӣ ҳамчун ҳадафи рушди устувор қабул гардидааст.Дар сатҳи миллӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ворид гардидани он нишонаи амиқи мавҷудияти иродаи сиёсии роҳбарияти давлат дар масъалаи таъмини баробарии гендерӣ дар кишвар мебошад.Тадбирҳои дар ин самт андешидашуда баҳри тақвияти мавқеи занон дар ҷомеа, бартараф намудани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занону духтарон, хоҳ дар шакли қолабҳои гендерӣ бошанд, хоҳ меъёри иҷтимоии дорои хусусияти табъизӣ, беҳтар намудани дастрасии занон ба хизматрасонии сифатнокӣ тиббӣ, солимии репродуктивӣ, ба таҳсилот ва шуғли пурмаҳсул мусоидат менамоянд.

АДАБИЁТ:

1. В Таджикистане активно увеличивается число женщин, занимающихся изучением ледников[Электронный ресурс] https://e-cis.info/news/569/113565/ (дата обращения 7.04.25).
2. Гендерное равенство: почему это важно [Электронный ресурс]/ Режис доступа: https://unstats.un.org/sdgs/report/2020/goal-05/ (дата обращения: 7.04.25).
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон» [Матн]. – Душанбе, 2024. – С.32.

4. Протоколи факултативӣ ба Конвенсияи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон. Бо қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ аз 6 октябри соли 1999 54/4 қабул гардидааст.
5. Сотрудничество Таджикистана с ООН в области обеспечения гендерного равенства. https://www.mfa.tj/ru/main/view/4271/sotrudnichestvo-tadzhikistana-s-oon-v-oblasti-obespecheniya-gendernogo-ravenstva. (Дата обращения: 08.04.2025).
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Матн]. - Душанбе, 2016, -С.68-69.
7. Цель 5: Обеспечение гендерного равенства и расширение прав и возможностей всех женщин и девочек [Электронный ресурс] Режим доступа: https://www.un.org/ (дата обращения: 4.04.25).

БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ЗАМИНАИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР: МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТ

Мақола ба таҳлили мушкили таъмини баробарии гендерӣ ҳамчун яке аз Ҳадафҳои рушди устувор бахшида шудааст. Дар мақола зикр мегардад, ки Ҳадафи 5-уми андешидани тадбирҳоеро дар назар дорад, ки ба бартарафсозии нобаробарии гендерӣ равона шудаанд. Аҳаммияти масъала дар он ифода меёбад, ки сарфи назар аз чораҳои қаблан андешидашуда, нобаробарии гендерӣ то ҳол ҳамчун мушкили умумии ҷомеаи ҷаҳонӣ боқӣ мондааст. Бо мақсади расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми миллии татбиқи вазифаҳои дар доираи Ҳадафи зикршуда пешбинигардида таъсис ёфтааст. Сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба унсурҳои миллӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва таърихӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷик мутобиқ карда шудааст.

Калидвожаҳо: *гендер, нобаробарии гендерӣ, табъиз, дастрасӣ ба таҳсилот, таъминоти иҷтимоӣ, қолабҳои гендерӣ, сиёсати гендерӣ.*

ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО В КОНТЕКСТЕ ЦЕЛЕЙ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ: ЗНАЧЕНИЕ И РОЛЬ

